## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ: 343.98**
**ТКБ: 67.99 (2) 8**
**Ғ – 46**

**ҒАФОРОВА ШАҲНОЗА АБДУҶАББОРОВНА**

# ХУСУСИЯТҲОИ КРИМИНОЛОГИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор Назаров А.Қ.**

**ДУШАНБЕ –2023**

**Мундарича**


**Номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ**...............................................3

**Муқаддима**..........................................................................................4–25

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ВА ХУСУСИЯТҲОИ КРИМИНОЛОГИИ ОН**.......................................26–82

**1.1. Таҳлили криминологии мафҳум ва намудҳои зӯроварӣ дар оила**..........26

**1.2. Таҳлили муқоисавии зӯроварӣ дар оила дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил**..........................................................................................51

**1.3.Таҳқиқоти виктимологии зӯроварӣ дар оила**............................................65

**БОБИ 2. ТАВСИФНОМАИ КРИМИНОЛОГИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА**..........................................................................................83–169

**2.1. Нишондодҳои шуморавӣ ва сифатии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила**.........83

**2.2. Сабаб ва шароитҳои содир кардани ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила**.........108

**2.3. Чораҳои умумикриминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила**...................123

**2.4. Чораҳои махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила**................142

**Хулосаҳо**..................................................................................................170

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**.............................180

**Рӯйхати адабиёт (маъхазҳо)**....................................................................184

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ**................................207

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**КҶ – Кодекси ҷиноятӣ**

**КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**СММ – Созмони Милали Муттаҳид**

**ИДМ –Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил**

**ЮНИСЕФ – United Nations International Children's Emergency Fund**

**ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико**

**в. Суғд – вилояти Суғд**

**ВМКБ – Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон**

**в. Хатлон – вилояти Хатлон**

**НТМ – Ноҳияҳои тобеи марказ**

**ш. Душанбе – шаҳри Душанбе**

**МЗЗ – марказҳои захиравии занон**

**ММК – маркази миллии қонунгузорӣ**

**ВКД – Вазорати корҳои дохилӣ**

**ВКД ҶТ – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**м. – модда**

**ғ. – ғайра**

**с. – саҳифа**

**с. – сол**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир тамоюли болоравиро дошта, самтҳои нави таъсиррасон ба он пайдо шудааст ба монанди кирдорҳои зӯроварӣ дар оила. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки кирдорҳои зӯроварӣ дар оила боиси эътирози махсуси аҳли ҷомеа гардида, рафъи ин мушкилот яке аз талаботи ҷомеаи мутамаддин ба ҳисоб меравад. Агар ҷиноятҳои дар дигар самтҳо содиргардида, масалан ҷиноятҳо бар зидди моликият, ҳуқуқҳои фардӣ ва позитивии шаҳрвандон, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ ба аҳли ҷомеа ва давлат зарари ҷисмонӣ, иқтисодӣ ва рӯҳӣ расонанд ва ба фаъолияти муассисаҳо ва шахсони алоҳида монеа эҷод намоянду муносибатҳои ҷамъиятиро халалдор созанд, пас зӯроварӣ дар оила бошад ба арзиши олии иҷтимоию иқтисодии шахс– ҳаёт ва саломатии ӯ таъсир расонида, ӯро зери хатар мегузорад.

Муносибати зӯроварона дар оила ва тадбиқи зӯроварӣ дар оила, падидаи ғайриҷамъияӣ ба ҳисоб рафта, оқибатҳои манфиро ба бор оварданаш имкон дорад, ки дар натиҷа таъсири онро дар тамоми самтҳо мушоҳида намудан мумкин аст. Зӯроварӣ қобилияти иродаи шахсро коста намуда, мафҳуми шахсияти комилро аз байн мебарад, он аксаран ба ҳаёти инсон тағйиротҳои куллиро ворид намуда, муоширати муқарарии одамон ва асосҳои маънавии ҷамъиятиро вайрон мекунад. Ҳамзамон қобилияти таъсири манфӣ расонидан, ба рушди иқтисодӣ, афзоиши некуаҳволии моддӣ ва маънавии иҷтимоиро доро аст. Ба истиқлолияти миллӣ ва муносибатҳои байни давлатҳо низ таҳдид мерасонад[1]. Эҳсоси хатар намудан дар оила, тарс аз аъзои оила ё шахси наздики худ, ҳамзамон мавҷудияти ноамнии худу фарзандон дар оила, ин натиҷаи тадбиқи зӯроварӣ аз ҷониби аъзои дигари оила буда метавонад, ки сабаби ранҷу машақати инсон гардида, уро аз зиндагӣ дилсард намуда, дар замина ин кирдори номатлуб хашм, асабоният, қасосгирӣ, нобовариро ба

[1] Ниг.: Антонян Ю.М. Насилие. Человек. Общество: учебник. – М., 2001. – 247 с.

вуҷуд меорад ва ба занон, ноболиғон ва кудаки аъзои оила таъсири манфӣ мерасонад[2].

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки зӯроварӣ дар оила дар ҳаёти рӯзмарраи мардуми Тоҷикистон зиёд гардида, ин раванд дар самтҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ рӯ ба афзоиш дорад. Аз таҳлили маълумотҳои оморӣ бармеояд, ки дар Тоҷикистон ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила солҳои охир афзоиш ёфтааст. Барои рафъи ин мушкилот ва пешгирӣ кардани ин навъи ҷиноятҳо бояд таъсири огоҳӣ дар онҳо зиёдтар карда шавад, омилҳои бавуҷудорандаи ҷинояткорӣ дар муносибатҳои оилавӣ ва маишӣ таҳти назорати ҷиддӣ қарор дода шаванд. Яъне, дар ҷомеа масъалаи таъмини амнияти оила ва ҳифзи он нисбат ба таҳдид ва зӯроварии ҷинояткорона муҳимтар арзёбӣ гардад.

Тибқи маълумоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти афзоиши нишондоди латентентӣ дар муносибатҳои зӯроварӣ дар оила, аз соли 2010 то соли 2022 – 3 921 ҷиноят (бо дарназардошти моддаҳои 104–106, 108–113, 116–120, 125, 138–142, 147, 164–170, 174, 177–178 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон)[3] содир гардидааст. То соли 2021 бошад, 242 577 ҷиноят дар умум, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба қайд гирифта шудааст, ки 3 566 ҷинояташ хусусияти зӯроварӣ дар оиларо дорад, ки онҳо 1,47%–и ҷиноятҳои дар умум бақайдгирифташударо ташкил медиҳанд. То соли 2020 бошад, аз 218 459 ҷинояти ба қайд гирифташуда 1,41%–и онҳоро ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила ташкил намудаанд, ки онҳоро чунин метавон тасниф кард: одамкушӣ ва сӯиқасд ба он – 1 252 ҷиноят аз шумораи

---

[2] Ниг.: Базаров Р.А. Агрессия как биосоциальное явление / Р.А. Базаров // Проблемы борьбы с преступностью в регионах России: Материалы научно-практической конференции. – М., 1999. – С. 89-90.

[3] Кодекси ҷиноятии Ҷумхурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №9. – м.м. 68-69; – №22. – м. 306; – 1999. – №12. – м. 316; – 2001. – №4. – м. 149, м. 167; – 2002. – №11. – м. 675. – м. 750; – 2003. – №8. – м. 456. – м. 468; – 2004. – №5. – м. 346; – №7. – м.м. 452-453; – 2005. – №3. – м. 126; – №7. – м. 399; – №12. – м. 640; – 2007. – №7. – м. 665; – 2008. – №1. – қ. 1. – м. 3; – №6. – м. 444. – м. 447; – №10. – м. 803; – №12. – қ. 1. – м. 986; – №12. – қ. 2. – м. 992; – 2009. – №3. – м. 80; – №7-8. – м. 501; – 2010. – №3. – м. 155; – №7. – м. 550; – 2011. – №3. – м. 161; – №7-8. – м. 605; – 2012. – №4. – м. 258; – №7. – м. 694; – 2013. – №6. – м.м. 403-404; – №11. – м. 785; – №12. – м. 881; – 2014. – №3. – м. 141; – №7. – қ. 1. – м.м. 385-386; – 2015. – №3. – м.м. 198-199; – №11. – м. 949; – №12. – қ.1. – м. 1107; – 2016. – №3. – м. 127; – №5. – м.м. 355-356; – №7. – м.м. 608-609; – №11. – м.м. 874-875; – 2017. – №1-2. – м.м. 2-3. – №7-9. – м. 586; – 2018. – №1. – м.м. 4-5; – №5. – м. 266; – №7-8. – м. 522; – 2019. – №1. – м.м. 1-2; – №6. – м. 311; – 2020. – №1. – м.м. 8-9; – №7-9. – м. 607. – м. 623; – №12. – м. 904; – 2021. – №4. – м. 196; – №12. – қ. 2. – м. 683; ҚҶТ аз 19.07.2022. – №1895. – №1896.

умумии ҷиноятҳои зидди шахс аз ин миқдор, (28,60%–аш ҷинояти хусусияти зӯроваридошта дар оила), қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ – 1 180 ҷиноят дар умум (11,65% ҷинояти хусусияти зӯроваридошта дар оила), таҷовуз ба номус ва сӯиқасд ба номус – 570 ҷиноят дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз миқдори умумӣ 18,1%–аш ҷинояти хусусияти зӯроваридошта дар оила)[4].

Аз сабаби торафт амиқтар ворид шудани зӯроварӣ ба ҳаёти мо, яъне оила, ҷанбаи тарбиявӣ ва моҳияти инсондӯстӣ дар оила заиф гардида, дар ин замина ноболиғон ва кӯдакони аъзои оила аз назорат дур мемонанд, онҳо бепарастор мешаванд, дар натиҷаи ин омил ноболиғ ва кӯдакони аъзои оила ҳамзамон занон низ, ба таври мунтазам ба ҷинояткорӣ даст мезананд. Тавре маълум аст, зӯроварӣ дар оила падидаи нав набуда, он дар саросари ҷаҳон паҳн гаштааст ва ҳатто дар Конференсияи чоруми ҷаҳонии СММ оид ба занон (Пекин, 4–15 сентябри соли 1995) ин падида дар аксари кишварҳо ҳамчун «эпидемия» эътироф гардидааст. Иштирокчиёни Конгресси якуми криминологии Аврупо (Лозанна, сентябри 2001) масъалаи зӯроварӣ дар оиларо бо ҷиноятҳои муташаккил, нашъамандӣ ва терроризм дар як қатор гузоштаанд[5].

Ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила ва хавфи онҳо, на танҳо дар расонидани зарари дараҷаи гуногун ба саломатии инсон зоҳир мегарданд, балки  сабаби аз ҳаёт маҳрум намудани шахс низ гардида метавонад, ки аломати хавфи иҷтимоӣ доштани ин кирдорро нишон медиҳад. Зиёд гардидани кирдорҳои зӯроварона дар оила, боиси аз байн рафтани оила– ҳамчун ячейкаи асосӣ ва бунёди  он дар ҷомеа мегарданд. Ин раванд, оиларо ҳамчун бунёди асосии ҷомеа аз байн бурда, ба ҷанбаҳои ахлоқӣ зарари манфӣ ва такони ҷиддӣ мерасонад. Таъсири тадбиқи зӯроварӣ дар оиларо мо метавонем дар рафтори ноболиғон ва кудакон комилан мушоҳида намоем.

[4] Ниг.:Маълумотномаҳои омории расмии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД ҶТ аз 01.11.2020, таҳти №14/1-1260; Маълумотномаи омории расмии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД ҶТ аз 25.05.2022, таҳти №14/3-616; Маълумотномаи омории расмии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД ҶТ аз 16.12.2022, таҳти №14/3-1325; Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ (маҷмуаи оморӣ) / Агентии Омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – 702 с.

[5] Ниг.: Корбут Л.В., Поленина С.В. Международные конвенции и декларации о правах женщин и детей: Сб. универсальных и региональных международных документов. – М., 1997. – С. 78-107; Введение в проблему насилия в отношении женщин / Материалы семинара. – Воронеж, 1999. – С. 4.

Яъне оқибати онро ба аъзои ноболиғ ва хурдсоли оила осебпазир ва рӯҳафтодакунанда метавон арзёбӣ намуд. Дар маҷмуъ, зӯроварӣ дар оила, сабаби инкишоф ёфтани ҷинояткорӣ гардида, ба ҳамдигарфаҳмӣ, таҳким ва рушди муносибатҳои мусбати иҷтимоӣ халал мерасонад. Дар оилаҳое, ки дар онҳо зӯроварӣ дар ҳаёти ҳаррӯза, ҳамчун ҳалли мушкилот, ба амали муқарарӣ мубадал ёфтааст, дар оянда боиси он мегардад, ки ин амал доирааш васеъ гардида ба як роҳи муқаррарии ҳалли низоҳои пайдогардида, барои тамоми табақаҳо ва гурӯҳҳои аҳолӣ табдил меёбад. Ин раванд, умуман, ҳаёти ҷамъиятиро вайрон карда, ба амнияти миллӣ хавфи воқеӣ дорад. Ҳамин аст, ки бо мақсади андешидани чораҳои мушаххас, дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд гардидааст: «...Бо вуҷуди дастгирӣ аз ҳуқуқу манфиатҳои занону ҷавонон дар ин самт проблемаҳои ҳалталаб ҳанӯз зиёданд… Бояд гуфт, ки масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад»[6].

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Дар илми ҳуқуқшиносии муосир таҳқиқоти зиёди илмӣ ба мавзуи зӯроварӣ дар оила бахшида шудааст, ки як қисми онҳоро муаллиф ҳамчун асоси назариявии ин таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст. Ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаҳои ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила олимони зерин таваҷҷуҳ зоҳир

[6] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.01.2015 сол [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 21.12.2022).

намудаанд: Н.Б. Азимов[7], С.Э. Баҳриддинов[8], С.М. Бухориева[9], М. Давлатов[10], К.Д. Зарубина[11], Ю.В. Зырянова[12], А.Н. Ильяшенко[13], З.А. Камолов[14], Л. Колпакова[15], И.Г. Малкина–Пых[16], Ф.А. Меликов[17], А.Қ. Назаров[18], Л.О. Отабоева[19], Ф.Х. Рауфов[20], О.Э. Раҳмонова[21], А.И. Сафарзода[22], Л.В. Сердюк[23],

---

[7] Ниг.:Азимов Н.Б. Баъзе масъалаҳои такмилдиҳии моддаи 174 КҶ ҶТ барои иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба тарбияи ноболиғон / Н.Б. Азимов // 10 соли амали Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: натиҷа ва пешниҳод (маводи конфронси илмиву амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 10-солагии қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16-уми сентябри соли 2008). – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 109-114.

[8] Ниг.: Бахриддинов С.Э. Криминологическая характеристика убийства в РТ / С.Э. Бахриддинов // Материалы научно-теоретической конференции, посвященной 80-летию города Душанбе «Душанбе – символ мира, науки и просвещения». Часть 2. – Душанбе, 2004. – С. 39; Баҳриддинов С.Э. Оиди баъзе масъалаҳои пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С.Э. Баҳриддинов // Қонуният. – 2004. – №1. – С. 70-72; Баҳриддинов С.Э. Тавсифи криминологии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила / С.Э. Баҳриддинов // Маводҳои мизи мудаввар дар мавзуи «Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила» / Зери таҳрири д.и.ҳ., проф. Шарипов Т.Ш. – Душанбе, 2013. – С. 64-69; Баҳриддинзода С.Э., Баҳриддинова Д.С. Оила ва мавқеи он дар пешгирии ҷинояткорӣ / С.Э. Баҳриддинов, С.Д. Баҳриддинова // Қонунгузорӣ. – 2015. – №2 (18). – С. 20-22; Баҳриддинов С.Э. Криминология. – Душанбе, 2013. – 187 с.

[9] Ниг.: Бухориева С.М. Правовая политика Республики Таджикистан в сфере прав и свобод женщин: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2020. – 207 с.

[10] Ниг.: Давлатов М. Дастур оид ба офиятбахшии психологии ҷабрдидаҳои зӯроварӣ дар оила (дастури таълимӣ-методӣ барои донишҷӯёни ихтисоси психология). – Душанбе, 2016. – 98 с.

[11] Ниг.: Зарубина К.Д. Социальное неблагополучие и насилие в семье (криминологическое исследование): дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2013. – 210 с.

[12] Ниг.: Зырянова Ю.В. Криминологическая характеристика насилия в отношении несовершеннолетних членов семьи и его предупреждения (по материалам Южно-Сибирского региона): дис. ... канд. юрид. наук. – Абакан, 2017. – 348 с.

[13] Ниг.: Ильяшенко А.Н. Противодействие насильственной преступности в семье: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2003. – 511 с.

[14] Ниг.: Камолов З.А. Особенности регламентации ответственности за насильственные преступления в семье в уголовном законодательстве РТ / З.А. Камолов // Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (Маводи мизи мудаввар). – Душанбе, 2013. – С. 137-151.

[15] Ниг.: Колпакова Л. Насилие в семье: виктимологический аспект, дифференциация ответственности и вопросы законодательной техники: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2007. – 235 с.

[16] Ниг.: Малкина-Пых, И.Г. Виктимология. Психология поведения жертвы. Учебное пособие. – СПб.: Питер, 2017. – 832 с.

[17] Ниг.: Меликов Ф.А. Уголовно-правовые и криминологические меры противодействия насилию в семьи: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2017. – 187 с.

[18] Ниг.: Назаров А.К. Проблемы семейного насилия в уголовном праве ислама / А.К. Назаров // Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (Маводи мизи мудаввар). – Душанбе, 2013. – С. 109-129; Назаров А.Қ., Ғафорова Ш.А. Омилҳои криминологии зӯроварӣ нисбати ноболиғон дар оила / А.Қ. Назаров, Ш.А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №3-2. – С. 210-216; Назаров А.Қ., Ғафорова Ш.А. Сабабҳои криминологӣ ва психологии зӯроварӣ дар оила / А.Қ. Назаров, Ш.А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №6. – С. 211-217.

[19] Ниг.: Отабоева Л.О. Охрана личных прав и свобод женщин в семейно-бытовой сфере: уголовно-правовой и криминологический аспекты (по материалам Республики Таджикистан): дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2008. – 192 с.

[20] Ниг.: Рауфов Ф.Х. Ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ ҳамчун шакли зуҳури зӯроварии оилавӣ: масоил ва дурнамои инкишоф / Ф.Х. Рауфов // Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (Маводи мизи мудаввар). – Душанбе, 2013. – С. 27-51.

[21] Ниг.: Рахмонова О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане (1917-2011 гг.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2012. – 187 с.

[22] Ниг.: Сафарзода А.И., Шарипов Т.Ш. Оид ба баъзе паҳлуҳои мафҳуми ҷабрдида дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / А.И. Сафарзода, Т.Ш. Шарипов. – Душанбе, 2013. – С. 70 – 78.

[23] Ниг.: Сердюк Л.В Психическое насилие как предмет уголовно-правовой оценки следователем: учебное пособие. – Волгоград: Изд-во ВСШ МВД СССР, 1981. – 62 с.

Т.А. Сидоренкова[24], Б.Г. Тугельбаева[25], Х.А. Умаров[26], А.П. Фалин[27], Л.В. Франк[28], В.С. Харламов[29], Ҳ.Г. Ҷалолов[30], В. Шакина[31], С.С. Шарипов[32], Т.Ш. Шарипов[33], В.И. Шахов[34] ва дигарон. Қобили зикр аст, ки то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи ҷиноятҳои марбут ба зӯроварӣ дар оила, инчунин таснифи ин ҷиноятҳо ва роҳҳои такмили қонунгузории миллии ҷиноятӣ таҳқиқоти бунёдӣ вуҷуд надорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаҳои дурнамои корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия дар мавзуи «Хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он» ва корҳои илмӣ–таҳқиқотии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экпертизаи судии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз баррасии ҳамаҷонибаи масъалаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии асосҳои назариявӣ ва амалии истифодаи воситаҳои криминологӣ дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои

[24] Ниг.: Сидоренкова Т.А. Криминологические проблемы предупреждения насилия против женщин в семье: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 1999. – 226 с.
[25] Ниг.: Тугельбаева Б.Г. Проблемы преступного насилия в отношении женщин: предупреждение и борьба с последствиями (на материалах Кыргызской Республики): дис. … канд. юрид. наук. – Бишкек, 2005. – 379 с.
[26] Ниг.: Умаров Х.А., Нуралӣ М. Семейное неблогополучие как детерминант преступности несовершеннолетних / Х.А. Умаров, М. Нуралӣ // Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (Маводи мизи мудаввар). – Душанбе, 2013. – С. 170-177.
[27] Ниг.: Фалин А.П. Преступления против жизни несовершеннолетних, совершаемые в семье, как социальная и криминологическая проблема: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2002. – 182 с.
[28] Ниг.: Франк Л.В. Потерпевшие от преступления и проблемы советской виктимологии. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 240 с.
[29] Ниг.: Харламов В.С. Теория и практика противодействия преступному насилию в семье (системное криминологическое и уголовно-правовое исследование): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2019. – 43 с.
[30] Ниг.: Джалолов Х.Г. Криминологическая характеристика женской преступности в Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2020. – 179 с.
[31] Ниг.: Шакина В.А. Женщина как жертва семейного насилия в супружеских отношениях: Проблемы причины, предупреждение: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Иркутск, 2002. – 204 с.
[32] Ниг.: Шарипов С.С. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғон: дис. ... номз. илмҳ. ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – 204 с.
[33] Ниг.: Шарипов Т.Ш. Азобу укубат ҳамчун шакли зӯроварӣ дар оила / Т.Ш. Шарипов // Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (Маводи мизи мудаввар). – Душанбе, 2013. – С. 19-26; Шарипов Т.Ш. Даҳсолагии амали Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои минбаъдаи такмил додани он / Т.Ш. Шарипов // 10 соли амали Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: натиҷа ва пешниҳод (Маводи конфронси илмиву амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 10-солагии қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16-уми сентябри соли 2008). – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 28-36.
[34] Ниг.:Шахов В.И. Насилие в семье (уголовно-правовое и криминологическое значение): дис. … канд. юрид. наук. – Ижевск, 2003. – 197 с.

зӯроварӣ дар оила, инчунин, таҳияи пешниҳодҳои асоснок оид ба беҳтар намудани амалияи татбиқи ҳуқуқӣ ва пешгирӣ намудани ин навъи ҷиноятҳо вобаста ба вазъи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсадҳои зикргардида иҷрои вазифаҳои зерин пеш меояд:

– мураттаб сохтани консепсия ва таҳлилу баррасии навъҳои асосии зӯроварӣ дар оила;

– омӯзиши вазъи кунунии мушкилоти ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он;

– омӯзиши омилҳои зӯроварӣ дар оила;

– таҳқиқи ҳолат, сохтор ва пастуболравии (динамикаи) ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила;

– таҳлили сабаб ва шароитҳои содир кардани ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила;

– таҳлили чораҳои умумии криминологӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила;

– таҳлили чораҳои махсуси криминологӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсия маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятиеро ташкил менамояд, ки дар робита ба истифодаи зӯроварӣ дар оила, инчунин пешгирии он ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқотро қонуниятҳои зӯроварӣ дар оила, аз ҷумла сохтор, ҳолат ва пастуболоравии (динамикаи) он, хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор ва ҷабрдида дар ин навъи ҷиноятҳо, инчунин, сабабҳо ва шароитҳои муайянкунандаи ин навъи ҷиноят ва низоми роҳандозии чораҳои пешгирии ҷиноятҳои таҳлилгардида ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Дар диссертатсия бо мақсади омӯзиши мунтазам, пурра ва ҳамаҷонибаи хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила, сохтор, ҳолат ва пастуболоравии (динамикаи) он хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор ва ҷабрдида дар ин навъи ҷиноятҳо дар солҳои 2010–2022 дар қаламрави Ҷумҳурии

Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Бояд гуфт, ки дар рисолаи мавриди назар бо истифода аз методи муқоисавӣ–ҳуқуқӣ усулҳои муборизаи криминологӣ бар муқобили ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила бар асоси таҷриба ва қонунгузории давлатҳои мутараққии дунё мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсия солҳои 2017–2022–ро фаро мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро муқаррароти асосии таълимоти ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ ва хориҷӣ, криминология, инчунин асарҳои бевоситаи ба объекти таҳқиқ алоқаманди соҳаҳои назарияи умумии ҳуқуқ, ҳуқуқи байналмилалӣ,конститутсионӣ, оилавӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиаи судӣ, гражданӣ ва маъмурӣ, сотсиология, психология ва педагогика ташкил медиҳанд. Маводи конференсияҳои илмию амалӣ ва семинарҳо перомуни масъалаҳои мазкур таҳқиқу баррасӣ шудаанд.

Дар рафти таҳқиқоти илмӣ муаллиф ба осори олимони хориҷӣ ва ватанӣ ба монанди Н. Ахмедов, С.Э. Баҳриддинов, Ю.В. Зирянова, А.Н. Иляшенко, М.П. Ирина, Л. Колпакова, В. Косюба, Ф.А. Меликов, А.Қ. Назаров, Л.О. Отабоева, К.В. Самойленко, А.И. Сафарзода, Л.В. Сердюк, Т.А. Сидоренкова, Б.Г. Тугелбаева, А.П. Фалин, А.Л. Фатеев, Л.В. Франк, В.С. Харламов, В.И. Шакина, Ш.Т. Шарипов, В.И. Шахов ва дигарон, ки бевосита ба мавзуи рисола марбутанд, такя намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро ҷанбаҳои консептуалии илмҳои фалсафа, сотсиология, психология, назарияи гендерӣ, инчунин, назарияи фанҳои ҳуқуқӣ (криминология, ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонуни мурофиавии ҷиноятӣ) ташкил додаанд. Ҳамзамон, дар таҳқиқот усулҳои илмии ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, таҳлилӣ, усулҳои мушаххаси сотсиологӣ, омориву криминологӣ, таърихию ҳуқуқӣ, таҳлили системавии сохториву гендерӣ ва ғайра истифода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикии** таҳқиқоти диссертатсиониро маълумотҳои дақиқи оморӣ ташкил додаанд; асоснокнамоӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқикро инчунин таҳлили 160 маводи судӣ ва дигар амалияҳо оид ба ҷиноятҳои

зӯроварӣ дар оила, ки аз ҷониби судҳои шаҳри Душанбе, вилояти Хатлон, вилояти Суғд ва ВМБК дар солҳои 2010–2022 баррасӣ шудаанд, таъмин менамояд. Муаллифи рисола маълумоти омории солҳои 2010–2022, ки аз ҷониби Сармаркази иттилоотӣ–таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бойгонии судии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, маводи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистону Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд, таҳлилу баррасӣ намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Навгонии илмии рисола дар он ифода меёбад, ки масъалаи зӯроварӣ дар оила аз нуқтаи назари криминологӣ бори аввал ба шакли комплексӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ баррасӣ мешавад. Таҳлили криминологии дар кишварҳои хориҷӣ анҷомёфта дар самти муайян намудани асосҳои бунёдии фарқият ва сабабҳои содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти зӯроварӣ дар оила ба таври васеъ бозгӯӣ шуд. Дар рисола бори аввал қонуни ҶТ « Дар бораи зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он » ва дигар санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ вобаста ба зӯроварӣ дар оила таҳлил гардида, тавсифоти дахлдор пешниҳод карда шудааст. Хусусияти хосси як қатор ҷтноятҳо дар алоқамандӣ бо зӯроварӣ дар оила таҳлил гардида, зарурати ҷудо кардани онҳо ба таркибҳои махсусе, ки ҷавобгарии ҷиноятиро аз дигар навъи ҷиноятҳо фарқ мекунанд, асоснок карда шудааст.Таҳлили хусусиятҳои аз ҷиҳати криминологӣ муҳимми ин навъи ҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комплексӣ сурат гирифтааст. Дар диссертатсия тавсифи муфассали криминологии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила, инчунин шахсоне, ки онҳоро содир кардаанд, амалӣ гардид, инчунин, маҷмуи сабабҳои содир шудани ин намуди ҷиноятҳо таҳлил карда шуд. Дар баробари ин, навгонии илмии диссертатсия бо асосноксозӣ ва таҳияи як қатор чораҳои пешгирикунанда, аз ҷумла, дар қонунгузории Тоҷикистон қабул кардани меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба пешгирии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила нигаронида шудаанд, алоқаманд мебошад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда, мафҳуми зӯроварӣ дар оиларо ба таври зерин шарҳ метавон дод: зӯроварӣ дар оила ин кирдори ғайриқонунии қасдона дар дохили оила ё байни аъзоёни оила, дар доираи муносибати хешутаборӣ ва ё байни ҳамсарони собиқ содиршудае мебошад, ки бо роҳи расонидани зарари ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ва иқтисодӣ ва ё таҳдиди расонидани чунин зӯроварӣ нисбати ҷабрдидагони (қурбониёни) зӯроварии оилавӣ бо мақсади иҷрои амале ё худдорӣ аз иҷрои амале фаҳмида мешавад.

2. Дар асоси таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалияи судӣ–тафтишотӣ ва оморӣ, намудҳои зӯроварии оилавиро ба ин гуруҳҳо метавон ҷудо кард:

– зӯроварии ҷисмонӣ;

– зӯроварии рӯҳӣ (эҳсосотӣ);

– зӯроварии шаҳвонӣ;

– зӯроварии иқтисодӣ.

3. Аз нуқтаи назари криминологӣ, хусусиятҳои асосии зӯроварӣ дар оиларо ба таври зайл метавон тасниф кард: зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ аксаран нисбати занон, ноболиғон ва кӯдаки аъзои оила содир карда мешавад; ба сифати зӯроварон, дар бештари ҳолатҳо, хешовандони наздик амал менамоянд; зӯроварӣ зуҳуроти такроршаванда аст; аз таҷрибаи амалӣ бармеояд, ки ҷабрдидагон ва хешовандон ба мақомоти дахлдор нисбати зӯровар шикоят намекунанд; зӯроварӣ аксаран дар оилаҳое татбиқ мегардад, ки оила ба хотири фарзандон мустаҳкам аст; зӯроварӣ дар оила хусусияти даврӣ дорад ва шахси татбиқкунандаи зӯроварӣ дар оила дилхоҳ аъзои он буда метавонад.

4. Сабабу шароитҳое, ки ба содир намудани ҷинояти зӯроварӣ дар оила мусоидат мекунанд, аз унсурҳои умумии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, рӯҳӣ ва маънавӣ бархӯрдор мебошанд. Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва рӯҳӣ ба шахсият таъсири манфӣ мерасонад (бекорӣ, маоши паст, таҳрифи шуури ҳуқуқӣ ва ғайра), аммо омилҳои мушаххаси тарбиявӣ (ҳолати рӯҳӣ дар оила, тарзи ҳаёт, майзадагӣ, нашъамандӣ ва ғ.) ба шахсияти ҷинояткори эҳтимолӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Бинобар ин, ҳангоми тартиб додани низоми чораҳои пешгирии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила бештар ба чораҳои криминологӣ диққати махсус

бояд дод, ки онро чунин метавон арзёбӣ намуд:

Якум, низоми миллии пешгирии ҷиноятҳои бо зӯроварӣ вобастабуда афзалияти татбиқи ҷазоро баъди содир намудани ҷиноят ба ҳолатҳои пешгирикунандаи кирдор медиҳад. Дар ин маврид ба ҳолатҳои пешгирикунандаи кирдорҳои хусусияти зӯроваридошта диққати махсус бояд дод. Барои роҳандозии низоми мукаммал ташкили курсҳои кӯтоҳмуддат оид ба муносибатҳои оилавӣ, вохӯрӣ бо оилаҳо ва ғайра ба манфиати кор мебошад.

Дуюм, барои пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила истифодаи васоити ахбори омма (ВАО) муҳим аст, махсусан, дар ин самт ба роҳ мондани таблиғоти ҷамъиятие, ки онҳо ба мушкилоти зӯроварӣ дар оила равона шудаанд.

Сеюм, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷабрдидагони ҷиноятҳои дар оила содиргардида, то онҳо ба марказҳои дахлдор имкони мурочиат намуданро дошта бошанд ва, дар ин замина, ба онҳо ҷойи зисти муваққатӣ пешниҳод гардад ва ҳамчунин дар ҳолатҳои зарурӣ ба ҷабрдидагони (қурбониёни) зӯроварӣ дар оила ёрии тиббӣ ва рӯҳӣ расонида шавад. Яке аз мушкилоти ҷиддӣ дар ин самт маълумоти кофӣ надоштани аҳолӣ дар бораи чунин марказҳои дахлдор мебошад, бар замми ин, чунин марказҳо имрӯзҳо асосан дар шаҳрҳо мавҷуданд.

Чорум, дар қонунгузории ҷиноятӣ меъёри ҷавобгарӣ барои надодани маълумот дар бораи ҷинояти содиргашта нисбати ноболиғ ё кӯдаки аъзои оила ва ё волидайн бигзор татбиқ гардад ва дар ҳолати мавҷуд будани асосҳои кофӣ ба ҷинояткор ҷазо таъин карда шавад. Амалҳои зикргардида ба сатҳи латентнокии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила таъсири назаррас мерасонанд.

Панҷум, вобаста ба пешрафти технологӣ ҷорӣ намудани огоҳсозии фаврии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хуб бояд ба роҳ монда шавад, ки ин омил ба пешгирии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила таъсири мусбат мерасонад.

Доираи баррасии масоили виктимологияро вобаста ба ҷиноятҳо, махсусан ҷиноятҳои дар оила содиргардида, ба таври зайл метавон бозгӯӣ намуд:

а) дар таҳқиқоти мазкур ба мафҳуми ҷабрдидаи ҷиноят, махсусан ҷабрдидаи ҷиноятҳои дар оила содиргардида, диққати махсус дода шуда, зери мафҳуми ҷабрдидаи ҷиноят дар оила (қурбонии он) шахси воқеие фаҳмида мешавад, ки ба ӯ дар натиҷаи зӯроварӣ дар оила зарари ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ва ё иқтисодӣ расонида шудааст ва ё нисбати ин шахс таҳдиди воқеии расонидани зарар ба вуҷуд оварда шудааст.

б) ҳолати виктимии шахсиро ба ду маъно метавон маънидод сохт: ҳамчун сифати объективӣ ва сифати субъективи шахс. Бо дарназардошти чунин таснифот ҳолати виктимии шахсиро ба гуруҳҳои зерин метавон ҷудо намуд: вобаста ба хислатҳои объективии шахсият; дар асоси вазнинии ҷиноятҳое, ки ба онҳо зарар расонида шудааст; вобаста ба зуҳуроти он дар ҷанбаҳои мухталифи ҳаёт; вобаста ба механизми ҳукмфармоии психологӣ; вобаста ба шумораи шахсони иштироккунанда; вобаста ба вақти амалӣ гардидани он; вобаста ба муносибати шахс ба фаъолияти касбӣ оид ба таъмини амният; вобаста ба сатҳи психологии виктимӣ; вобаста ба давомнокии он ва ғ.

в) ба шахси ҷабрдида дар натиҷаи зӯроварӣ дар оила аксаран рафтори нейтралӣ хос буда, ҷинояткор дар оила ҷабрдидаи ҷиноятро маҳз аз сабаби виктимии ба он хос «интихоб» менамояд. Вобаста ба предмети таҳқиқот, баъзе намудҳои ҷабрдидагон (қурбони)–и шахсӣ, ба монанди ҷинс ва синну сол, ба ноболиғону занон бештар хос буда, виктими потологӣ ва деформатсияи виктимогении шахс асосан мансуб ба қобилияти рӯҳии ҷабрдидае мебошад, ки алоқамандии ӯро бо ҷомеа инъикос намуда, ин омил раванди иҷтимоиёти шахсӣ мебошад.

г) вобаста ба ҳолати виктимии ҷабрдида ва омилҳои таъсиррасонии ӯ ба содир шудани ҷиноятҳо дар самти зӯроварӣ дар оила се гуруҳи ҳолати виктимии ҷабрдидаро муайян менамоем: 1) ҳолати виктимии хашмгин дар оила, 2) ҳолати виктимии фаъол дар оила, 3) ҳолати виктимии ғайрифаъол дар оила.

6. Дар асоси таҳлили ҳамаҷониба, чунин аломатҳои ҷабрдидагони (қурбониёни) ҷинояти зӯроварӣ дар оиларо ҷудо намудан мувофиқи мақсад мебошад:

**1. Ҳолати виктимии хашмгин дар оила**: ҳолати виктимӣ дар натиҷаи ба даст овардани фоидаи моддӣ; ҳолати виктимии шаҳвонӣ; ҳолати виктимии дар натиҷаи рафтори авбошона бавуҷудомада; ҳолати виктимии дар натиҷаи қасосгирӣ бамиёномада; ҳолати виктимии дар шароити низоъ бавуҷудомада.

**2. Ҳолати виктимии фаъол дар оила.** Ба ин навъи қурбониён шахсоне дар оила дохил мегарданд, ки ҳаракатҳои ғайрихашмгинона доранд, аммо, дар натиҷа, аз кирдори содиргардида ба худи онҳо зарар расонида мешавад. Бо дарназардошти хусусияти рафтор ва муносибатҳо бо оқибатҳои виктимӣ дар оила онро ба таври зайл метавон тасниф кард: **иғвогарии бошуурона** дар оила; иғвогарӣ аз беэҳтиётӣ; худзарарресонии бошуурона; худзарарресонӣ аз беэҳтиётӣ дар оила.

**3. Виктими ғайрифаъол дар оила.** Ин навъи ҷабрдида шахсест, ки ба ҳаракатҳои зӯроварии бо сабабҳои гуногун дар оила баамаломада муқовимат нишон намедиҳад: (бо сабаби аъзои як оила буданашон; (аз ҷониби занон, ба мақомотҳои дахлдор муроҷиат накардан бо сабаби вобастагии иқтисодӣ доштан аз шавҳарон ё надоштани маълумоти кофӣ оид ба ҳуқуқҳои худ ва эътирофи онҳо аз ҷониби дигар аъзоёни оила); синну сол (қувваи нобаробари ҷисмонии зан нисбати мард ё кӯдак нисбати волидайн ва ноболиғон мутаносибан бо падар ё бародарони калонсол, ҳамчунин, нобаробарии қувваи ҷисмонии аъзои пиронсоли оила нисбати дигар аъзоёни оила).

7. Ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила дар солҳои 2010–2022 мавриди таҳлил қарор дода шуда, дар ин замина, муайян гардид, ки зӯроварӣ дар оила, аввалан, нисбати занон (дар 2965 ҳолат), баъдан, ноболиғон аз ҳисоби умумии ҷиноятҳои содиргардида дар оила (2108 ҳолат) ва миқдори ками онҳо нисбати мардон (дар 1028 ҳолат) содир гардидааст. Ҳамзамон, муқаррар гардид, ки вобаста бо баъзе моддаҳои КҶ ҶТ, ҳолатҳои ҷиноятҳои алоқаманд бо зӯроварӣ дар оила, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас кам гардида истодааст. Ин раванд аз он шаҳодат медиҳад, ки солҳои охир бар

зидди зӯроварӣ дар оила ҳамчун тамоюли манфии иҷтимоӣ ва коҳиш додани кирдорҳои ҷиноятӣ дар вобастагӣ ба ин категория аз ҷониби мақомотҳои дахлдор мубориза хуб ба роҳ монда шудааст. Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки маълумотҳои мавҷуда вазъи воқеии ҷиноятиро дар вобастагӣ бо зӯроварӣ дар оила пурра инъикос намекунанд, онҳоро танҳо нишондиҳандаҳои умумии зуҳуроти ҷиноятии категорияи мазкур метавон арзёбӣ намуд.

8. Пастуболоравии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила аз он далолат медиҳанд, ки давраи таназзули (камшавии) ин намуди ҷиноятҳо ба соли 2010 рост меояд, ки он 3,18%–и ҷиноятҳои умумии бақайдгирфташударо дар солҳои 2010–2022 ташкил додааст. Миқдори зиёдтарини ин ҷиноятҳо дар давраи таҳлилӣ ба соли 2020 рост меояд, ки он 13,69%–и ҷиноятҳои таҳлилнамудаамонро ташкил додаанд. Ҳамзамон, афзоиши солонаи ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила бо тағйирёбии назаррас фарқ мекунанд.

9. Дар солҳои таҳлилӣ (2010–2022) дар қисми зиёди ҷиноятҳо (ғайр аз моддаи 112 КҶ ҶТ – қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ) шуруъ аз соли 2016 инкишофёбии назаррасро мушоҳида кардан мумкин аст, ки хусусиятҳои онҳо ба тарзи мушаххас дар рисола дарҷ гардидаанд. Дигар хусусиятҳои ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила ба таври зерин арзёбӣ гардидаанд:

1. Ҳамчун тарзи содир намудани ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар ҷиноятҳои аз ҳаёт маҳрум намудан истифодаи корди хоҷагӣ, буғӣ намудани ҷабрдида, таъсири манфии рӯҳӣ расонидан ба ҷабрдида; дар дигар ҷиноятҳо таъсиррасонии иқтисодӣ; зарарҳои гуногуни ҷисмонӣ расонидан ба ҷабрдида ва дар ҷиноятҳои хусусияти шаҳвонидошта аз оҷизии ҷабрдида истифода намудан бештар ба назар мерасад.

2. Дар минтақаи содирнамудаи ҷиноятҳои мазкур мавқеи аввалиндараҷаро содир нашудани ин навъи ҷиноятҳо дар ноҳияҳо, деҳоти кишвар ва баъдан, шаҳрҳо ишғол менамоянд.

3. Дар солҳои 2020–2021 паталогияи ҷиноятӣ дар вобастагӣ бо зӯроварӣ дар оила бештар ба вилояти Суғд ва ноҳияҳои тобеъи марказ (НТМ)

таъсирбахш ба назар мерасад. Дар минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ ҷиноятҳои бақайдгирифташуда оид ба зӯроварӣ дар оила камтар мебошанд (ин ҳолат ба муроҷиат накардани занон ба мақомоти дахлдор вобастагӣ дошта, он метавонад хусусияти анъанавӣ ва ё маҳаллӣ дошта бошад).

4. Ҷойи содир намудани ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оиларо (бе дарназардошти моддаи 177 КҶ ҶТ) асосан манзили зисти аъзоёни оила ташкил медиҳад. Вақти содиршавии зуҳуроти мазкур бошад, асосан ба соати $12^{00}$ то $24^{00}$ рост омада, эҳтимоли ками зуҳурёбии зӯроварӣ дар оила ба вақти субҳгоҳон, аз соати $6^{00}$ то $12^{00}$ муқаррар шудааст.

5. Оид ба зуҳуроти ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила вобаста ба рӯзҳои ҳафта онҳо бо дарназардошти менталитети миллӣ, ҷанбаҳои мантиқӣ, таҳлили криминологӣ гузаронида шуда, нишондиҳандаи рӯзи содирнамоии ҷиноятқорӣ дар самти муносибатҳои оилавӣ ба ҳамаи рӯзҳо дар ҳафта баробар тақсим карда шудаанд.

10. Дар пешгирии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила чораҳои умумикриминологии татбиқшаванда, ки ба рафъи омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила мусоидат мекунанд, аҳаммияти аввалиндараҷаро касб менамоянд. Бо дарназардошти хусусиятҳои умумии сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию маънавӣ доштани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, дар умум, онро ба намудҳои мушаххас метавон ҷудо кард:

1. Чораҳои пешанамудаи сиёсати давлатӣ оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ;

2. Чораҳои умумикриминологии иқтисодӣ;

3. Чораҳои умумикриминологии иҷтимоӣ;

4. Чораҳои умумикриминологии маънавӣ.

11. Бо дарназардошти принсипҳои зикргардида, имконияти тасниф кардани субъектони махсуси пешгирии криминологии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оиларо ба таври зерин метавон пешниҳод кард:

1. Давлатӣ ва ғайридавлатӣ: мақомотҳои давлатӣ дар навбати худ ба қонунгузор, иҷроия ва судӣ ҷудо мегарданд (Фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон оид ба зӯроварӣ дар оила, мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак, фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила).

2. Фардӣ ва коллективӣ (марказҳои ёрирасон, бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон).

3. Субъекти сатҳи ҷумҳуриявӣ ё сатҳи маҳаллии муайян (мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо).

4. Субъектоне, ки фаъолияташонро дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила, дар соҳаҳои тиб, ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои аъзоёни оила ба роҳ мемонанд (фаъолияти мақомотҳои соҳаи маориф оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, мақомотҳои соҳаи тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила).

12. Чораҳои махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила аз доираи васеи чораҳои гуногунҷабҳа иборатанд, ки онҳо бевосита ба рафъи бартарафнамоӣ, безараргардонӣ ва кам кардани омилҳои криминогенӣ дар оила нигаронида шудаанд.

Чораҳои **махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оиларо ба намудҳои зерин метавон тақсим кард:**

1. Чораҳои пешгирии ҳолатҳое, ки сабаби содир гардидани ҷинояти хусусияти зӯроваридошта дар оила мегарданд.

2. Чораҳои аз байн бурдани зӯроварӣ дар оила.

3. Чораҳои мурофиавӣ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳои хусусии айбдоркунӣ дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ.

4. Чораи таҳлилӣ дар оилаҳое, ки дар онҳо кирдори зӯроварона содир мегардад.

5. Чораҳои дигари махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила.

13. Барои пурра фаро гирифтан ва ба натиҷаи назаррас ноил гардидан чорабиниҳои пешгирикунанда барои беҳтар намудани вазъи оила бо дарназардошти омилҳои зерин бояд амалӣ карда шаванд: 1) муайян кардани

оилаҳои носолим; 2) ташхиси мушкилоти дар оила пайдогардида; 3) татбиқи чораҳои пешгирикунанда барои муътадил намудани микромуҳит дар оила; 4) андешидани чораҳои таъсиррасонии маъмурӣ ва ҷиноятӣ–ҳуқуқӣ нисбати шахсоне, ки дар оила ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷинояти хусусияти зӯроваридоштаро содир мекунанд. Муайян кардани оилаҳое, ки дар онҳо муноқишаҳои оилавӣ, рафтори хашмгин ва зӯроварии аъзоёни он васеъ паҳн шудаанд.

Бо ин мақсадҳо зарур аст, ки машваратҳо бо худи аъзои оилаҳои носолим, ҳамсояҳои онҳо, намояндагони маъмурият ё кормандони муассисаҳои таълимӣ, фароғатӣ, варзишӣ, манзил ва дигар шахсоне, ки маълумоти дахлдор доранд, гузаронида шаванд. Барои муайян кардани оилаҳое, ки муносибатҳои носолими эҳсосӣ–муноқишавии ҳамсарон, падару модарон, кӯдакон ва аъзои ноболиғи оила вуҷуд доранд, тавсия метавон дод, ки машваратҳо дар муассисаҳои таълимӣ, инчунин, дар муассисаҳои томактабӣ гузаронида шаванд. Худи кӯдакон ё аъзоёни ноболиғи оила ва волидайни онҳо, хешовандони наздик (бародарону хоҳарони калонсол, бибиҳо, бобоҳо) бо ёрии омӯзгорон ва дигар ашхосе, ки фаъолияташон ба ин самт алоқамандӣ доранд, ба муошират ҷалб гарданд (масалан, равоншиносон, ҳуқуқшиносон–криминологҳо ва ғ.). Барои таҳияи чунин машваратҳо мутахассисонро аз соҳаҳои гуногун: ба монанди равоншиносон, омӯзгорон, ҳуқуқшиносон, ҷомеашиносон, табибон ва ғайра бояд ҷалб кард.

14. Самти асосии мубориза бо ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила бояд рушди низоми кумаки иҷтимоӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва хизматрасонии иҷтимоии барои ҳама дастрас дар ин самт эътироф карда шавад. Дар баробари ин, субъектҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила бояд аз чораҳои таъсиррасонии ҷиноятӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоию рӯҳӣ истифода баранд. Умуман, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии пешгирии криминологии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ бояд вазифадор карда шаванд, ки чорабиниҳоро оид ба таҳкими оила, беҳтар намудани муҳити оилавӣ ба таври комплексӣ ба нақша гиранд ва, ҳамзамон, барои татбиқ намудани чораҳои пешгирии

криминологии умумӣ ва махсус саъю кӯшиш намоянд, ҳамчунин, бахри натиҷагирӣ чораҳои зеринро дар ин самт роҳандозӣ намоянд:

– меъёрҳои махсуси пешгирии криминологии ҷинояткорӣ, ин маҷмуи усулҳо ва воситаҳое мебошанд, ки ба рафъи сабабҳои содир намудани ҷиноят ё мушаххасан ба аз байн бурдани ҷиноятҳои бо зуҳуроти мазкур пайдошаванда нигаронида шудаанд. Аз сабаби он ки онҳо бо субъектони муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ вобастаанд, миқёси татбиқи онҳо нисбат ба меъёрҳои умумиичтимоӣ камтар аст. Ҳамзамон, дар баъзе ҳолатҳо онҳо миқёсан васеъ гардида, ба тамоми соҳаҳои ҷамъияӣ ва субъектони алоҳидаи он паҳн мегарданд. Объекти чунин пешгириро ҷинояткорӣ, дар умум, намудҳои он ва ҷиноятҳои алоҳида ташкил медиҳанд.

– меъёрҳои махсуси пешгирии криминологии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила раванди иҷтимоие мебошад, ки асоси онро татбиқи усулҳои махсуси ба талаботи ахлоқу меъёрҳои қонуният ҷавобгӯйбуда, донишу малакаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ дар умум, ки бо мақсади рафъи он оқибатҳои нохуше, ки сабаби содирнамоии ҷиноят мегарданд, ташкил медиҳанд.

– меъёрҳои махсуси пешгирии криминологии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта, ки нисбати аъзои оила ва ё дигар хешовандон содир мегарданд, донишҳои махсуси криминологиро талаб намуда, онҳо барои таҳияи нақшаҳои комплексӣ ва барномаҳои мушаххас оид ба татбиқи чораҳои пешгирикунандаи ин раванд заруранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода ёфтааст, ки натиҷаҳои кори илмӣ барои дарки илмии мафҳуми криминологии муқовимат ба зӯроварӣ дар оила поя гузошта, он барои такмили таҳқиқоти илмӣ дар соҳаҳои ҳуқуқиву ҷиноятӣ ва криминологӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи шахс аз зӯроварии хешу табор ва дигар аъзоёни оила замина фароҳам меорад; хулоса ва таклифҳои дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот бадастомада дар инкишофи минбаъдаи донишҳои назариявӣ оид ба ҷинояткории зӯроварӣ дар оила ва имконоти мубориза бар зидди ин намуди ҷиноятҳо поягузории мустаҳками илмиро ба миён меорад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқотро чунин метавон арзёбӣ намуд, ки натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷавобгарӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила истифода шаванд; дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии оила ва аъзоёни онро муҳофизат мекунанд, ба таври васеъ ба кор бурда шавад; дар корҳои таҳқиқотии мансуб ба таҳлили минбаъдаи манфиатҳои оила ва ноболиғон, инчунин, дар ҷараёни таълим дар донишкада ва факултетҳои ҳуқуқшиносӣ ҳангоми омӯзиши курси ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, курсҳои махсуси ин соҳа (аз ҷумла, дар муассисаҳои таълимии соҳаи педагогӣ) мавриди истифода қарор гирад; дар такмили ихтисоси кормандони соҳа ва хизматчиёни давлатӣ ва бозомӯзии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, омӯзгорон ва равоншиносон ба таври васеъ истифода бурда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар истифодаи усулҳои муосири тадқиқот, ки ба мақсад ва вазифаҳои муқарраршудаи кор мувофиқат мекунанд, ифода меёбад. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ ба даст оварда шудаанд. Инчунин, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра фароҳам овардаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқот, аз ҷумла, хулосаҳои назариявию амалӣ, пешниҳоду тавсияҳо, инчунин, муқаррароти илмии барои ҳимоя пешниҳодшударо дар амалияи ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила, инчунин, дар таҳия ва такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила, дар амалияи татбиқи ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон истифода бурд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ ва кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ–назариявӣ ва илмиву амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои илмӣ дар шакли маърузаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

а) **байналмилалӣ**:

– конференсияи илмӣ–амалии байналмилалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва муқовимат бо коррупсия дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсия, воқеият ва дурнамо» (Душанбе, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 03 декабри соли 2021);

– конференсияи илмӣ–амалӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон. Маҷаллаи «Endless Light in Science» дар мавзуи «Сироят кардан ба бемории вируси норасоии масуният одам, ҳамчун шакли зуҳури зӯроварӣ дар оила» (Алмаато, Қазоқистон, 21 ноябри соли 2022);

– конференсияи байналмилалии илмию амалӣ таҳти унвони «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» (Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 09 декабри соли 2022);

– III конференсияи байналмилалии илмию амалӣ таҳти унвони « Зӯрроварӣ дар оила: ҷавобгарӣ ва пешгирӣ» таҳти унвони: Анализ некоторых криминолого–

правовых мер по предупреждению насилия в семье в Республике Таджикистан (18 ноябри соли 2022);

– конференсияи илмӣ–амалӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон. Маҷаллаи «Endless Light in Science» дар мавзуи «Сиёсати давлатӣ оид баланд бардоштани нақши зан дар ҷомеа ва пешгирии зӯроварӣ дар оила, дар  Ҷумҳурии Тоҷикистон » (Алмаато, Қазоқистон,  декабри соли 2022);

– конференсияи байналмилалии илмию амалӣ таҳти унвони «XIII Ломоносовские чтения», бахшида ба 115–солагии Академик Бобоҷон Гафуров дар мавзӯи: Таҳлили криминологии монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосӣ, ҳамчун зуҳури зӯроварӣ дар оила (28–29 апреля 2023 года).

б) **ҷумҳуриявӣ**:

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ таҳти унвони «Рушди фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 16 феврали соли 2022);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ дар мавзуи «Саҳми занон дар рушди илм» (Душанбе, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 18 феврали соли 2022);

– конференсияи илмӣ–назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба 30–солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019–2021). дар мавзуи «Таҳлили криминологии моддаҳои кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар алоқамандӣ бо зуҳуроти зӯроварӣ дар оила» (Душанбе, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, (12–17 апрели соли 2021);

– IX Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалии «Нақши занон дар рушди илмҳои дақиқ» бахшида ба Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020–2040) ва Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон дар илм дар мавзӯи «Монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосӣ (нӯҳсола), ҳамчун зуҳури зӯроварӣ дар оила» (24–уми феврали соли 2023).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсия аз ҷониби муаллиф 1 монография 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сарсухан, ду боб, 7 зербоб, хулоса, тавсия ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 206 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ВА ХУСУСИЯТҲОИ КРИМИНОЛОГИИ ОН

## 1.1. Таҳлили криминологии мафҳум ва намудҳои зӯроварӣ дар оила

Оила ҷузъи асосӣ ва муҳими сохтори ҷомеаъ ба ҳисоб рафта, асосҳои меъёрҳои иҷтимоиро ба вуҷуд меоварад, инчунин ба раванди мутобиқшавии иҷтимоии ҳар як шахс таъсир мерасонад. Аз ин рӯ устувориву солимии оила яке аз шартҳои асосии тараққиёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва амнияти стратегии давлат ба ҳисоб меравад. Беҳуда нест, ки сиёсати давлатӣ дар самти оила ба яке аз падидаи афзалиятнок қарор гирифтааст. Зӯроварӣ дар оила яке аз мушкилоти асосии ҷамиятие мебошад, ки ба институтҳои асосии иҷтимоӣ, аз ҷумла ба институти оила, ба таври назаррас таъсир мерасонад.

Дар баъзе мавридҳо зӯровариро ашхоси муайян ба манфиати ғаразноки худ бо мақсади нишон додани қувват, қудрат ва ҳаловат бурдан аз эҳсоси лаззатбахшӣ истифода мебаранд. Ҳамчун қоида, ин дарки изтироби баланди шахси алоҳида, гуруҳ, созмонҳо мебошад, ки истифодаи зӯроварӣ мақсади исботи қувваи худ, аҳаммиятнокӣ ва қудрат барои дигарон мебошад[35]. Дар ҷамъият нисбати иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ бо василае алоқамандӣ ё маҳдуднамоии ҳуқуқҳо байни ҳамдигарӣ дида мешавад. Мафҳуми «зӯроварӣ» одатан барои тавсифи муносибатҳои инсонӣ истифода бурда мешавад. Истифодаи ақидаҳои олимон барои таҳлили амиқи мафҳуми зӯроварӣ ба мақсад мувофиқ аст. Аз ҷумла, Б.О. Александровна бар он нуқтаи назар аст, ки «зӯроварӣ» бо фарҳанги мушаххас (алоҳида) вобастагии кам дорад, зеро дар ин ҷо меъёрҳои объективӣ барои муайян намудани дараҷа ва намудҳои таъсиррасонии беруна ба иродаи субъект мавҷуданд[36]. Новобаста аз сатҳи маданият ва ҷаҳонбинии ин ё он халқ зӯроварӣ дар оила мавҷуд буда, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба яке аз зуҳуроти хавфнок табдил ёфтааст. Яъне, ҳаминро

---

[35] Ниг.: Александровна Б.О. Понятие и виды насилия в преступлениях против собственности в теории уголовного права Росии / Б.О. Александровна [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: // cyberleninka.ru (санаи муроҷиат: 1.02.2021).

[36] Ниг.: Александровна Б.О. Асари зикршуда [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: // cyberleninka.ru (санаи муроҷиат: 1.02.2021).

бояд қайд намуд, ки ба ҳаёти шахсии одамон то дараҷае урфу одатҳо таъсир мерасонанд. Аз ин ҷо, нақши субъектони оилавӣ дар фарҳангҳо, вобаста ба манотиқ ва анъанаҳои пешин аз ҳамдигар фарқият доранд.

Дар адабиёти илмӣ муҳтавои мафҳуми «зӯроварӣ» вобаста ба усулҳои биологӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ омӯхта мешавад. Яъне, вобаста ба усуле, ки тибқи он муҳтавои мафҳуми «зӯроварӣ» (биологӣ, психологӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ) омӯхта мешавад, шакл, сохтор ва мазмуни гуногуни онро дар адабиёти илмӣ ҷудо намудаанд[37]. Бо мақсади арзёбӣ ва тафсири ҳуқуқии зӯроварӣ, ки назарияҳои мавҷудаи зӯровариро дар соҳаҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносӣ дар бар мегиранд, дар таҳқиқот бевосита мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Аз ҷиҳати фалсафӣ, зӯроварӣ як категорияи фалсафа аст, ки бо қонуни ягонагии ҳаёти инсонӣ мубориза мебарад. Таҳлили назариявии мушкилоти зӯроварӣ, пеш аз ҳама, омӯзиши ҳамаҷонибаи генезиси рафтори зӯроварона, хушунат ва хашму ғазабро тақозо менамояд. Ин яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини мушкилот аст, ки посухи суолҳои зеринро муайян менамояд. Манбаъ ва хусусияти зӯроварӣ дар чист? Омили хашму ғазаби инсон асосан кадом аст – омили биологӣ ё иҷтимоӣ?

Назарияҳои зиёде ба мушкилоти зӯроварӣ бахшида шудаанд, ки тавсифоти он дар адабиёти илмӣ–ҳуқуқӣ пешбинӣ карда шудааст[38]. Гегел дар асари худ «Фалсафаи ҳуқуқ» навиштааст: «Зӯроварии аз ҷониби дигарон нисбати ҷисми ман содиргардида – ин зӯроварӣ нисбати ман аст... Шахсро ҳамчун як махлуқи зинда маҷбур намудан, барои ба худ тобеъ намудани қудрати ҷисмонӣ ё, умуман, ҳолати берунии ӯ мумкин аст, аммо озодии

---

[37] Ниг.: Зубков В.И. Опыт изучения семейного насилия в современной России / В.И. Зубков // Социально-гуманитарные знания. – 2012. – №5. – С. 250-266; Ильяшенко А.Н. Основные черты насильственной преступности в семье / А.Н. Ильяшенко // Социс. – 2003. – №4. – С. 85-90.

[38] Ниг.: Харламов В.С. Теория и практика противодействия преступному насилию в семье (системное криминологическое и уголовно-правовое исследование): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2019. – 43 с.; Сафарова З.Р. Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра: дис. ... ном. илм. психологӣ. – Душанбе, 2021. – 190 с.; Богдан С.С. Человеческая деструктивность как форма агрессии: экзистенциально-гуманистический подход: дис. ... канд. филос. наук. – Сургут, 2012. – 154 с.

иродаро дар худ ва ё барои тобеияти худ маҷбур намудан ғайриимкон аст, то вақте ки худи шахс ба таъсироти берунӣ ва ҳолате, ки ӯро нигоҳ медоранд, тобеъ нагардад». Маҷбурнамоӣ нисбати шахсе содир мегардад, ки ӯ хоҳиши маҷбуршавиро дорад.

Аз нуқтаи назари забоншиносӣ бошад, зӯроварӣ – ин дар аввал ибораест, ки дар ҳаёти ҳаррӯза барои ифодаи амалҳои муайян истифода бурда мешавад ва он дар ҳамон ҷомеае истифода бурда мешавад, ки амали конуниятҳои зиндагӣ коста гаштааст. Дар луғати В.И. Дал «Зӯроварӣ» чунин фаҳмида мешавад: «маҷбуркунӣ, асирӣ, амали шармовар, таҳқиромез, ғайриқонунӣ, қасдан»[39]. Ба ҳамин монанд луғати энсиклопедии Ф.А. Брокгауза ва И.А. Ефрона чунин ифодаро пешниҳод менамояд: «Зӯроварӣ – ин истифодаи ғайриқонунии қувва нисбати шахси ҷабрдида, маҷбурнамоии ӯ барои содир намудан ё содир накардани амале, барои таҷрибагузаронӣ ё тобеъномоӣ»[40] мебошад. Охирон бештар дар шакли таҳдид амалӣ гардонида мешавад. Зӯроварӣ метавонад воситаи содир намудани ҷинояти дигар бошад (ғоратгарӣ, дуздӣ, таҷовуз, дахолат ба озодиҳои шахс). Дар ин ҳолат зӯроварӣ ба таркиби охирон дохил мегардад ва онро инъикос менамояд. Чунин шарҳ дар луғати забони русии С.И. Ожегов низ мавҷуд аст: «1. Истифодаи қувваи ҷисмонӣ нисбати касе (амали зӯроварӣ нисбати шахсе, ки нишонаҳои зӯроварӣ дар бадан дорад). 2. Таъсиррасонии маҷбурӣ ба касе; вайрон намудани дахлнопазирии шахсӣ (зӯроварӣ ба шахс). 3. Зулм, беқонунӣ (худсарӣ)»[41]. С.А. Кузнетсов дар луғати забони русӣ мафҳуми зӯровариро чунин овардааст: «Зӯроварӣ – истифодаи бераҳмонаи қувваи ҷисмонӣ ё таъсиррасонии маънавӣ. Дар бораи таъсиррасонии ғайритабии ба чизе»[42]. Умуман, зӯроварӣ мафҳуми иловагиест, ки дар ҳолати татбиқ нагардидани

[39] Даль В.И. Толковый словарь живого великорусского языка. Том 4. 2-е изд. – СПб, 1882. – 699 с.
[40] Энциклопедический словарь [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:// runivers.ru (санаи муроҷиат: 08.10.2020).
[41] Endic / Словари и энциклопедии [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:// endic. ru (санаи муроҷиат: 10.11.2020).
[42] Толковый словарь Кузнецова [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://gufo.me (санаи муроҷиат: 29.05.2020).

дигар мафҳумҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, барои таҳлили кирдор, истифода бурда мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар луғати забони тоҷикӣ ба сифати калимаи ҳаммаънои зуҳуроти зӯроварӣ калимаи хушунат низ вомехӯрад, ки барои дарки зӯроварӣ ва алоқамандии он бо хушунат таҳлили амиқи маъноҳои онҳо лозим меояд. Аслан, хушунат падидаи нав набуда, аз давраҳои қадим то имрӯз боқӣ мондааст. Агар калимаи хушунатро таҳлил намоем, муайян мегардад, ки хушунат аз калимаи арабии «хашуна» ё «яхшуну» гирифта шуда, маънои дағал будан, ба касе дағалӣ кардан ва дуруштиро дорад[43]. Пас, суол ба миён меояд, ки хушунат бо зӯроварӣ ҳаммаъно ҳастанд ё не? Дар фарҳанги забони тоҷикӣ ва фарҳанги тоҷикӣ–русӣ ғайр аз калимаи хушунат боз калимаҳои хушунатомез, зӯракӣ, зӯроварӣ, зӯрӣ ва уштулумро вохӯрдан мумкин аст, ки маъноҳои зеринро ифода мекунанд: хушунатомез ба маъноҳои дуруштӣ, тундӣ, дағалӣ оварда шудааст: 1) зӯракӣ; маҷбуракӣ; 2) маҷбур; ғайрихостаи шахс; 3) гузариш аз хости худ; бо мушкилӣ. Зӯроварӣ – 1: истифодаи қувва; истифодаи қудрат. 2: бартарӣ; зулм. Зурӣ – ба маъноҳои қувва; қудрат; маҷбуркунӣ; ба касе маҷбур намудан бо тариқи қувва ё қудрат; кореро аз роҳгумзадагӣ ё маҷбуракӣ иҷро кардан фаҳмида мешавад. Ғайр аз ин, калимаи «уштулум» дар забони тоҷикӣ мавҷуд ҳаст, ки мафҳумҳои ҳамаи калимаҳои дар боло қайдкардашударо дар бар мегирад. Аз қабили: тундӣ; дағалӣ; дуруштӣ; хушунат; тундхӯёна; дағалона; шӯру ғавғо; ҷангу ҷанҷол; зӯрӣ ва зулм[44]. Тавре мебинем, хушунат ва зӯроварӣ бо ҳам ҳаммаъно буда, бо якдигар алоқамандии зич доранд (бо сабаби дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати истилоҳоти зуҳуроти мазкур истифода бурдани калимаи «зӯроварӣ», минбаъд новобаста аз ҳаммаъно будан бо «хушунат», дар таҳқиқоти мо, калимаи зӯроварӣ истифода бурда мешавад[45]).

---

[43] Ниг.: Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: translate.academic.ru /хушунат/ (санаи муроҷиат: 04.02.2020).
[44] Ниг.: Шокиров Т.С. Фарҳанги тоҷикӣ-русии истилоҳоти ҳуқуқ. – Хуҷанд: Наргис, 2012. – 398 с.
[45] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» // АМОҶ. – 2013. – №3. – М. 197.

Ба маънои анъанавӣ бошад, зӯроварӣ гуфта, истифодаи ғайриқонунии қувва, маҷбурнамоӣ бар хилофи иродаи шахси дигар, таъсир расонидан ба ӯ фаҳмида мешавад.

Дар таҳқиқоти мазкур нақши калидиро таҳлили криминологии ин зуҳурот мебозад, ки аз назарияҳои олимони соҳаҳои мухталифи ҳуқуқӣ иборат аст. Мувофиқи ақидаҳои пешниҳоднамудаи А.А. Абрамова, зӯроварӣ яке аз рафтори пурхашму ғазаби инсон аст, ки дар мавриди ҷанг, ҷиноят ва дигар намудҳои рафтори ғайриқонунии ашхоси муайян зоҳир мешавад, дар зери таъсири муҳит ташаккул меёбад ва асосан натиҷаи раванди иҷтимоишавии вайроншуда аст[46].

Маҳаки асосии назарияи дигар, зӯроварӣ ин кирдори шахсест, ки тибқи он хушунат ва хашму ғазаб ғаризаи модарзодии рафтори инсон аст. Ба ақидаи муаллифи рисола, тафсири зӯроварӣ ва ҷинояти зӯроваронае, ки Ю.М. Антонян пешниҳод кардааст, ҷолиби диққат хоҳад буд, ки хашму ғазабро хусусияти табиӣ мепиндорад. Хашму ғазаби табиӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ чун зӯроварӣ зоҳир мегардад, ки ҳамзамон, метавонад дидаю дониста бераҳмона ва хушунатомез бошад[47].

Мафҳуми зӯроварӣ на танҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ–криминологӣ пешбинӣ карда шудааст, балки дар санадҳои меъёри ҳуқуқи байналхалқӣ низ зикр карда шудааст. Дар мавриди муайян намудани мафҳуми зӯроварӣ, пеш аз ҳама, ба санадҳои байналмилалӣ назар кардан зарур аст. Яке аз аввалин санадҳои байналмилалие, ки тафсири умумии зӯровариро пешбинӣ кардааст, ин Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои таъбиз нисбати занон аст, ки Бо резолютсияи 34/180 аз 18 декабри соли 1979 тасдиқ гардидааст ва Эъломия оид ба нест кардани зулм (таҷовуз) нисбати занон, ки бо резалютсияи 48/104, 20 декабри соли 1993 аз ҷониби СММ тасдиқ гардидааст, мебошанд[48].

---

[46] Ниг.: Абрамова А.А. Охрана труда // Российское трудовое право: учебник / Под ред. А.Д. Зайкина. – М., 2000. – С. 322-324.
[47] Ниг.: Антонян Ю.М. Преступная жестокость. – М., 1994. – С. 6-11.
[48] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.consultant.ru/cons/cgi/online.cgi?req=doc&base=INT&n=16680#Zxb8rbTmlqO8K1q51 (санаи муроҷиат: 19.04.2023).

Тавре дар Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои таъбиз нисбати занон омадааст: баробарии пурраи мардону занон кафолат дода шудааст. Тибқи қисми 1, моддаи 1–и Конвенсияи мазкур, мафҳуми «таъбиз нисбати занон»[49] маънои ҳама гуна фарқият, хориҷкунӣ ё маҳдудсозӣ бо нишонаи ҷинсро дорад, ки ба заифгардонӣ ё умуман эътироф накардан, истифода ё татбиқи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ дар соҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, шаҳрвандӣ ё ҳама гуна соҳа аз ҷониби занон, сарфи назар аз ҳолати иҷтимоии онҳо, дар асоси баробарҳуқуқии мардон ва занон равона гардидааст. Санади муҳимми дигаре, ки дар он бори аввал тафсири васеи истилоҳи «зӯроварӣ нисбати занон» оварда шудааст, ин Эъломия оид ба нест кардани зулм (таҷовуз) нисбати занон мебошад, ки тибқи он: истилоҳи «зӯроварӣ нисбати занон» маънои «ҳама гуна зӯроварии нисбати занон содиршудае мебошад, ки ба занон зарари ҷисмонӣ, ҷинсӣ ё рӯҳӣ мерасонад ё метавонад расонад, аз ҷумла, таҳдиди чунин амалҳо, маҷбурӣ ё худсарона маҳрум сохтан аз озодӣ» фаҳмида мешавад[50].

Дар ин мафҳумҳо нишон додани он, ки кирдори зӯроварӣ «дар асоси таъбизи ҷинсӣ» содир мешавад, комилан зиёдатӣ аст. Ин тавзеҳот гузаштан ба феминизм аст ва доираи Эъломия оид ба нест кардани зулм (таҷовуз) нисбати занонро якбора танг карда, доираи худи падидаи зӯроварӣ нисбати занонро беасос маҳдуд мекунад. Масалан, маълум аст, ки дар як қатор ҳолатҳо занон на дар иртибот ва на бар асоси ҷинсият, балки дар робита ба нақши муайяни иҷтимоии худ объекти зӯроварӣ мегарданд ё субъекти ҷиноят метавонад мард набошад, балки зани дигар бошад (татбиқи зӯроварӣ аз ҷониби хушдоман нисбати келин ё баръакс, аз ҷониби хоҳарон ва ё духтарон ва ғ.), ки ин холат ҳам метавонад пеш ояд. Масалан, А.Д.И. санаи 02 июни соли 2020 тахминан соати 13:00 дақиқа бо ҳузур доштан дар манзили истиқоматиаш воқеъ дар ш.

[49] Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон. Бо резолюсияи 34/180 аз 18 декабри соли 1979 қабул гардидааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.consultant.ru /cons/cgi/online.cgi?req=doc&base=INT&n=16680#Zxb8rbTmlqO8K1q51 (санаи муроҷиат: 19.04.2023).

[50] Декларация об искоренении насилия в отношении женщин. Принята резолюцией 48/104 Генеральной Ассамблеи от 20 декабря 1993 года [Электроный ресурс]. – Режим доступа: http://www.consultant.ru /cons/cgi/online.cgi?req=doc&base=INT&n=16680#Zxb8rbTmlqO8K1q51 (дата обращения: 19.04.2023).

Душанбе, кӯчаи .., хонаи №00/0 аз хусумати шахсӣ бо ҳамсари бародараш А.З.Т., ки номбурда дар ин манзил ба таври доимӣ сукунат менамуд, ҷангу ҷанҷол намуда, ӯро дашномҳои қабеҳ дода, бо ин қонеъ нагашта, мавриди латукӯб қарор медиҳад, ки дар натиҷа А.З.Т. ба замин афтода, ба саломатиаш зарари гуногуни ҷисмонӣ мебардорад.

Судшаванда А.Д.И. дар маҷлиси судӣ худро бо айби нисбат ба ӯ эълонгардида пурра гунаҳкор ҳисобида, чунин изҳор дошт, ки ягона сабабе чун боиси аз ҷониби ӯ содир шудани ҳамин ҷиноят гардидааст, ин пеш аз ҳама, аз номувофиқатии хислатҳои байни ӯ ва ҷабрдида А.З.Т. мебошад.

Вобаста ба ҳодисаи ҷиноят чунин баён намуд, ки дар ҳақиқат, санаи 02 июни соли 2020 тахминан соати 13:00 дақиқа духтарчаи хурдсолаш ҳамроҳи писари акааш машғули бозии кӯдакона буд, аммо, ниҳоят, байни онҳо муноқиша сар задааст. Ӯ дарҳол ба назди писари акааш рафта, охиринро огоҳ намудааст, то ки онҳо дигар ҷангу ҷанҷол накунанд. Дар ҳамин лаҳза А.З.Т., ки модари мавсуф мебошад, аз ҳуҷраи манзили истиқоматиаш баромада, бо ин байни онҳо ҷангу ҷанҷол пайваста, онҳо ҳамдигарро латукӯб намудаанд. А.З.Т. як адад хиштро аз замин гирифта ба ҷонибаш партофтааст, ки дар натиҷа хишти мазкур омада ба қафаси синнааш зада, ӯро дард гирифтааст. Ӯ низ хиштро гирифта ба ҷониби А.З.Т. ҳавола додааст, ки хишти мазкур ба ёдшуда нарасидааст[51].

Аз мисоли овардашуда бармеояд, ки субъектони зӯроварӣ дар оила на танҳо мард ё шавҳарон, балки нафарони дигари аъзоёни оила низ шуда метавонанд.

Эъломия оид ба нест кардани зулм (таҷовуз) нисбати занон танҳо бо муайянсозии мафҳуми зӯроварӣ ва номбар кардани намудҳои асосии он маҳдуд нашуда, самтҳои асосии зоҳиргардии онро муайян кардааст: ба монанди доираи муносибатҳои оилавӣ; кор; таҳсил; истироҳат. Илова бар ин, дигар санади асосии байналмилалӣ вобаста ба ҳифз намудани ҳуқуқҳои инсон

[51] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №228/20 // бойгонии суди шаҳри Душанбе .

аз зӯроварӣ «Эъломияи ҳуқуқи башар» аз 10 декабри соли 1948 мебошад. Тавре дар моддаи 2–и эъломияи мазкур омадааст: «Ҳар як инсон бидуни тафовуте, махсусан аз лиҳози нажод, ранги пӯст, ҷинсият, забон, дин, ақидаи сиёсӣ ё ақидаи дигар, асли миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ, хонаводагӣ ё вазъи дигар тамоми ҳуқуқ ва тамоми озодиҳоро, ки дар ҳамин Эъломия зикр шудаанд, дошта бошад»[52]. Дар баробари эътирофи ҳуқуқҳои занон, ҳамчунин, проблемаи дигар, ин татбиқи зӯроварӣ нисбати шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила мебошад, ки доир ба ин мавзуъ низ меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалию миллӣ эътироф ва қабул гардидаанд. Яке аз онҳо Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи кӯдак мебошад. Дар моддаи 19–и Конвенсияи мазкур омадааст: «Давлатҳои аъзо бо мақсади ҳифзи кӯдак аз тамоми шаклҳои зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, таҳқир ё сӯистифода, набудани ғамхорӣ, ё муносибати беэътиноёна, муносибати дағалона ё сӯистифода, аз ҷумла сӯистифодаи шаҳвонӣ аз ҷониби волидайн, сарпарастони қонунӣ, ё ҳар шахси дигаре, ки ғамхории кӯдак бар дӯши ӯ мебошад, тамоми чораҳои зарурии қонунгузорӣ, маъмурӣ, иҷтимоӣ ва маърифатиро меандешанд»[53].

Дар вобастагӣ аз гуфтаҳои боло, яке аз санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, ки хусусияти мубориза ба муқобили зӯровариро инъикос мекунад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» мебошад. Тибқи санади мазкур, мафҳуми «зӯроварӣ дар оила» истифода шуда, чунин шарҳ дода шудааст: «Зӯроварӣ дар оила – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад, ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад»[54], фаҳмида мешавад. Аммо қонуни мазкур низ ба тағйирот ниёз

[52] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз ыониби СММ 10.12.1948 қабул гардидааст.
[53] Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак соли 1989 аз ҷониби СММ қабул гардида, аз 02.09.1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукми амал пайдо кардааст.
[54] Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2013. – №3.

дорад, аз қабили муайян намудани қурбонӣ аз зӯроварӣ дар оила ва фарқи он аз ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила, доираи амали қонуни мазкур, яъне аниқ набудани аъзоёни оила ва ғайраҳо. Тавре мебинем, ҳеҷ кадоме аз ин мафҳумҳо ҷойи амалҳои зӯроварӣ, далелҳои якҷоя ё ҷудо зиндагикунии баъзе оилаҳо ва умуман, кӣ аъзои оила будани онҳоро нишон намедиҳанд. Бо ин мақсад шарҳи иловагӣ лозим аст. Дар баробари қонуни зикршуда, дар КҶ ҶТ низ ҷиноятҳои зиёде ҳастанд, ки дар таркибашон нишонаҳои зӯроварӣ мавҷуданд. Аслан, дарки ҷинояти хусусияти зӯроваридошта чандон душвор нест. Дар КҶ ҶТ таркибҳои зиёде ҳастанд, ки нишонаҳои зӯровариро дар шаклҳои гуногун пешбинӣ менамоянд: Ба ин ҷиноятҳо дохил мегарданд: моддаҳои 104 (одамкушӣ), 105 (кӯдаки навзоди худро куштани модар), 106 (одамкушӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ), 108 (аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан), 109 (ба худкушӣ расонидан), 110 (қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ), 111 (қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ), 112 (қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ), 113 (қасдан расонидани зарар ба саломатӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ), 116 (лату кӯб), 117 (азобу уқубат), 118 (аз беэҳтиётӣ расонидани зарари вазнин ба саломатӣ), 119 (аз беэҳтиётӣ расонидани зарари миёна ба саломатӣ), 120 (таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ), 125 (сироят кардан ба вируси норасоии масунияти одам), 138 (таҷовуз ба номус), 139 (ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ), 140 (маҷбур намудан ба ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ), 141 (алоқаи ҷинсӣ, дигар ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонӣ дошта ё ҳаракатҳои бадахлоқона бо сӯистифода аз ҳиссиёт ва боварии динӣ), 142 (ҳаракати бадахлоқона), 147 (вайрон намудани дахлнопазирии манзил), 164 (монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти умумии асосӣ (нуҳсола)), 165 (ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят), 166 (ҷалби шахси ноболиғ ба содир намудани кирдорҳои зидди ҷамъиятӣ), 167 (хариду фурӯши ноболиғон), 168 (ба шавҳар додани духтари ба синни никоҳ нарасида), 169 (бастани ақди никоҳ бо шахсе, ки ба синни никоҳ нарасидааст), 170 (дузанагӣ ё серзанагӣ), 174 (иҷро

накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ), 177 (барқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон), 178 (барқасдона саркашӣ намудани фарзандон аз падару модари ғайриқобили меҳнат) ва ғайраҳо.

Ғайр аз ин, амалияи татбиқи ҳуқуқӣ ба таври фаврӣ муқаррар намудани равиши алоҳидаро ҳангоми истифодаи баъзе истилоҳот, ба монанди зӯроварии оилавӣ, зӯроварии хонаводагӣ, хушунати оилавӣ, зӯроварӣ дар оила талаб менамояд. Аммо то ҳол усули ягонаи муайяннамоии ин масъала муқаррар нагардидааст. Масалан, ҳангоми истифодаи «зӯроварии хонаводагӣ» онро ҳамчун амали ғайриҳуқуқие, ки бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ нисбати аъзоёни оила ва бар хилофи иродаи онҳо бо мақсади ба вуҷуд овардани дарди ҷисмонӣ, таҳқир, маҳдуднамоии ҷисмонӣ (маҳдудиятҳо) ба монанди таҳдид ва ҷазо, ки сабаби маҷбур намудани одамон ба содир намудани амалҳое, ки онҳо намехоҳанд, фаҳмидан мумкин аст.

Аксарияти психологҳо мафҳумҳои «зӯроварӣ дар оила» ва «зӯроварии хонаводагӣ»–ро ҳаммаъно меҳисобанд. Масалан, ба ақидаи Э.П. Агапов, зӯроварӣ дар оила ё зӯроварии хонаводагӣ – ин қасдан расонидани зарари ҷисмонӣ ва рӯҳӣ ё азобу уқубат ба аъзои оила, ҳамчунин, таҳдиди содир намудани чунин кирдорҳо, маҷбуркунӣ ва маҳрум кардан аз озодии шахс мебошад. Яъне, зӯроварӣ кирдорест, ки тавассути он назорати номаҳдудро бар ҳаракат, фикрронӣ ва ҳиссиёти шахси дигар соҳиб мегарданд[55]. Ба ақидаи М. Захаров бошад, зӯроварии хонаводагӣ ин рафтори системавии як аъзои оила барои барқарор ва нигоҳ доштани ҳокимият ва назорат нисбати аъзои дигари оила мебошад[56].

Вақте ки истилоҳи «зӯроварии хонаводагӣ» истифода мешавад, чӣ маъноро доштани он пурра маълум нест: зӯроварӣ аз ҷониби касе дар ҳудуди хона ё фақат аз ҷониби аъзои оила содир шудааст? Доир ба ин мавзуъ В.И. Шахов қайд намудааст, ки маънои этимологии истилоҳи «зӯроварии

[55] Ниг.: Агапов Е.П. Семьеведение. – М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К», 2012. – 185 с.
[56] Ниг.: Захарова М. Представитель не поможет / М. Захарова // Новая адвокатская газета. – 2011. – №20.

хонаводагӣ» маҳдуд намудани ҷойи содирнамоии кирдорҳои хусусияти зӯроваридошта танҳо дар хона мебошад, дар баробари ин, масъалаи муайяннамоии субъектони чунин ҷиноятҳоро содиркунанда боқӣ мемонад[57]. Дар муқобили ин, Ф.А. Меликов ба он ақида аст, ки истилоҳи «зӯроварии хонаводагӣ» нисбат ба истилоҳоти «зӯроварии оилавӣ» ва «зӯроварӣ дар оила» васеътар аст. Дар истилоҳи «зӯроварии хонаводагӣ» нақши калидиро калимаи «хона» мебозад, ки дар он субъектон на танҳо аъзои оила буда метавонанд, ҳамчунин нафароне, ки бо оила дар муносибати махсус қарор доранд ва аъзои оила нестанд (дояҳо, шахсоне, ки барои нигоҳубини беморон дар хонаҳои онҳо истиқомат мекунанд, фаррошон), низ ба ҳайси иштирокчиёни муносибатҳои мазкур баромад мекунанд.

Ҳангоми истифодаи истилоҳоти «зӯроварии оилавӣ», «зӯроварӣ дар оила» саволи дигаре метавонад ба миён ояд: оё ин зӯроварӣ дар дилхоҳ ҷой ва аз ҷониби аъзои оила содир шудааст ё дар муҳити хона? Ба ақидаи Шакина, пеш аз интихоби истилоҳот, диққати махсусро ба иштирокчиёни муносибатҳои ҷиноятӣ (дар ҳолати зӯроварӣ дар оила) равона кардан лозим аст, ки онҳоро муносибатҳои махсус, ки танҳо барои институти ҷамъиятии «оила» хос ҳастанд, муттаҳид месозад ва баъдан, ҷойи содиршавии ҷиноят, факти якҷоя ё алоҳида зиндагонӣ намудани онҳо ба инобат гирифта шавад[58].

В.И. Шахов истилоҳи «зӯроварӣ дар оила»–ро истифода намуда, чунин пешниҳод менамояд, ки ин амал ҳамчун «таъсиррасонии ғайриҳуқуқӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарноки ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё шаҳвонӣ, ки тамоюли устувори авҷгирӣ ва эҳтимолияти такрорёбиро аз ҷониби як узви оила нисбати дигар аъзои он дорад ва бар хилофи иродаи ҷабрдида содир гардидааст, сарфи назар аз оқибатҳои воқеӣ ба вуҷуд меояд, фаҳмида мешавад»[59]. Ба нуқтаи назари

[57] Ниг.: Шахов В.И. Насилие в семье (уголовно-правовое и криминологическое значение): дис. … канд. юрид. наук. – Ижевск, 2003. – 197 с.
[58] Ниг.: Шакина В.А. Женщина как жертва семейного насилия в супружеских отношениях: Проблемы причины, предупреждение: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Иркутск, Байкал. гос. ун-т экон. и права, 2002. – 22 с.; Меликов Ф.А. Уголовно-правовые и криминологические меры противодействия насилию в семье: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2017. – С. 29-30.
[59] Шахов В.И. Насилие в семье (уголовно-правовое и криминологическое значение): дис. … канд. юрид. наук. – Ижевск, 2003. – 197 с.

В.И. Шахов ва ақидаи Л.А. Колпакова монанд, ки зӯроварӣ дар оила гуфта, « таъсири ғайриҳуқуқии ҷисмонӣ ё рӯҳии як узви оила нисбат ба дигар аъзои он, ки ҳамчун қоида, майли афзоишёбиро доро аст ва ба расонидани зарари ҷисмонӣ, иқтисодӣ (маънавӣ) ё дигар намуди зарар нигаронида шудааст»[60], фаҳмида мешавад.

Аз ин ҷо, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки «зӯроварӣ дар оила ин кирдори ғайриқонунии қасдона содиршудаест, ки дар дохили оила ё байни аъзои оила, ки дорои муносибати хешутаборӣ буда ва ё байни ҳамсарони собиқ содиршудае мебошад, ки бо роҳи расонидани зарари ҷисмонӣ, рӯҳӣ шаҳвонӣ ва иқтисодӣ ва ё таҳдиди расонидани чунин зӯроварӣ нисбати қурбониёни зӯроварии оилавӣ бо мақсади иҷрои амале, ё худдорӣ аз иҷрои амале мебошад».

Барои ноил гардидан ба натиҷаи дилхоҳ, таҳлили намудҳои зӯроварӣ лозим меояд. Бояд гуфт, ки намудҳои зӯроварӣ гуногунанд.

Беҳуда нест, ки дар адабиёти махсус намудҳои зерини зӯроварӣ ҷудо гардидаанд. Профессор В.Ф. Шепелков намудҳои зерини зӯроварӣро пешниҳод мекунад: ҷисмонӣ, рӯҳӣ, ба воситаи чизе расонидани зарар, равонӣ, хонаводагӣ, оилавӣ,ахлоқӣ, мусаллаҳона, механикӣ, сиёсӣ, молу мулкӣ, тарбиявӣ, оммавӣ, муташаккил ва ғ. Ҳамзамон, ба сифати боз як намуди дигари зӯроварӣ,– «зӯроварии парешонкунанда[61]»–ро ҷудо менамояд.

Намудҳои зӯроварии дар боло овардашуда дурустанд, аммо вориднамоии онҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ сабаби ноил гаштан ба оқибатҳои дилхоҳ намегардад. Зеро дар пайгирии шакли идеалӣ ба натиҷаи бемантиқ расидан мумкин аст. Дар натиҷаи омӯзиши муҳтавои «зӯроварӣ» ва мафҳуми овардашуда намудҳои зӯроварии оилавиро ба гуруҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

– зӯроварии ҷисмонӣ;

---

[60] Колпакова Л.А. Насилие в семье: виктимологический аспект, дифференциация ответственности и вопросы законодательной техники: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2007. – 26 с.

[61] Щепельков В.Ф. Хищение с применением насилия: всегда ли это разбой или грабеж? / В.Ф. Щепельков // Уголовное право. – 2013. – №3. – С. 48-52.

– зӯроварии рӯҳӣ (эҳсосотӣ);

– зӯроварии шаҳвонӣ;

– зӯроварии иқтисодӣ.

**Зӯроварии ҷисмонӣ.** Мазмуну моҳияти зӯроварии ҷисмониро гуногун шарҳ додан мумкин аст. Хусусиятҳои нуқтаи назари гуногунро махсус дида набаромада, танҳо мафҳуми умумии ин намуди зӯроварӣро муайян кардан хато мебошад[62]. Дар асоси таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ, ба таври шартӣ самти таҳлилии мафҳуми зӯроварии ҷисмониро ҷудо намудан мумкин аст[63]:

Самти якум – тафсири маҳдуди истилоҳи мазкур мебошад. В.И. Симонов, В.Г. Шумихин онро ҳамчун роҳи содирнамоии ҷиноят ва истифодаи бошууронаи қувваи ҷисмонӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии шахси дигар ба муқобил ё бар хилофи иродаи ӯ ё таҳдиди содир намудани амалҳои зӯроварона мефаҳманд[64].

Самти дуюм – фаҳмиши васеътари ин категория аст. Л.Д. Гаухман ба зӯроварии ҷисмонӣ – таъсири ғайриҳуқуқӣ ба ҷисми шахси дигар, ҳамчунин, расонидани таъсир бо ҳар гуна роҳҳо, ба ҷисми шахс, инчунин, ворид намудани маводи заҳролудкунанда, сахттаъсир, мутаносибан бо таҳдиди истифодаи зӯроварӣ, таъсиррасонии рӯҳии шахс, ки ба тариқи таҳдиди истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ инъикос ёфтааст, дохил менамояд[65]. Р.Д. Шарапов бо тарафдорӣ аз нуқтаи назари Л.Д. Гаухман дар монографияи худ менависад: «Дахолат намудан ба муносибатҳои шахсӣ: ҳаёт, саломатӣ, озодии шахсӣ бо роҳи расонидани зарари ҷисмонӣ мебошад. Дар баробари ин, ҳангоми баҳодиҳии оқибати кирдори содиргардида, дар кадом шакл ҷинояткор зарари ҷисмониро ба ҷабрдида расонидааст, шарти ҳатмӣ нест»[66].

---

[62] Ниг.: Симонов В.И., Шумихин В.Г. Преступное насилие: понятие, характеристика и квалификация насильственных посягательств на собственность: Учеб. пособие по спецкурсу. – Пермь: ПГУ, 1992. – 119 [1] с.

[63] Ниг.: Шумихин В.Г. Нормативные правила квалификации преступлений – Пермь: Изд-во Перм. ун-та, 2004. – 116 с.

[64] Ниг.: Симонов В.И., Шумихин В.Г. Асари зикршуда. – 119 [1] с.

[65] Ниг.: Гаухман Л.Д. Насилие как средство совершения преступления. – Москва: Изд.: Юрид. лит., 1974. – 167 с.

[66] Шарапов Р.Д. Физическое насилие в уголовном праве. – СПб: Изд.: Юрид. центр Пресс, 2001. – 298 с.

Самти сеюм – аз мафҳуми васеи зӯроварӣ ҳамчун таъсиррасонии ҷисмонӣ ва ҳам рӯҳӣ ба шахси дигар иборат аст. Л.В. Сердюк чунин меҳисобад, ки зӯроварии рӯҳӣ на танҳо дар шакли таҳдид, балки дар шакли дигар маълумоти барои шахс нохуш, ки қобилияти расонидани зарари рӯҳиро дорад ё озодии иродаи ӯро маҳдуд месозад ва дар шакли таҳқир, туҳмат, дигар маълумоти ба психика таъсиркунанда зоҳир мегардад. Зӯроварии рӯҳӣ метавонад, ҳамчунин, ҳолатҳои бевосита ба рӯҳи инсон таъсиррасонӣ, бо мақсади тағйир додани функсияҳои он, бар хилофи озодии иродаи ҷабрдида (таъсирии электронӣ ба мағзи сар, воридоти якмаротибагии моводи нашъадор ба бадани инсон, гипноз ва ғ.), агар ин амалҳо ба рӯйи шахс осор нагузоранд, бошанд[67].

Аз таҳлили самтҳои зикргардида, намудҳои зерини таъсиррасонии ҷисмониро ҷудо намудан мумкин аст:

а) кирдорҳои вобаста ба расонидани зарари ҷисмонӣ – тавассути куштор, расонидани зарар ба саломатӣ дараҷаи вазниниаш гуногун, аз он ҷумла латукӯб ва азобу уқубат, инчунин, авбошӣ, ки бо зӯроварӣ алоқаманд аст;

б) кирдорҳои вобаста ба расонидани зарари ҷисмонӣ – тавассути таҷовуз ба номус ва кирдорҳои дигаре, ки ба дахлнопазирии ҷинсии занон ва шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила таҳдид меоваранд. Бо назардошти вазъияти иҷтимоӣ, ин ҳама гуна рафтори шаҳвоние, ки ба шахс бидуни ризоияташ татбиқ карда мешавад, инчунин, бар хилофи майлу иродаи шахс иҷрои намудҳои махсуси алоқаи ҷинсӣ фаҳмида мешавад. Дар ҳолатҳои мазкур зарари рӯҳӣ назар ба осебу ҷароҳатҳои ҷисмонӣ метавонад ниҳоят бештар бошад.

Зӯроварии ҷисмонӣ – ин кирдори ба ҷамъият хавфнок ва ғайриқонунӣ мебошад, ки дар шакли таъсир ба организми шахс, бо роҳи расонидани зарари ҷисмонӣ равона карда шудааст. Зӯроварии ҷисмонӣ боиси ягон оқибати аёне

[67] Ниг.: Щерба С. Рецензия на монографию Л.В. Сердюка «Насилие: уголовно-правовое и криминологическое исследование» / С. Щерба // Уголовное право. – 2003. – №2. – С. 142.

гардида, ҳамзамон, дар шакли зарари ҷисмонӣ ё марг метавонад оварда расонад[68].

Зӯроварии ҷисмонӣ – ин расонидани таъсири бевосита ба узвҳои бадани инсон мебошад. Расонидани зарари ҷисмонӣ, латукӯб, азобу уқубат – ин намудҳои зӯроварии оилавӣ дар самти таъсиррасонӣ ба ҷисм ҳастанд. Натиҷаи таъсиррасонии ҷисмоние, ки хусусияти зӯроваронаро доро аст, имконияти расонидани зарар ба саломатии инсонро дорад. Дараҷаи муайяннамоии зӯроварии ҷисмонӣ гуногун аст, аз латукӯби хурд шуруъ гардида, мумкин аст, ки бо таъсиррасонии шадиди он, бо куштор ба анҷом расад.

Ба зӯроварии ҷисмонӣ нисбати занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила ҳаракатҳои зерини нисбати онҳо содиргардидаро дохил намудан мумкин аст: харошидан, тела додан, лагад задан, расонидани зарар, бо истифодаи кафи даст, бо мушт ва ё бо дигар ашёҳо, шикастани ягон узв, буғӣ кардан, сӯзондан (бо тариқи сигор, утюг ва дигар ашёҳои гармидиҳӣ) ва ғайра дохил кардан мумкин аст. Муайян намудани ин намуди зӯроварӣ нисбатан осонтар аст. Зеро пас аз латукӯб одатан осори он боқӣ мемонад. Албатта, набояд фаромӯш кард, ки ҳамчунин зӯроварӣ метавонад бе мавҷуд будани нишонаҳои ҷисмонӣ расонида шавад ва ҳангоми зӯроварии ҷисмонӣ расонидан, осори намоён дар ҷисми шахс пайдо нагардад.

Дар бисёр ҳолатҳо зӯроварии ҷисмонӣ нисбати занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила татбиқ мегардад, гарчанде ҳолатҳое низ ҳастанд, ки занон ва собиқ шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила ба воя расида, дигар аъзоёни оиларо мавриди зӯроварӣ қарор медиҳанд. Ба ақидаи Рут Соонетс, муайян намудани он, ки ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила қурбонии зӯроварии ҷисмонӣ гардидааст, аз рӯйи нишонаҳои зерин мумкин аст: – пайдошавии доғҳо, осори маҷбурнамоӣ, изи нохунҳо, осори фишор бо ангуштон; осори

---

[68] Ниг.: Владимиров В.А. Квалификация преступлений против личной собственности. – М., 1968. – С. 83; Гаухман Л.Д. Проблемы уголовно-правовой борьбы с насильственными преступлениями в СССР. – Саратов, 1981. – С. 30; Гаухман Л.Д. Насилие как средство совершения преступлений. – М, 1974. – С. 75-80.

зарба задан бо олоти ба сифати силоҳ истифодашаванда (аз камарбанд, чӯб, осори ресмони бофташуда); нишонаи газидан дар пӯст; мавҷудияти ҷойҳои холии бемӯй дар сар; нишонаҳои ногаҳонии сӯхташавӣ (аз нӯги сигор); сӯзонидан бо ашёи гарм; (бо тариқи гугирд, утюг ва ғ.); шикасташавии ногаҳонии устухонҳо, кандашавӣ, пайдошавии захмҳо дар пӯст; зарар дидани узвҳои дохила[69].

Ба татбиқи зӯроварии ҷисмонӣ хусусиятҳои зерини ҷабрдида – ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила, асос шуда метавонанд: тарс ҳангоми наздикшавии волидан ба ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила; ғайрифаъолӣ, дархудфурӯравӣ ё баръакс, афзоиши хашмгинӣ; дар умум, худдорӣ намудан аз алоқаи ҷисмонӣ; пажмурдагӣ, нигоҳҳои тарсноки ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила (дар кӯдаки ширхора низ ба назар мерасад); тағйироти ногаҳонӣ дар рафтори ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила, (кӯдаки қаблан хушҳол, акнун дар бештар мавридғамгин, ба фикр фурӯрафта); тарс ҳангоми аз мактаб/боғча ба хона рафтан; афзоиши ҳолатҳои ба худ зараррасонӣ, ҳаракатҳои худвайронкунӣ (нӯшидани нӯшокиҳои спиртӣ, истеъмоли маводи нашъадор, кашидани сигор); гурехтан аз хона; пӯшидани либосҳои ба боду ҳаво номуносиб (мисол, пӯшидани либоси пашмини гиребондор барои пинҳон кардани доғҳои дар бадан мавҷудбуда); илтимос ва илтиҷои ноболиғ ва хурдсол барои ба волидайн нагуфтани нокомиҳои ӯ (баҳои ду гирифтан, ба дарс наомадан, амали номатлуб содир кардан) дар мактаб.

Омилҳои бо оила вобаста, ки асос шуда метавонанд барои муайян намудани татбиқи зӯроварии ҷисмонӣ нисбати ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила: аён аст, ки дар ин оила ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила мавриди зӯроварии ҷисмонӣ қарор гирифтааст; волидайн ба ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила ботаҳқир, беэътиноёна рафтор мекунанд; волидайн дар тарбияи ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила аз усулҳои бераҳмона истифода мебаранд (зарба задан

[69] Ниг.:Соонетс Р., Локо Я., Локо Т. и др. Недостойное обращение с детьми. – Тарту: АО Атлекс, 2000. – 230 с.; Насилие в семье. Методическое пособие для специалистов – Псков: Издательство «ЛОГОС Плюс», 2013. – 52 с.

бо мушт, ё кафи даст, бо пой, латукӯб бо истифодаи ашё – камарбанд ва ғ.). Дар ҳолати зарари ҷисмонӣ дидани ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила, волидайн ба духтур муроҷиат намекунанд. Вақте ки волидайн ба ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила расонидани зарари ҷисмониро таҳдид мекунанд, «Ту имрӯз барои ман кор мекунӣ...» ё тавре ӯ дар хотир меорад, ҳаракатҳои зӯроваронаро «ту мисли ҳамонвақта аз ман ҷавоб мегирӣ»; тавсифи волидайн ҳангоми ҳодиса ба хусусиятҳои хоси осеби расонидашуда ба ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила мувофиқат намекунад (масалан, волидайн писари хурдсоли худро беҳуш ба беморхона меорад ва ҷароҳати сари кӯдакро ба афтодан дар майдончаи кӯдакона шарҳ медиҳад. Ҳамзамон, дар бадани ноболиғ ва хурдсол нишонаҳои гуногуни зӯроварии ҷисмонӣ, лахтаҳо аз натиҷаи истифодаи камарбанд ва ё ҳангоми бастани кӯдак ба назар мерасанд). Волидайн таҳти кадом шароит пайдо гардидани ҷароҳати ноболиғ ва хурдсолро шарҳ дода наметавонанд, ҳар яки онҳо шарҳҳои муқобил пешниҳод менамоянд.

Вобаста ба тадқиқоти гузаронидашуда, хулоса кардан мумкин аст, ки **зӯроварии ҷисмонӣ дар оила – ин** кирдори зиддиҳуқуқии ба ҷамъият хавфноке мебошад, ки қасдан аз ҷониби як аъзои оила ба организми (ҷисми) аъзои дигари оила, бевосита ва ё бавосита таъсире расонида мешавад, ки дар натиҷа, ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҷисмонии шахс вайрон мегардад, қурбонӣ дарди ҷисмонӣ мебинад ё ба саломатии ӯ зарари ҷисмонӣ расонида мешавад.

**Зӯроварии рӯҳӣ.** Муайян намудани мазмуни зӯроварии рӯҳӣ ва таркиби ҷиноятҳои бо истифодаи зӯроварии рӯҳӣ алоқамандбуда, ки ба категорияи ҷиноятҳои зӯроварона ворид мегарданд, мушкилтар аст.

Одатан, ба зӯроварии рӯҳӣ «таҳдиди куштор ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ»–ро мансуб медонанд. Дар ин маврид зери таҳдиди истифодаи зӯроварӣ чун таҳдид, тарсонидани ҷабрдида бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ фаҳмида мешавад[70]. Ин нуқтаи назари маъмул (ва аз баъзе ҷиҳат расмӣ) аст,

[70] Дар мавриди он, ки ба мафҳуми таҳдид низ кадом мазмунро ворид кардан лозим аст, фикру ақидаи ягона вуҷуд надорад. Масалан, Левертова Р.А. зӯроварии рӯҳиро бо ҳар гуна таҳдид шабеҳ медонад. Левертова Р.А. Ответственность за психическое насилие по советскому уголовному праву. Учебное пособие. – Омск: НИиРИО Ом. ВШМ МВД СССР, 1978. – 103 с.; Гаухман Л.Д., Стерехов Н.В., Кригер Г.Л. онро то таҳдиди

аммо нуқтаи назари ягона дар мавриди дарку фаҳмиши зӯроварии рӯҳӣ мавҷуд нест. Баъзе муаллифон пешниҳод мекунанд, ки зӯроварии рӯҳӣ фақат бо таҳдиди истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ вобаста дониста нашавад. Зӯроварии рӯҳӣ дар ҳолатҳое низ метавонад ҷой дошта бошад, ки таҳдиди ошкорои истифодаи қувваи ҷисмонӣ мавҷуд нест[71].

Л.Д. Гаухман чунин меҳисобад, ки зӯроварии рӯҳӣ бо таҳдиди расонидани зарари ҷисмонӣ алоқаманд набуда, таҳдид ба шахсият низ вуҷуд надорад, зеро ки чунин таҳдид ба саломатӣ ва дахлнопазирии ҷисмонӣ зарар намерасонад[72]. Л.В. Сердюк ба ин изҳорот эътироз оварда, чунин арз менамояд, ки объекти асосии ҳама гуна таҳдид ин муносибатҳои ҳуқуқии бо рӯҳи инсон алоқаманд мебошанд, аммо на бо дахлнопазирии ҷисмонии ӯ. Ба рӯҳи инсон на фақат таҳдиди истифодаи зарари ҷисмонӣ, балки таҳдиди сӯиқасд ба дигар манфиатҳои он низ таъсир мерасонад, аксар вақт чунин таҳдид на камтар аз саломатӣ ё ҳатто худи ҳаёти инсон муҳимму арзишманд аст (масалан, шаъну шараф, озодӣ). Зиёда аз ин, зӯроварии рӯҳӣ ин на фақат таҳдид аст. Таъсири зӯроварии руҳӣ, инчунин, тавассути таҳқир, туҳмат ва шаклҳои дигар сурат мегирад, ки осеби рӯҳиро метавонад ба бор орад ё озодии баёни иродаи шахсро маҳдуд кунад, бо мақсадҳои ба ҷамъият хавфнок истифода шавад. Зӯроварии рӯҳие, ки дар расонидани осеби равонӣ (рӯҳӣ) ифода ёфта, оқибати он на фақат метавонад зарари воқеӣ, балки эҳтимолии ҷисмонӣ низ дошта бошад[73]. Ин намуди зӯроварӣ метавонад чун натиҷа, масалан, маҳдуд кардани озодии баёни иродаи шахсро дошта бошад. Аз ин рӯ, зӯроварии рӯҳӣ ба ғайр аз аломате, ки бо таҳдиди истифодаи қувваи ҷисмонӣ алоқаманд аст, бо чунин аломатҳо, аз қабили осеби равонӣ ва маҳдуд кардани озодии баёни ирода,

---

расонидани зарари ҷисмонӣ боз ҳам маҳдудтар мегардонанд. Ниг.: Гаухман Г.Д. Насилие как средство совершения преступления. – М.: Юрид. Лит., 1974. – 167 с.; Стерехов Н.В. Ответственность за угрозу по советскому уголовному праву (вопросы теории и практики): дис. ... канд. юрид. наук. – Свердловск, 1972. – С. 55-60; Кригер Г.Л. Ответственность за разбой. – М.: Юрид. лит., 1968. – 105 с.

[71] Ниг.: Безверхов А.Г., Норвартян Ю.С. Соотношение категорий «насилие» и «угроза» в современном уголовном праве России / А.Г. Безверхов, Ю.С. Норвартян // Вестник СПбГУ. Право. – 2018. – Т. 9. – Вып. 4. – С. 522-534.

[72] Ниг.: Гаухман Л.Д. Борьба с насильственными посягательствами. – М, 1969. – С. 31-32.

[73] Ниг.: Сердюк Л.В. Психическое насилие как предмет уголовно-правовой оценки следователем. Учебное пособие. – Волгоград: ВСШ МВД СССР, 1981. – С. 4-15.

сарфи назар аз воқеан расонидани зарари ҷисмонӣ, тавсиф карда мешавад.

Зӯроварии рӯҳӣ ба тариқи шифоҳӣ (забонзада) таҳқир, таҳдид кардан, назорати ҳаёти ҳаррӯзаи ҷабрдида, ҳамчунин, дар сомонаҳои интернетӣ бо доираи нафарони бо ӯ суҳбаткунанда, назорати реҷаи ҳаррӯзаи ӯ, маҷбурнамоӣ барои содир намудани ягон амал, вайрон намудани моликияти хусусии ҷабрдида ва ғ. расонида мешавад. Шаклҳои таъсиррасонии зӯроварӣ вобаста аз муҳити мавҷудбуда тағйир меёбанд. Вобаста ба амал ё маҷмуи ҳаракатҳои зикргардида, бевосита муайян намудани нишонаҳои аниқи зӯроварии рӯҳӣ душвор аст. Зӯроварии рӯҳӣ низ, ҳамчунин, яке аз намудҳои паҳнгаштатарин мебошад ва метавонад ҳамчун намуди мустақили зӯроварӣ ва ҳам дар якҷоягӣ бо дигар намудҳои зӯроварии оилавӣ зуҳур намояд. Л.В. Сердюк чунин меҳисобад, ки зӯроварии рӯҳи – «ин таъсиррасонии қасдан ва хавфноки шахс ба рӯҳи инсон мебошад, ки зидди қобилияти иродаи шахс аст ва бо роҳи иттилоотӣ ва дигар усулҳо татбиқ мегардад, ки қобилияти маҳв намудани иродаи шахс ва ё осеби равонӣ расониданро дорад»[74].

Дар асоси таҳқиқоти болозикр ба хулоса омадан мумкин аст, ки зӯроварии рӯҳиро ба ду намуд тақсим кардан мумкин аст: Зӯроварии эмотсионалӣ ва зӯроварии рӯҳӣ.

Зӯроварии эмотсионалӣ. Муайяннамоии намуди мазкури зӯроварӣ мушкилтар аст, зеро ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар якҷоягӣ бо намудҳои дигари зӯроварӣ зоҳир мегардад. Зӯроварии эмотсионалӣ – ин ҳама гуна амалест, ки ба кӯдак зарари рӯҳӣ расонида, инкишофи ба синну сол мувофиқи ҳолати эмотсионалии ӯро зери хатар мегузорад. Ба зӯроварии эмотсионалӣ ҳаракатҳои зерини нисбати кӯдак содиргардида дохил карда мешаванд: ҷудонамоӣ, яъне дур намудани кӯдак аз муносибатҳои муқаррарии иҷтимоӣ; дашном додани шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила; ғамгинӣ, муҳокима накардани мушкилот; «пешниҳоди маҳдудиятҳо» (масалан, агар шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила дар вақти муқарраршуда дарсҳояшро тайёр

[74] Сердюк Л.В. Асари зикршуда. – С. 15.

накард, ё ин ки рахти хобашро ба тартиб надароварда бошад, барои ин ба ӯ то вақти муайян тамошои телевизор ё ба кӯча баромадан манъ мегардад); тарсонидан ва ғ. таҳқири мунтазами шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила, бо сухан ва бо ин восита дар ӯ инкишоф додани ҳисси устувори тарснокӣ; тарсонидан бо ҷазо («Боз мушкиле дар мактаб эҷод мекунӣ, ман камарбандро мегирам») ва ғ.; вайроннамоии ахлоқи шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила (бо роҳи коррупсионӣ), ҷалб намудан ва маҷбур намудани шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила ба кирдорҳое, ки бар хилофи меъёрҳои иҷтимоианд ва ба шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила зарар мерасонанд (ҷалб намудан ё маҷбур кардани шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила ба дуздӣ, истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи нашъаовар).

Зӯроварии рӯҳӣ. Ба ақидаи Рут Соонетс[75], зӯроварии рӯҳӣ бо вуҷуди шабоҳат доштанаш бо зӯроварии эмотсионалӣ бояд дар алоҳидагӣ омӯхта шавад[76]. Зӯроварии рӯҳӣ – ин кирдори нисбати кӯдак содиршудае мебошад, ки қобилияти дар ӯ мавҷудбударо, ки имконияти инкишофёбиро дорад, маҳдуд менамояд ё ба он зарар мерасонад. Ба зӯроварии рӯҳӣ дохил мегарданд: ҷанҷолҳои мунтазам дар оила, рафтори ғайричашмдошти волидайн нисбати шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила ва ғ.

Аз таҳлили назарияҳои зикргардида, ба хулоса омадан мумкин аст, ки **зӯроварии рӯҳӣ** – ин муносибати зиддиҳуқуқии ба ҷамъият хавфноке мебошад, ки бо роҳи қасдан расонидани таъсири рӯҳӣ ва ба ин восита маҳдуд намудани қобилияти иродаи шахс, ки аз ҷониби як аъзои оила нисбати аъзои дигари оила, бо мақсади итоат намудан ба хостаҳои ӯ (зӯровар) равона гардида, дар натиҷа, ба ҷабрдида (қурбонӣ) зарари рӯҳӣ мерасонад, ё ба инкишофи рӯҳии ҷабрдида (қурбонӣ) таъсири манфӣ расонида мешавад, ё таҳдиди ҳақиқии расонидани чунин зарар пайдо мегардад, ё дар натиҷаи чунин таъсиррасонӣ шахс ҷиноят содир менамояд.

[75] Ниг.: Соонетс Р., Локо Я., Локо Т. и др. Недостойное обращение с детьми. – Тарту: АО Атлекс, 2000. – 230 с.
[76] Ниг.: Зиновьева Н.О., Михайлова Н.Ф. Психология и психотерапия насилия. Ребёнок в кризисной ситуации. – СПб: Речь, 2003. – 248 с.

**Зӯроварии шаҳвонӣ.** Зӯроварии шаҳвонӣ – ин маҷбур намудан ба алоқаи ҷинсӣ ё дигар ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонидошта тавассути истифодаи таҳдид, қувва ё маҳдуднамоии иродаи ҷабрдида аст. Зӯроварии шаҳвонӣ хусусияти латентнокии баландро соҳиб аст, махсусан, ба хотири он ки самти муносибатҳои маҳрамона ҳамчун анъана объекти муҳокимаи ҷамъияти мо қарор намегирад. Дар аксарият маврид ин намуд бо дигар намудҳои зӯроварӣ дар якҷояги истифода бурда мешавад[77].

Зӯроварии шаҳвонӣ дар оила нисбати занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила сурат гирифтанаш мумкин аст. Амалияи тафтишӣ исботи онро мекунад, ки ин намуди зӯроварӣ дар оила бештар нисбати шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила сурат мегирад. Зӯроварии шаҳвонии нисбати шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила содиргардида аз ҷиҳати оқибати баамаломада, ба вазнитарини осеби рӯҳии расонидашуда тааллуқ дорад. Зӯроварии шаҳвонӣ нисбати шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила – ин амали шаҳвонӣ бо кӯдак аст, ки бо мақсади қонеъ намудани хостаҳои шаҳвонии шахси болиғ бар муқобили хостаҳои шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила ва дар шароите содир мегардад, ки ӯ дар вобастагӣ бо ҳолати оҷизии камолот қарор дошта, кирдор ва оқибати онро дарк карда наметавонад. Дар ин ҳолат шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила, бо сабаби нобаробарии қувваҳо имконияти рӯҳию ҷисмонии ҳифз намудани худро надорад. Ба зӯроварии шаҳвонӣ кирдорҳои зерини нисбати шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила содиргардида дохил мегарданд: зуҳури васвосии шаҳвонии худ нисбати касе (ба тариқи шифоҳӣ ё кирдор) бе розигӣ ва хостаи кӯдак ва ё бо розигии ӯ; суханони фаҳш, суҳбатҳои телефонӣ, мактубҳо; бо роҳи фиреб ё тарсонидан, ба алоқаи ҷинсӣ ҷалб намудан; ҷалб намудан ба ҳаракатҳои шаҳвонӣ бо истифодаи қувваи ҷисмонӣ; таҷовуз ба номус, истифодаи шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила бо мақсадҳои порнографӣ

[77] Ниг.: Горшкова И.Д., Шурыгина И.И. Насилие над женами в российских семьях. – М., 2003. – 83 с.

ё ҷалб намудан ба фоҳишагӣ ва ғ.[78]. Бадтарин шакли зӯроварии шаҳвонӣ – алоқаи шаҳвонии хешутаборӣ (инсест) аст. Ин муносибати шаҳвонӣ байни хешу табори наздик мебошад. Байни падар ва духтар, модар ва писар, бародар ё хоҳар, бобо/модаркалон ва наберагон. Мутаассифона, чунин ҳолатҳо кам нестанд. Дар аксарият маврид ин ҳолатҳоеанд, ки падар ё падархонд духтарро, модарон бошанд – писарони ноболиғи синну соли гуногунро ба содир кардани шаклҳои гуногуни муносибатҳои шаҳвонӣ маҷбур менамоянд. Намунаи ин гуфтаҳоро дар адабиёти ҳуқуқӣ вохӯрдан мумкин аст. Ин зуҳурот барои он даҳшатнок аст, ки хешовандони дигар дар бисёр ҳолат шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оиларо бовар намекунанд ва нисбати ҳодисаи бавуҷудомада хомӯш мемонанд. Дар натиҷаи таҳлил ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

**Зӯроварии шаҳвонӣ дар оила** – ин–кирдори зиддиҳуқуқии ба ҷамъият хавфнок ва қасдонаи як аъзои оила нисбати аъзои дигари оила мебошад, ки бо мақсади қонеъ намудани хостаҳои шаҳвонӣ аз ҷониби зӯровар ба тариқи татбиқи зӯроварии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё иқтисодӣ ва ё таҳдиди расонидани чунин зарарҳо, ё ҳолати оҷизии қурбонӣ нисбати ӯ содир гардида, дар натиҷа, ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҷабрдида (қурбонӣ) вайрон гардида, дар баробари ин, ба шахс зарари ҷисмонӣ ё рӯҳӣ расонида мешавад.

**Зӯроварии иқтисодӣ.** Зӯроварии иқтисодӣ ҳамчун намуди мустақили ин зуҳурот дар замони имрӯза мавриди таҳлили доираи ками олимон қарор гирифтааст. Гуфтан бамаврид аст, ки зӯроварии иқтисодӣ метавонад ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар якҷоягӣ бо дигар намудҳои зӯроварӣ зуҳур намояд. Қонунгузории миллӣ зӯроварии иқтисодӣ дар оиларо ҳамчун шакли мустақили зӯроварӣ дар оила эътироф намуда, дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» мафҳуми «зӯроварии иқтисодӣ» чунин дарҷ гардидааст: «Зӯроварии иқтисодӣ дар оила – кирдори зиддиҳуқуқии қасдонаи як узви оила нисбат ба дигар узви оила вобаста ба

[78] Ниг.: Рауфов Ф.Х. Ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ ҳамчун шакли зуҳури зӯроварии оилавӣ: масоил ва дурнамои инкишоф / Ф.Х. Рауфов // Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (маводи мизи мудаввар). – Душанбе, 2013. – С. 27-51.

маҳрум сохтан аз манзили истиқоматӣ, хӯрок, либос, молу мулк ё воситаҳое, ки ҷабрдида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ҳуқуқ дорад ва ин кирдор метавонад боиси вайрон гардидани солимии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё сар задани дигар ҳолатҳои ногувор гардад»[79], мебошад. Мушкилоти асосии ҷабрдидагони зӯроварии иқтисодӣ ин вобастагии пурраи иқтисодӣ доштанашон аз аъзои зӯровари оила мебошад. Ин намуди вобастагӣ бошад, аз надоштани маълумоти махсус ва ба меҳнати музднок машғул нагардидан пайдо мегардад. Ин навъи зӯроварӣ вайроннамоии ҳуқуқи молиявӣ–меҳнатии қурбонии зӯровар дар оила аст. Яъне, дар муносибатҳои молиявии оила ин навъи ҷабрдидагон, умуман, иштирок надошта, нақши ҳалкунандаро доро нестанд. Зӯроварии иқтисодӣ дар оила метавонад дар саркашӣ намудан аз таъмини оила, назорати ҷиддии хароҷоти оилавӣ, пинҳоннамоии фоидаи хусусӣ, хароҷоти зӯровар танҳо ба хотири хостаҳои шахсии ӯ, мустақилияту назорати муносибатҳои молиявӣ, саркашӣ намудан аз пардохти алименти фарзандон ва ғ. инъикос ёбад. Тавре дар боло қайд намудем, яке аз сабабҳои татбиқу таҳаммул намудани ин навъи зӯроварӣ дар оила, ин вобастагии иқтисодӣ доштани ҷабрдидаи чунин муносибатҳо дар оила аз зӯровар мебошад.

Сабабҳои вобастагии иқтисодӣ метавонад таваллуди кӯдак ва нигоҳубини ӯ, манъи ба кор баромадани зан, буҳрон ва бекорӣ, ихтисорот дар бозори меҳнат ва ғ. гарданд. Ҳамчунин, қурбонии зӯроварии мазкур заноне ҳам шуда метавонанд, ки кор мекунанд ва озодии харҷи маблағи худро ба таври дилхоҳ сарф намуданро надоранд. Ғайр аз ин, ба ҷабрдидагони (қурбониёни) зӯроварии иқтисодӣ дар оила ноболиғ ва шахсони хурдсоли аъзои оиларо низ ворид намудан мумкин аст. Нисбати ин гуруҳи аъзои оила зӯроварии иқтисодӣ метавонад дар намуди таъсиррасонии хусусияти иқтисодидошта ва аз ҷиҳати моддӣ таъмин накардани онҳо дохил гарданд.

[79] Қонуни ҶТ дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2013. – №3 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 24.05.2022).

Дар асоси ин гуфтаҳо, ҳаракатҳои зеринро ҳамчун намуди татбиқи зӯроварии иқтисодӣ дар оила фарқ кардан имкон дорад:

– маҳрум намудан аз истифодаи захираҳо (захираҳои моддӣ);

– ба фаъолияти меҳнатӣ иҷозат надодан (ба ин васила тобеи худ намудани қобилияти иродаи шахс);

– маҳдуднамоӣ, ради додани маблағ;

– пинҳон намудани даромад (ба хотири насупоридани алимент ва ё дигар хароҷот);

– тақсимоти ноодилонаи молу мулк;

– гирифтани музди кор.

Мушкилоти асосии ин намуди зӯроварӣ дар он аст, ки ошкор намудан ва исботнамоии он аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ душвор аст. Ғайр аз ин, қариб дар аксарияти оилаҳо вобастагии занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила аз дигар аъзои оила дида мешавад. Махсусан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои Осиё. Ин маънои онро надорад, ки зӯровари иқтисодӣ танҳо шавҳар буда метавонад, ҳолатҳое ҳам буда метавонанд, ки бо вуҷуди кӯшишҳои зиёд намудан, масалан, шавҳарон хостаҳои моддии занонро қонеъ карда наметавонанд. Надоштани имконияти таъмини дилхоҳ, маънои татбиқи зӯроварии иқтисодӣ дар оиларо надорад. Пас, савол ба миён меояд, ки зӯроварии иқтисодӣ бо кадом роҳҳо зуҳур карда метавонад?

Зӯроварии иқтисодӣ бо роҳҳои зерин зуҳур меёбад:

– қасдан, ба ҷабрдида иҷозат дода намешавад, ки молу мулк ва маблағи худро соҳибӣ намояд.

– имконияти пурра барои ба даст овардани маошро нисбати ҷабрдида маҳдуд менамоянд.

– бо вуҷуди мавҷуд будани шароити хуб хароҷоти ҷабрдида комилан назорат карда мешаванд.

– ба ҷабрдидае, ки дар ҳолати оҷизӣ қарор дорад, маблағ дода намешавад.

– аз ҷабрдида бо роҳи фиреб ё зери фишор, ё ба тариқи ба боварӣ даромадан маблағ мегиранд.

– ҷабрдидаро бовар мекунонанд, ки ӯ қобилияти идора кардани молу мулк ва маблағро надорад.

**Зӯроварии иқтисодӣ дар оила –** ин кирдори қасдонаи зиддиҳуқуқии узви оила нисбати аъзои дигари оила мебошад, ки дар натиҷаи онҳо ба ҳуқуқҳои моддии ҷабрдида зарар расонида шуда, боиси пайдо гардидани мушкилот ё ҳолати ногувор дар ҳаёти ӯ гардида бошад.

Хуллас, таҳлили муҳтавои зӯроварӣ ва намудҳои он ба мо имкон медиҳанд, ки аз натиҷаи таҳлил хулосабарорӣ намуда, ақидаи худро перомуни мафҳуми зӯроварӣ дар оила пешниҳод намоем. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда, ба хулоса омада, мафҳуми зӯроварӣ дар оиларо ба таври зерин шарҳ доданием: **зӯроварӣ дар оила** – ин кирдори ғайриқонунии қасдона содиршудаест, ки дар дохили оила ё байни аъзои оила, ки дар доираи муносибати хешутаборӣ буда ва ё байни ҳамсарони собиқ содиршудае мебошад, ки бо роҳи расонидани зарари ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ва иқтисодӣ ва ё таҳдиди расонидани чунин зӯроварӣ нисбати ҷабрдидагони (қурбониёни) зӯроварӣ дар оила, бо мақсади иҷрои амале ё худдорӣ аз иҷрои амале содир мегардад, фаҳмида мешавад.

## 1.2. Таҳлили муқоисавии зӯроварӣ дар оила дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

Мушкилоти муосири иҷтимоӣ – камбизоатӣ, ҷангу муноқиша, инчунин, омилҳои ҷаҳонишавӣ дар муносибатҳои оилавӣ таъсири мусбию манфӣ мерасонанд. Камбудиҳои муайян дар қонунгузории бисёр кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар қисмати танзими муносибатҳои оилавӣ вобаста аз байн бурдани зӯроварӣ дар оила таъсири манфӣ мерасонад. Таъбизи гендерӣ ва дигар намудҳои таъбизи иҷтимоӣ сабабҳои зиёд шудани зӯроварӣ дар оила мегарданд. Д.А. Шестаков муносибати ҷинояткор ва ҷабрдидаро дар вазъияти хиёнати ҳамсарӣ омӯхта, қайд мекунад, ки шумораи зиёди ҷиноятҳо аз рӯйи

рашк аз ҷониби шавҳарон содир карда мешаванд[80]. Ба гуруҳи дигари осебпазир аз зӯроварӣ дар оила кӯдакон дохил мегарданд. Кӯдакон, одатан, бо зӯроварӣ ҳангоми баррасии муносибатҳои волидайн, дар оила рӯ ба рӯ мегарданд. Вақте ки дар оила зӯроварӣ нисбати зан татбиқ мегардад, аксаран нисбати ҳолати рӯҳии кӯдакон дар оила низ таъсир мерасонад[81]. Дар ин раванд бояд гуфт, ки мавқеи мардону занон дар ҷомеа, тақсимоти анъанавии нақши зану мард, бешубҳа, ба мушкилоти зӯроварӣ дар оила таъсир мерасонад, ки ин яке аз нишонаҳои муайяни криминологӣ аст ва омӯзиши махсусро тақозо менамояд. Мушкилоти зӯроварӣ дар оила, аз нуқтаи назари феминизм, пеш аз ҳама, мушкилоти муносибатҳои мутақобилаи гендерӣ аст. Аммо зӯроварӣ дар оила нисбати занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила, инчунин, аз ҷиҳати муносибатҳои мутақобила ҳам баррасӣ кардан мумкин аст, масалан, байни занон – модар ва духтар, келин ва хушдоман ё аз ҷониби шахсони ноболиғ ё собиқ кӯдаки ба воя расида нисбати волидайн. Чунин ҳолатҳо мутлақо камтар буда, вазъи зӯроварӣ дар оиларо нисбати занон муайян намекунанд, аммо ҳангоми баррасии зӯроварӣ дар оила ҳолатҳои мазкурро комилан истисно кардан мумкин нест. Барои комилан муайян намудани вазъи мушкилоти зӯроварӣ дар оила дар замони имрӯза таҳлили мустақили вазъи ҳуқуқҳои занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила дар алоҳидагӣ лозим аст.

Дар айни замон, дар 89 давлати дунё муқаррароти қонунгузорӣ амал мекунанд, ки дар онҳо махсусан зуҳуроти зӯроварӣ дар оила баррасӣ карда мешавад. Аз ин нишондод 60 давлат қонунҳои махсусро дар бораи зӯроварии оилавӣ қабул намудаанд. 7 давлат қонунҳо дар бораи зӯроварӣ нисбати занонро эътироф намудаанд. Дар 14 давлат меъёрҳои махсуси вобаста ба зӯроварӣ дар оила амал мекунанд, ки муқаррароти онҳо дар кодексҳои ҷиноятӣ мушаххас гардидаанд. 5 давлат меъёрҳои ҳуқуқӣ–гражданиро таҳия

---

[80] Ниг.: Шестаков Д.А. Взаимоотношения преступника и жертвы в ситуации супружеской измены. Потерпевший от преступления. – Тарту, 1987. – С. 30.
[81] Ниг.: Наше право на зашиту от насилия [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org (санаи муроҷиат: 01.03.2021).

намудаанд, ки дар асоси он гунаҳкорро аз хона берун мекунанд. 12 давлат дар қонунгузории худ меъёрҳои махсусеро муқаррар намудаанд, ки бо зуҳуроти зӯроварӣ дар оила алоқамандӣ доранд. Дар 102 давлат муқаррароти мушаххас дар бораи зӯроварӣ дар оила қабул нагардидааст. Дар 20 давлат лоиҳаҳои қонунҳо дар бораи зӯроварии оилавӣ дар ҳолати инкишофёбӣ қарор доранд, чор давлати дигар мақсади таҳияи қонунгузории махсус ё меъёрҳои қонунии мушаххасро оид ба зӯроварӣ дар оила изҳор намудаанд[82].

Қабули санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ дар байни давлатҳои ИДМ дар самти мубориза бар муқобили зӯроварӣ дар оила назаррас мебошад. Муваффақияти занон дар ба даст овардани аксар ҳуқуқҳои гражданӣ, дар байни ИДМ сатҳи назарраси маърифат, баланд бардоштани худогоҳӣ, шуғли занон ба меҳнати касбӣ, пайдо кардани мустақилияти иқтисодӣ ва дарки аҳаммияти иҷтимоии занон ба соҳаҳои «хусусӣ», ба монанди институти никоҳу оила натавонистанд, ки бетаъсир боқӣ монанд. Дар миёнаи асри XX ҷомеаи шаҳрвандиро далели шумораи торафт афзоишёбандаи талоқ дар байни давлатҳои ИДМ ба ташвиш овард, ки он чун бухрони ҷиддӣ дар муносибатҳои никоҳу оилавӣ пиндошта шуд. Таҳлили ин зуҳурот дар байни давлатҳои ИДМ нишон дод, ки ин бухрони никоҳу оилаи патриархалӣ аст, ки дар тобеияти зану фарзандон ба сардори оила – шавҳар асос ёфтааст. Дар кишварҳои мутамаддинтарин шакли патриархалии никоҳу оила, ки бо анъанаю маросим муқаддас гардонида шудааст, аз ҷониби ҳама ниҳодҳои иҷтимоӣ, равобити фарҳангӣ ва шуури ҷамъиятӣ мустаҳкам карда шуда, ниҳоят коста гардид.

Таҳқиқоти Д.Ж. Сопиева ва Д.М. Байназарова шаҳодат аз он медиҳад, ки дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, сарфи назар аз муборизаи қатъӣ бо боқимондаи урфу одатҳои маҳаллӣ, чунин зуҳурот ба монанди маҷбур кардани занон ба никоҳ, пардохтани қалини арӯс ва бисёрзанӣ ҳоло ҳам мавҷуданд. Зуҳуроти зӯроварӣ дар оила дар ин минтақа чун ҳолати ба

---

[82] Ниг.: Углубленное исследование Генерального секретаря ООН, посвященное насилию в отношении женщин [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://articlekz.com/article/20672 (санаи муроҷиат: 01.03.2021).

худкушӣ расонидани занон тавассути худсӯзӣ ҳам ифода меёфт[83]. Дар ин раванд қайд намудан бамаврид аст, ки новобаста аз он ки дар давлатҳои ИДМ бо вуҷуди мавҷуд будани қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии вобаста ба баробарҳуқуқии занону мардон дар оила, раванди инкишофи падидаи мазкур бо сабабҳои гуногун ба назар мерасад.

Тибқи ҳисоботи Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, зиёда аз чор ҳиссаи занони дунё ақаллан як маротиба дар зиндагӣ (шуруъ аз синни 15–солагӣ) аз ҷониби ҳамзистони худ мавриди зӯроварии ҷисмонӣ ё шаҳвонӣ қарор гирифтаанд. Дар ҷаҳон то 38%–и куштори занон аз ҷониби ҳамзистони онҳо содир карда мешавад. Зӯроварӣ ва махсусан зӯроварии шаҳвонӣ низ дар аксарият ҳолат аз ҷониби ҳамзистони занон содир мегардад[84]. Дар баробари занон, зӯроварӣ дар оила нисбати шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила низ татбиқ мегардад. Таҳқиқот шаҳодат аз он медиҳанд, ки аз 80% то 98%–и кӯдакони ҷаҳон аз зӯроварии ҷисмонӣ дар оила зарар мебинанд[85]. Таҳқиқоти гузаронидашуда дар давлатҳои ИДМ низ нишондодҳои гуногуни татбиқи зӯроварӣ дар оиларо пешниҳод менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон 17% занон қурбонии зӯроварии ҷисмонӣ гардида, 21%–и дигар қурбонии зӯроварии шаҳвонӣ мегарданд[86], дар баробари ин, 67% калонсолон нисбати кӯдаконашон зӯровариро бо мақсадҳои гуногун истифода мебаранд[87]. Дар Ҷумҳурии Узбекистон 43% занон ба

[83] Ниг.: Сопиева Д.М. Проблемы борьбы с преступлениями, посягающими на брачно-семейные отношения (по материалам Туркменской ССР): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. -М., 1990. – 27 с.; Байназарова М.Д. Ответственность за доведение до самоубийства женщин на почве пережитков местных обычаев: автореф. номз. илмҳ. ҳуқуқш. – М., 1986. – 20 с.
[84] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.who.int (санаи муроҷиат: 04.03.2022).
[85] Ниг.: Доклад независимого эксперта ООН о насилии в отношении детей, 2006. – С. 11 // Global Estimates of Health Consequences due to Violence against Children. Background paper for the United Nations Study on Violence against Children (Geneva, World Health Organization, 2006). – С. 11. Анализ представлен для исследования на основе глобального обзора состояния здоровья в школах: Всемирная организация здравоохранения [Захираи электронӣ]. –Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.cdc.gov/gshs or http://www.who.int/school_youth_health/gshs (санаи муроҷиат: 04.03.2015 с.) на основе данных, полученных в результате обзоров, проведенных в 2003-2005 годах в Ботсване, Чили (городские районы), Китае (Пекин), Гайане, Иордании, Кении, Ливане, Намибии, Омане, на Филиппинах, в Свазиленде, Уганде, Объединенных Арабских Эмиратах, Венесуэле (Лара), Замбии и Зимбабве (Хараре).
[86] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.ecs.unwomen.org (санаи муроҷиат: 04.04.2022).
[87] Ниг.: Краткий аналитический отчет Насилие в отношении детей в семьях в Казахстане: исследование знаний, отношения и практики. – Астана, 2017.

зӯроварӣ дар оила дучор гаштаанд[88]. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон бошад, дар соли 2015 ҳамагӣ 29100 ҷинояти дар маҷмуъ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 8401 ҷиноят нисбати занон ва 1009 ҷиноят нисбати шахсони ноболиғ ва хурдсол содир гардидааст[89]. Дар давраи солҳои 2012–2018 ҷабрдидагони асосии ҷиноятҳои дар оила бавуҷудомадаро дар Россия занон ташкил медиҳанд (зиёда аз 70%)[90]. Ғайр аз ин, қариб 10 ҳазор волидайнро аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум намуда, зиёда аз 2,5 ҳазор кӯдакон бе маҳрум намудани ҳуқуқҳои волидайнашон аз онҳо гирифта мешаванд, зеро дар оила таҳдиди расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии ин кӯдакон вуҷуд дорад[91]. Қобили қайд аст, ки ин таҳқиқот имкон фароҳам овар данд, ки фикру мулоҳизаҳои ҳам мардон ва ҳам занонро, ки ҳуқуқи баробари сухан гуфтану фикри худро баён карданро доранд, омӯзем[92]. Аммо, дар баробари ин, бояд қайд кард, ки мушкилоти зӯроварӣ дар муносибатҳои оилавӣ ба ҳама одамон, новобаста аз ҷинс, синну сол, сатҳи маълумот ва ҷойи истиқоматашон масоили мубрам аст.

Бо мақсади таҳлили криминологии проблемаҳои зӯроварӣ дар оила бояд таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ мавриди таҳқиқоти криминологӣ қарор дода шавад. Яке аз давлатҳое, ки бештар дар ин самт мавқеи муайянро ишғол менамояд, Ҷумҳурии Қазоқистон ба ҳисоб меравад. Тибқи таҳқиқоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Қазоқистон, зӯроварӣ дар оила аз се як ҳиссаи ҳама ҳолатҳои зӯроварӣ нисбати занонро ташкил медиҳад. Инро таҳқиқоти сотсиологӣ низ тасдиқ менамояд, ки мувофиқи он тахминан сеяки ҳолатҳои зӯроварии ҷисмонӣ паси дарҳои баста рух медиҳанд. Дар маҷмуъ, дар кишвар аз ҳар панҷ зан якеро латукӯб мекунанд, аз ҳар сӣ як нафарро

---

88 Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.anhor.uz (санаи муроҷиат: 04.04.2022).

89 Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unodc.org/documents/centralasia/2018/GBV_TIP_crimes_data_collection_analysis_RUS.pdf (санаи муроҷиат 19.04.2023).

90 Ниг.: Исследование по вапросам предотвращения и борьбы с насилием в отношении женщин и домашним насилием, в том числе в ситуациях социальнного неблагопалучия в Российской Федерации на основе анализа Российской нормативно-правовой базы и обращения передовых практик. – апрел, 2020, – С.13.

91 Ниг. Формы жестогоко обращения с детьми в семье и его последствия / Министерство социального развития Пермского края автономная некоммерческая организация «Центр социально-психологической помощи населению». – Пермь, 2010. – С. 5.

92 Ниг.:Забелина Т.Ю. Россия: насилие в семье – насилие в обществе. – М., 2002. – С. 70-71; Бурова С., Езерска З., Забелина Т.Ю. и др. Россия: насилие в семье – насилие в обществе. – М., 2002. – С. 12-15.

таҷовуз менамоянд, аммо фақат аз ҳар панҷоҳ ҳолат, фақат як ҳолати зӯроварии дар оила содиргардида ба диққати сохторҳои расмӣ мерасад[93]. Аммо зӯроварӣ дар оила на фақат ба занон, балки ба аъзоёни дигари оила, бахусус шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила низ таъсир мерасонад. Масалан, дар Қазоқистон дар 80%–и оилаҳое, ки дар он содиршавии зӯроварӣ ба қайд гирифта шудаанд, ҷабрдидагони он аксаран кӯдакон ба ҳисоб меравáнд[94].

Гузориши мухтасари ҳисоботии зӯроварӣ нисбати кӯдакон дар оилаҳои Қазокистон, ки аз ҷониби Фонди кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар Ҷумҳурии Қазоқистон соли 2017 таҳлил карда шудааст, нишон дод, ки 67% намояндагони калонсоли аҳолӣ зӯровариро бо мақсади тарбия намудани шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила татбиқ менамоянд. Махсусан, 65% калонсолон зӯроварии рӯҳиро истифода намудаанд ва 39% зӯроварии ҷисмониро бо мақсади тарбия намудан нисбати шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила истифода бурдаанд. Ғайр аз ин, 37%–и шахсони калонсол ҳам зӯроварии рӯҳӣ ва ҳам зӯроварии ҷисмониро бо мақсади тарбияи шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила татбиқ намудаанд. Яке аз сабабҳои истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ мумкин аст, ки натиҷаи идора карда натавонистани ғазабнокии худи волидайни парастор бошад ё ҳолатҳое бошанд, ки таҳдид ва ё мақсади расонидани зарари ҷисмониро аён намоянд, ба монанди тарсонидани шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила барои моил намудани ӯ ба итоати худ ё «омӯзонидани» рафтори намунавӣ[95].

Масъалаи зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ бояд ҷиддӣ баррасӣ карда шавад, зеро он ба вайроншавии эҳсоси худбаҳодиҳӣ, ҳамчунин, ба ҷомеа мутобиқшавӣ ва инкишофи рӯҳии шахси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила

[93] Ниг.:Бартенева Г., Дрелих А. Очерк о насилии: насилие прогрессирует / Г. Бартенева, А. Дрелих // Равенство возможностей: Журнал Феминистской лиги. – Алматы, 2002. – №002. – С. 27-29.
[94] Ниг.:Тленчиева Г. Насилие против женщин в Казахстане / Г. Тленчиева // Женщины Центральной Азии: Сборник статей. – Тошканд, 1998. – №2. – С. 49.
[95] Ниг.: Насилие в отношении детей в семьях в Казахстане: исследование знаний, отношения и практики. Краткий аналитический отчет. – Астана, 2017 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unicef.org/kazakhstan/media (санаи муроҷиат: 03.04.2021).

оварда мерасонад. Истифодаи занҷирии зӯроварӣ, аз насл ба насл, яке аз мушкилоти асосӣ дар оилаҳои Қазоқистон ба ҳисоб меравад. Дар доираи таҳқиқот маълум гардид, ки калонсолоне, ки зӯроварии ҷисмониро дар кӯдакӣ аз сар гузаронидаанд, дар қиёс бо калонсолоне, ки бо зӯроварии ҷисмонӣ дар кӯдакӣ рӯ ба рӯ нагардидаанд (60% ва 30%), бо эҳтимоли зиёд зӯроварии рӯҳӣ (72%) ва ҷисмонӣ (48%)–ро ҳамчун шакли тарбия ва меъёри назоратӣ нисбати ашхоси ноболиғ ва хурдсоли аъзои оилаашон истифода мебаранд[96].

Илова ба ин, гузориши зикршуда муайян намуд, ки 75% намояндагони калонсоли аҳолӣ ва 46% мутахассисони соҳаи ҳифзи кӯдакон истифодаи ҷазои ҷисмониро дар хона дуруст мешуморанд. Ин маълумотҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҷазои ҷисмонӣ дар амал татбиқ гардида, дар ҷомеа решаи амиқ гузоштааст. Дар ҳолате ки волидайн мунтазам ҷазои ҷисмониро истифода менамоянд, ба хотири рафтори дилхоҳро дар фарзандон дидан, таҳқиқоти гузаронидашуда шаҳодат аз он медиҳанд, ки татбиқи ҷазои ҷисмонӣ нисбати шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила таъсири муқобил ва оқибати номатлуб дорад ва ба онҳо зарар мерасонад (масалан, метавонад, ки сабаби ба рафторҳои ғайриҷамъиятӣ даст задани ноболиғ гардад)[97].

Қисми дигари гуруҳи осебпазири ҷомеаи шаҳрвандии Қазоқистонро занон ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти гузаронидашудаи Фонди кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар Қазоқистон аз он шаҳодат медиҳад, ки зӯроварӣ нисбати занон низ зуҳуроти ба қадри кофӣ паҳнгашта мебошад. Мувофиқи маълумотҳои таҳқиқоти мазкур, аз занони 18–75 сола, ки шарики зиндагӣ доранд ё доштанд, аксарияти онҳо ба зӯроварӣ дучор гардидаанд. Нисбати 17%–и онҳо зӯроварии ҷисмонӣ ё шаҳвонӣ ё ҳар ду намуди зӯроварӣ дар якҷоягӣ татбиқ гардидааст. 21%–и занони пурсидашуда тасдиқ намудаанд, ки аз ҷониби ҳамзистони худ дучори зӯроварии рӯҳӣ гардидаанд ва 7% занон

---

[96] Ниг.: Ҳамон ҷо [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unicef.org/kazakhstan/media (санаи муроҷиат: 03.04.2021).

[97] Ниг.: Насилие в отношении детей в семьях в Казахстане: исследование знаний, отношения и практики. Краткий аналитический отчет. – Астана, 2017 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.unicef.org/kazakhstan/media (санаи муроҷиат: 03.04.2021).

шаҳодат доданд, ки қурбонии зӯроварии иқтисодӣ гардидаанд. Ҳамчунин, 57% занони пурсидашуда тасдиқ намуданд, ки дар 12 моҳи охир аз ҷониби ҳамзистони худ мунтазам нисбати онҳо зӯроварӣ татбиқ гардидааст. Дар байни заноне, ки аз ҷониби ҳамзистони худ дучори зӯроварӣ гардидаанд, бештари онҳо (23%) ба падару модари худ ё волидайни ҳамзисташон (21%) хабар додаанд. Баъдан, ба рафиқони худ (14%) ё хешовандони дигар (10%). Миқдори ками онҳо, ҳамагӣ 8%–и занон ба намояндагони мақомотҳои давлатии дахлдор – милитсия ва ҳамагӣ 3%–и онҳо ба духтур муроҷиат намуда, қурбонии зӯроварии оилавӣ гардиданашонро тасдиқ намудаанд[98].

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон аз 03 июли 2017 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба такмили низоми ҳифзи ҳуқуқӣ», моддаи 108 кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон, ки ҷавобгариро барои қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ ва моддаи 109 кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон, ки ҷавобгариро барои латукӯб пешниҳод менамуданд, хориҷ карда шуданд. Пас аз ғайриҷиноятӣ эътироф намудани кирдорҳои зикргардида, зӯроварони оилавӣ ҳисси масъулиятнокӣ ва ҷазоро гум намуданд ва содир намудани ҳуқуқвайроннамоии ҷиноятӣ дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ низ зиёд гардид. Аллакай дар як соли оянда, пас аз ворид намудани тағйиру иловаҳои зикргардида ба кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон, шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифташуда дар самти иҷтимоӣ–оилавӣ зиёда аз ду маротиба инкишоф ёфт. Дар муқоиса ба соли 2018 дар соли 2019 низ теъдоди ин ҷиноятҳо нисбатан зиёд гардидааст. Инкишофи шумораи ҷиноятҳо дар муддати 2 сол дар самти зӯроварӣ дар оила, баъд аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон, нишондиҳандаи он аст, ки хориҷ намудани моддаҳои 108 ва 109 кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон нодуруст буд. Ин раванд боиси вайроншавии принсипи «таҳаммулпазирӣ»–и татбиқшаванда дар муносибатҳои оилавӣ

---

[98] Ниг.: Выборочное обследование по насилию в отношении женщин. – Казахстан: Астана, 2017.

гардид, иқтидори хусусияти пешгирикунандаи қонунгузории ҷиноятӣ низ коҳиш ёфт. Дар замони имрӯза лозим аст, ки ҷавобгарӣ барои қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ ва латукӯб, бо баргардонидани моддаҳои 108–109 кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон, бо ҷойгир намудани санксия на дар шакли маҳдуднамоӣ, балки аз озодӣ маҳрум намудан, татбиқ карда шавад. Ҳуқуқвайроннамоиҳои зикргардида бештар дар самти муносибатҳои оилавӣ ба вуҷуд меоянд. Онҳо нисбат ба таҳқир, ҳамчун ҷиноят хатарноктаранд, аммо ҳамчун кирдори ҳуқуқвайронкунӣ ҷиноятӣ эътироф нагардидаанд. Барои таҳқир тибқи моддаи 131 кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон, ҷавобгарӣ татбиқ мегардад, аммо дар ҳолати латукӯби инсон нисбати шахси гунаҳкор ҷавобгарии маъмурӣ татбиқ мегардад. Ин ҳолат вайроннамоии принсипи адолат аст[99]. Дар баробари Ҷумҳурии Қазоқистон, дар дигар давлатҳои ИДМ низ зӯроварӣ дар оила ҳамчун зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ арзи ҳастӣ дорад.

Мутобиқи таҳқиқоти сотсиологии «омилҳои инкишофи оилаи муътадил ва саломатии репродуктивии оила дар Ҷумҳурии Узбекистон» зӯроварӣ дар оила бештар дар шакли таъсиррасонии рӯҳӣ ва иқтисодӣ, ба монанди таҳқири шифоҳӣ (28% аз ҳаҷми умумии пурсидашудагон), таҳдид, тарсонидан (6,5%), иҷозат надодан ба таҳсил ва ё кор (7%), ба аёдати волидайн ва дӯстон иҷозат надодан (4,5%) ва надодани маблағ барои хароҷот (6,5%), зоҳир мегардад. Қурбонии зӯроварии шаҳвонӣ гардиданашонро ҳамагӣ 10% (ё 10 нафар аз шумораи умумии пурсидашудагон, ки 2020 занро ташкил медоданд) иқрор гаштаанд. Аз рӯйи таҳқиқоти мазкур, ҳамагӣ 5,8% занон боре дучори зӯроварии ҷисмонӣ гардиданашонро тасдиқ намудаанд. Тибқи ақидаҳои пурсидашудагон, сабабҳои асосии ба зӯроварии ҷисмонӣ дучор гаштани онҳо чунин аст: натиҷаи хиёнати яке аз тарафҳо (зиёда аз 85%), рашк (28%), беэҳтиромӣ нисбати волидайн ва ё дигар аъзоёни оилаи шавҳар (53%),

---

[99] Ниг.: Рахметов С.М. Problemy sovershenstvovaniya zakonodatelstva respubliki Kazahstan po protivodeystviyu semeyno-bytovomu nasiliyu. pdf [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: file:///C:/Users/Windows7/ (санаи муроҷиат: 17.03.2022).

беэҳтироми нисбати шавҳар (53%), норозигии шавҳар нисбати тарзи либоспӯшии зан дар кӯча (39%), беиҷозат аз хона берун шудани зан (37%), барои тарбия ва нигоҳубини кӯдакон (43%)[100].

Шуруъ аз соли 2017, Ҷумҳурии Узбекистон ба баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст. Парлумон ва Ҳукумати ин давлат ба баланд бардоштани ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии занон дар ҷомеа талош доранд. Давраи табаддули пешгирии зуҳуроти мазкур бо қабули ду санади муҳимми давлатии Ҷумҳурии Узбекистон «Дар бораи муҳофизати занон аз таъқиб ва зӯроварӣ «ва қонуни Ҷумҳурии Узбекистон «Дар бораи кафолати ҳуқуқу имкониятҳои баробар нисбати занон ва мардон», ки моҳи августи соли 2019 қабул гардиданд, рост меояд. Қабули қонунҳои мазкур, махсусан қонунҳо оид ба муносибати занону мардон, заминаи асосии ҳуқуқиро ба ҷабрдидагони (қурбониёни) зӯроварии оилавӣ пешниҳод менамояд. Қонунгузорӣ зӯроварии гендериро ҳамчун як намуди алоҳидаи кирдори ҷиноятӣ эътироф намуда, барои ҳифзи ҷабрдидагони (қурбониёни) зуҳуроти мазкур чораҳои мушаххасро пешбинӣ менамояд. Махсусан, ба ҷабрдидагони (қурбониёни) зӯроварии оилавӣ расонидани кумакҳои ройгони ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, рӯҳӣ, тиббӣ ва ғайраро ҳукумати ин давлат кафолат додааст[101].

Мутобиқи қонунгузориҳои амалкунанда дар Ҷумҳурии Узбекистон, ҳама гуна зӯроварӣ новобаста аз ҷой ва вақти содиршавӣ, кирдори ҷиноятӣ ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳисобида мешавад. Имрӯзҳо қонунгузории ҷиноӣ ҷавобгарӣ барои зӯроварӣ нисбати занон, барои вайрон намудани дахлнопазирӣ ба озодӣ, обрӯ ва шаъну шарафи занон, ҳамчунин, ҷиноятҳои зиддиахлоқии дар вобастагӣ ба оиларо дар бар мегирад[102]. Новобаста аз ин

---

[100] Ниг.: Социологическое исследование «Факторы формирования крепкой семьи и репродуктивного здоровья в Республике Узбекистан». – ИСИ. ЮНФПА, 2015.

[101] Ниг.: Работа, которую мы должны продолжить в Узбекистане и после завершения кампании против гендернного насилия [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://blogs.worldbank.org/team/marco-mantovanelli (санаи муроҷиат: 30.03.2022).

[102] Ниг.: Отчет выполнения положенний Пекинской Декларации и платформы действий Узбекистан. – Ташкент, 2019. – С. 25.

гуфтаҳо, зӯроварӣ дар оила яке аз мушкилоти мубрами рӯз дар ҷомеаи Ҷумҳурии Узбекистон ба ҳисоб меравад. Дар баробари андешидани чораҳои дахлдор дар Ҷумҳурии Узбекистон, Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон низ, дар боби 2, ҳуқуқ ба ҳаёт, озодии шахсӣ ва бехатарӣ, ҳамчунин, шаъну шараф, озодии зиндагии хусусӣ ва як қатор ҳуқуқҳои дигарро барои ҳар шахс кафолат додааст. Аммо мушкилоти зӯроварӣ дар оила ва нобаробарии гендерӣ барои ин давлат низ бегона нест. Дар шароити номутобиқи мавҷудбуда дар замони имрӯза, ки дар натиҷаи гумроҳии маънавӣ ва мушкилоти молумулкӣ ба вуҷуд омадаанд, зӯроварӣ ба як амали муқаррарӣ табдил ёфтааст ва зӯроварӣ нисбати занон доираи васеи амалҳоро фаро мегирад: аз таъқиб дар рӯзгори ҳаррӯзаи оилавӣ ва ҷойи кор оғоз гардида, то арӯсдӯздӣ ва таҳқири занон дар шаклҳои гуногун, ба монанди муносибати бераҳмона, озори ҷинсӣ, маҳрум намудани занон аз моликият, маҳдуд намудани ҳуқуқ ба ташкили оила, фурӯши занон, таҷовуз ба номус ва ҳатто аз ҳаёт маҳрум намудани занон омада мерасад. Ба ин нишондод, ҳамчунин, шаклҳои мураккаби зӯроварӣ: аз қабили издивоҷи хешутаборӣ ва таҷовуз ба номус, махсусан аз ҷониби шавҳаронро низ ворид намудан мумкин аст, ки дар ин ҳолатҳо муайян намудани шакли зоҳирии зарари расонидашуда душвор мебошад, аммо зарари рӯҳӣ ҳатман ба занон расонида мешавад[103].

Дар замони имрӯза аз эътирофи зӯроварӣ дар оила ва бо мақсади чораҳои зарурӣ андешидан нисбати ин зуҳурот дар Ҷумҳурии Қирғизистон қонун «Дар бораи муҳофизати иҷтимоӣ–ҳуқуқӣ аз зӯроварӣ дар оила» 31 январи соли 2003 қабул гардидааст. Дар баробари ин, ҳифзи ҳаёт ва саломатии шахсӣ, самти афзалиятноки қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистонро ташкил медиҳад.

Таҳлил намудани омилҳои зӯроварӣ нисбати занон ва шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила ва маълумотҳои омори расмии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Қирғизистон дар мавзуи таҳқиқотии мо мувофиқи мақсад

[103] Ниг.: Методологические основы проведения обследованния фактов насилия в отношении женщин и детей. – С. 753.

мебошад[104]. Аз таҳлили маълумотҳои омори расмии Ҷумҳурии Қирғизистон маълум кардан мумкин аст, ки зуҳуроти зӯроварӣ дар оила сол то сол дар ҳолати рушд қарор дорад ва шакли паҳнгаштаи онро зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ ташкил медиҳад.

Барои исботи ин гуфтаҳо, таҳлили Б.Г. Тугелбаеваро бо омори расмии давраи нави ҳисоботӣ муқоиса намудан мумкин аст. Омӯзиши маълумотҳои омории мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ нишон медиҳанд, ки маълумоти мукаммалтар дар бораи ҷиноятҳои нисбати занон содиргардида, ҷинояти таҷовуз ба номус аст. Тибқи маълумоти маркази иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Қирғизистон, дар давраи аз соли 1995 то соли 2002, 304562 ҷинояти дорои хусусияти умумидошта содир гардидааст. Миқдори ҷинояти таҷовуз ба номус дар ҳамин давра 2256 ё тахминан 0,8%–ро аз ҷиноятҳои дар умум содиргашта ташкил медод. Таҳлилҳои гузаронидашуда дар солҳои гузашта нишон медиҳанд, ки муқоисаи ҷинояти таҷовуз ба номус дар ҳаҷми ҷиноятҳои дар умум содиргардида устувор боқӣ мемонад (0,9–1%), аммо дараҷаи ошкорнамоии ин ҷиноят нисбат ба ҷиноятҳои дигар сол ба сол зиёд гардида, тамоюли афзоишёбиро доро аст. Ин нишондодҳо далели онанд, ки дар аксарият ҳолат таҷовуз ба номус аз ҷониби шахсоне содир мегардад, ки то андозае бо ҷабрдидагон шинос ҳастанд ё аз доираи наздикони онҳо мебошанд. Ин имкон медиҳад, ки ҷиноятро бо «нишонаҳои гарм» ошкор намоем, яъне сари вақт аз назар гузаронидани ҷойи ҳодиса, азназаргузаронӣ ва ё гирифтани далелҳои зарурии шайъӣ гузаронида мешавад[105].

Дар соли 2019 мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Қирғизистон дар феҳристи ягонаи ҷиноятҳо марбут ба зӯроварӣ дар оиларо сабт намудааст, ки аз ин миқдор зиёда аз 70%–и онро зӯроварӣ дар оила ташкил медиҳад[106]. Ҳамчунин, дар баробари ҳуқуқвайроннамоӣ, шумораи умумии ҷиноятҳои дар

[104] Ниг.: Национальный статистический комитет Кыргызской Республики [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Htpp://www.stat.kg (санаи муроҷиат: 28.03.2022).
[105] Ниг.: Тугельбаева Б.Г. Проблемы преступного насилия в отношении женщин: предупреждение и борьба с последствиями: на материалах Кыргызской Республики: дис. ... д-ра юрид. наук. – Бишкек, 2005. – 379 с.
[106] Ниг.: Национальный статистический комитет Кыргызской Республики [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: Htpp://www.stat.kg (санаи муроҷиат: 28.03.2022).

вобастагӣ бо зӯроварӣ дар оила содиргардида низ дар ҳоли рушд қарор доранд. Масалан, дар соли 2019 103 парвандаи ҷиноятӣ баррасӣ гардида бошад, ин нишондод дар соли 2020 ба 341 адад расидааст. Дар байни ин ҷиноятҳо одамкушӣ дар соли 2019 5 ҷиноят ва дар соли 2020 29, расонидани зарари вазнин ба саломатӣ дар соли 2019 1 ва 2020 22 ҷиноят, расонидани зарари сабук ба саломатӣ дар соли 2019 24 ва дар соли 2020 58 ҷиноятро ташкил медиҳад, ки нисбат ба дигар ҷиноятҳои дар самти муносибатҳои оилавӣ содиршаванда дар Ҷумҳурии Қирғизистон дар ҳолати инкишофёбӣ қарор доранд.

Дар натиҷаи таҳлили меъёрҳои ҳуқуқӣ ва омори расмии ҷиноятҳои дар оила содиршаванда ба хулоса омадан мумкин аст, ки татбиқи зӯроварии ҷисмонӣ дар ин давлат нисбат ба дигар шаклҳои зӯроварӣ зиёдтар аст ва шумораи ҷабрдидагони зӯроварии шаҳвонӣ нисбати даҳсолаи қаблӣ камтар гардида истодааст. Аммо татбиқи зӯроварӣ бо дарназардошти тамоми шаклҳояш дар ин давлат дар ҳолати рушд қарор дорад.

Дар баробари таҳлили криминологии ҷиноятҳо дар самти муносибатҳои оилавӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон, омӯзиши зуҳуроти мазкур дар Федератсияи Россия низ мувофиқи мақсад мебошад. Зеро дар Россияи муосир инкишофи таъсиррасониҳои манфӣ дар муносибатҳои оилавӣ, аз қабили вобастагии аъзои оила аз фазои маҷозӣ дар сатҳи болоравӣ қарор дорад. Ин раванд махсусан ба насли наврас хатари ҷиддӣ дорад. Дар натиҷа, синдроми киберӣ пайдо гашта, боиси ба қурбонӣ (виктим) ё ба ҷабрдида аз ҷиноят мубаддал гаштани истифодабарандаи фазои маҷозӣ мегардад. Ҳолати виктимологии оилавӣ – ин бегонашавии аъзоёни оила аз ҳамдигар ва заиф гардидани робитаҳои оилавӣ, то ба дараҷаи пош хӯрдани оила мебошад. Ҳолати криминологии оилавӣ дар раванди татбиқи амалҳои зӯроварӣ ва рафтори харобиовар дар оила зоҳир мегардад[107].

Аз таҳлили қонунгузории амалкунандаи самти ҷиноятӣ дар Федератсия

[107] Ниг.: Харламов В.С. Теория и практика противодействия преступному насилию в семье (системное криминологическое и уголовно-правовое исследование): автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – СПб, 2019. – 43 с.

Россия ба хулоса омадан мумкин аст, ки 52 моддаи кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия истифодаи зӯроварӣ дар оиларо ҳамчун аломати ҳатмии таркиби ҷиноят пешбинӣ мекунанд. Ин раванд 20,3% кодекси ҷиноятии Федератсияи Россияро фаро мегирад. Дар 34 меъёри кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия (9,4%) зӯроварӣ ҳамчун ҳолати квалификатсионӣ баромад мекунад. Зиёда аз 20 моддаи кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия барои муносибатҳои зӯроварона бар муқобили шахсият ҷавобгарӣ татбиқ менамоянд. Дар баробари таркибҳои гуногуни номбаргардида, квалификатсияи дурусти ҷиноятҳои хусусияти зӯроваронадошта дар бисёр ҳолат аз муайянии аниқи мафҳуми «зӯроварӣ» вобастагӣ дорад.

Ҷиноятҳое, ки хусусияти зӯроварӣ дар оиларо доранд, дар Федератсияи Россия бештар аз ҳама байни ҳамсарону шавҳарон ва ҳамзистоне содир мегарданд, ки зиндагии онҳо дар сатҳи пасти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ қарор дорад. Асосан, ҷиноятҳо дар ҳолати майзадагии ҷинояткор ва ҷабрдида ё майзада будани яке аз онҳо содир мегарданд. Қисми фаъоли ҷинояткоронеро, ки ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оиларо содир кардаанд, мардони калонсол ташкил медиҳанд. Аз ҳолатҳои умумии бақайдгирифташудаи ҷабрдидагони (қурбониёни) зӯроварӣ дар оила, шумораи занон нисбат ба мардон дар таносуби 3:1 бартарӣ дорад (ё 75,0% нисбат ба 25,0%), ҳамчунин, пайдошавии тағйироти динамикаи муносибатҳои мазкур ба назар мерасад. Ба ҳалли ихтилофоти дохилиоилавӣ омилҳои зерин, ба монанди фарҳанги пасти муносибатҳои оиладорӣ доштан, ба таври кофӣ мутобиқ нагардидани муҳоҷирон ба ҳаёти нав ва ғайраҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Ин таҳлилҳо хусусияти иҷтимоӣ–демографӣ дошта, нишон доданд, ки мардон ва занон қариб, ки фаъолияти криминологии якхеларо доро ҳастанд (ба ҳисоби миёна мутаносибан 62,9% ва 36,8%). Аммо занону мардон категорияҳои гуногуни ҷиноятҳоро содир мекунанд. Чун қоида, занон ҷиноятҳои дараҷаи вазнинияшон сабуктарро нисбат ба мардон содир мекунанд. Зӯроварӣ дар оила нисбати ноболиғон ва аъзои хурдсолро асосан шахсони миёнасол содир

менамоянд: шахсони 25–49–сола; дар баробари ин, ба гурӯҳи асосии криминогенӣ шахсони синну солашон 30–39 шомиланд, ки ба ин гурӯҳ асосан шахсоне дохил мегарданд, ки маълумоти миёна доранд, бекоранд ва, ҳамчун қоида, ақди никоҳ надоранд (ҳамчунин, шахсоне, ки дар асл, истеъмолкунандаи нӯшокиҳои спиртӣ ҳастанд)[108]. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки зӯроварӣ дар оила нисбати ноболиғон асосан бо мақсадҳои зерин содир мегардад: хусумати шахсӣ – 74,2% ҳолат (ба ин маҷмуъ ҳолатҳои берун намудани қаҳру ғазаб нисбати қурбонӣ – 14,6%; бо мақсади тарбия намудан – 50%; бо мақсади аз қурбонӣ ҷудо гардидан бо сабабҳои бемор будани ӯ – 4,8%; кӯдаки нохоҳам – 4,8% ва ғ.), қасд – 4,8%, исботнамоии қувваи худ – 4%; қонеънамоии хостаҳои шаҳвонӣ – 20%. Ҳамчунин, бо дигар мақсад (рашк, бадбинӣ, бахилӣ, тамаъҷӯйӣ, тарс ва ғ.) содир намудани зӯроварӣ дар оила имкон дорад[109].

Дар асоси таҳлилҳои гузаронилашуда, муаллиф ба хулоса омад, ки ҳангоми омузиши нишондодҳои зӯроварӣ нисбати занон дар давлатҳои гуногун ба муҳимияти самти зиндагии иҷтимои аҳолӣ аҳамият додан лозим аст, ки дар замони муосир бештар хусусияти паҳншавиро доро аст. Ба ин гуруҳ шомил намудани самти муносибатҳои оилавӣ (зӯроварӣ дар оила) самти муносибатҳои меҳнатӣ (дахлнопазирии шаҳвонӣ) ва самти муҳоҷирати меҳнатӣ (хариду фуруши занон ва ноболиғон бо мақсади ҷалби онҳо ба фаъолияти гуногуни меҳнатӣ)–ро ворид намудан мумкин аст. Аз омӯзиши самтҳои зикргардида, муайян мегардад, ки занон новобаста аз миллат, нажод, синну сол, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба зӯроварӣ дучор мегарданд. Яъне зӯроварӣ дар оила–ин зуҳуроти ғайримиллӣ буда, ҳамзамон дар ҳар давлат он дорои хусусиятҳои махсуси миллӣ аст, ки аз урфу одатҳои ҳар давлат ва ё минтақа ва шароити зиндагӣ сарчашма мегирад.

---

[108] Ниг.: Зырянова Ю.В. Криминологическая характеристика насилия в отношении несовершеннолетних членов семьи и его предупреждение (по материалам южно-сибирского региона): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Абакан, 2017. – 35 с.

[109] Ниг.: Зырянова Ю.В. Криминологическая характеристика насилия в отношении несовершеннолетних членов семьи и его предупреждение (по материалам южно-сибирского региона): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Абакан, 2017. – 35 с.

Ҳамин тавр, бо такя ба таҷрибаи давлатҳои гуногун нисбати зӯроварӣ дар оила, ба такмил додани чораҳои пешгирикунанда ва барҳамдиҳандаи ин зуҳурот ишора бояд кард. Дар алоқамандӣ бо ин гуфтаҳо барои такмил додани самти пешгирии зӯроварӣ дар оила, зиёд гардонидани мутахассисони самти мазкур дар тамоми мақомотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ мувофиқи мақсад буда метавонад, ҳамзамон ба роҳ мондани дигар чораҳои пайдогардида барои пешгирӣ намудани муносибати нави пайдошуда дар оила, ки сабаби зӯроварӣ гашта метавонад, низ бояд тадбирандешӣ карда шаванд.

### 1.3. Таҳқиқоти виктимологии зӯроварӣ дар оила

Дар асри XX тамоми омилҳои ҷинояткорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Нақши ҷабрдида аз ҷиноят дар раванди криминализатсияи шахсияти ҷинояткор ҳам аз мадди назар дур намонд. Нақши ҷабрдида аз ҷиноят дар таҳқиқоти ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ мавриди баҳси олимону муҳаққиқон қарор гирифта буд[110]. Соли 1941 криминологи Олмон Ҳанс фон Ҳентинг, ки аз фашистон дар ИМА паноҳ меҷуст, мақолаи ҷолиберо бо унвони «Шарҳи таъсири мутақобилаи ҷинояткору ҷабрдидаи он» нашр кард. Пас аз ҳафт сол аз зери қалами ӯ монографияи «Ҷинояткору ҷабрдидаи он. Таҳқиқоти сотсиобиологии ҷинояткорӣ» ҳам баромад. Ғояҳои виктимологӣ диққати як қатор олимонро ба худ ҷалб карданд. Тадриҷан сафи пайравони Ҳ. Ҳентинг зиёд шудан гирифт[111].

Бо дарназардошти нақши ҷабрдида дар ҷиноят ва алоқамандии ҷинояткору ҷабрдида, омӯзиши виктимологии зуҳуроти мазкур мувофиқи мақсад мебошад. Аслан, Объекти омӯзиши виктимология дар муносибатҳои оилавӣ – ҷабрдидаест, ки аз ҷиноят ё кирдори зӯроварона дар оила зарар

---

[110] Ниг.: Sutherland E.H. Criminology. – Philadelphia: J.B. Lippincott Co.,1994. – 643 pages; Hans von Hentig, Remarks on the Interaction fo Perpetrator and Victim. – 31 Am. Inst. Crim. L. & Criminology. – p. 303-309 (1940-1941); Hentig H. The criminal and His victim / H. Hentig // American journal of sociology. – volum 54. – Number 6 may, 1949. – p. 00.

[111] Ниг.: Mendelsohn B. Un horizon nouveau dans la science biopsych social: la victimologie. – Bucharest, 1947. – 270 p.; Франк Л.В. Потерпевшие от преступления и проблемы советской виктимологии – Душанбе: Тадж. гос. ун-т им. В.И. Ленина: Ирфон, 1977. – 240 с.

дидааст, ҳамзамон, дар муносибатҳои умумиҷтимоӣ бошанд, ҷабрдидагони эҳтимолӣ ҳам дониста мешаванд. Яъне, дар механизми содиршавии чунин ҷиноятҳо нақши муҳимро ҷабрдида, шахсияти нафаре, ки аз ҳама бештар ба ҳайси объекти мушаххас нигаронида шудааст, мебозад[112].

Қайд кардан зарур аст, ки дар равиши виктимологии таҳлили ҷиноятҳои дар оила пайдошаванда, муайян намудани муҳити ҷинояткор ҳангоми содир намудани ҷиноят нақши муҳим дорад. Ҳатто Л.В. Франк ба сифати предмети мустақили омӯзиши виктимология ҷабрдидагони ҷиноятҳоеро, ки дар оила содир гардидаанд, пешниҳод намуда буд[113]. Маҳз дар ҷиноятҳои дар оила содиргардида нақши ҷабрдидаи ҷиноят аз рӯйи баҳогузории криминологӣ, аз ҷиноятҳои дар умум содиргардида мушаххастар аст. Дар категорияи баррасишавандаи ҷиноятҳо, ҷинояткор ва ҷабрдида, бо доираи муносибатҳои ҷамъиятии муқаррарии ҳаррӯза (ба монанди муносибатҳои оилавӣ, хешутаборӣ, пеш бурдани хоҷагидории якҷоя) алоқамандии зич доранд[114]. Ҳангоми таҳлили ҷанбаҳои виктимологии ҷиноятҳои дар оила содиршаванда Л.А. Колпакова[115] пешниҳод менамояд, ки хусусияти латентнокии ин намуди ҷиноятҳо бояд ба инобат гирифта шавад. Аз ҳамин хотир, ба таҳлили ҷабрдидае, ки ба ӯ зарари ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иқтисодӣ[116] расонида мешавад, такя намуда, чунин мафҳуми ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оиларо пешниҳод намудааст. « Ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила – ин шахси воқеие мебошад, ки бо шахси зараррасон дар муносибати хешовандӣ ё дигар намуди муносибат қарор дошта, новобаста аз ҷиноят (кирдори ба ҷамъият хавфнок) ба ӯ зарари рӯҳӣ, ҷисмонӣ ё дигар намуди зарар расонида шудааст»[117].

---

[112] Ниг.: Шарипов Т.Ш. Азобу уқубат ҳамчун шакли зӯроварӣ дар оила / Т.Ш. Шарипов // Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (маводи мизи мудаввар). – Душанбе, 2013. – С. 19-26.

[113] Ниг.: Иқт. аз Шестаков Д.А. Семейная криминология: семья-конфликт-преступление. – СПб., 1996. – С. 25.

[114] Шахов, В.И. Насилие в семье: уголовно-правовое и криминологическое значение: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08. / В.И. Шахов. - М., 2003. - С. 148.

[115] Ниг.: Колпакова, Л.А. Насилие в семье: виктимологический аспект, дифференциация ответственности и вопросы законодательной техники: автореф. дис… канд. юрид. наук / Л.А. Колпакова. - Казань, 2007. - 235 с.

[116] Ниг.:Франк, Л.В. Указ соч. с.8; Полубинский, В. Когда виноват пострадавший / В. Полубинский // Человек и закон. - 2001. - №9. - С. 77-81.

[117] Ниг.:Колпакова, Л.А. Насилие в семье: виктимологический аспект, дифференциация ответственности и вопросы законодательной техники / Л.А. Колпакова. – Москва, 2007. - С.25.

Барои таҳлили пурраи ҷиноятҳои дар оила содиршаванда ҳамаи «ишттирокчиёни» кирдор бояд омӯхта шаванд[118]. Л.В. Франк ҳангоми таҳлили ҷиноятҳои дар оила содиршавандае, ки дар алоқамандӣ бо ҳаракатҳои виктим ба вуқуъ омадаанд, нақши ҷабрдидаро дар ҷиноят ва алоқамандии ӯро бо ҷинояткор тавзеҳ додааст[119]. Пас, маълум мегардад, ки барои омӯзиши ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила таҳлил ва нақши виктим дар муносибат бо шахси ҷинояткор, яъне муҳити оилае, ки субъектони муносибат дар он қарор доранд, муҳим аст. Олими дигар низ мафҳуми виктимиро дар вобастагӣ ба зӯроварӣ дар оила ба ду гуруҳ ҷудо менамояд:

– виктимӣ – хислатҳо ва аломатҳои ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоиеанд, ки шахс дар раванди зиндагӣ ба даст овардааст, ки метавонанд ӯро ба қурбонӣ табдил диҳанд;

– виктимӣ ё виктимизатсия – раванди табдилёбӣ ба қурбонӣ мебошад[120]. Ба ибораи дигар, ин хусусияти махсуси шахсӣ аст, ки вобаста ба оқибати кирдори ҷиноятии зӯроварӣ дар оила боиси «заифии бештар», нисбати ҷинояткор мегардад[121]. Ба виктимӣ, ки бо зӯроварӣ дар оила алоқамандӣ дорад, мушкилоти зерини иҷтимоии замонро мисол овардан мумкин аст: лату кӯби зан дар оила аз ҷониби шавҳар, ин мушкилоте мебошад, ки дар ҷомеа решаи амиқ гузоштааст ва хусусияти нобаробарии гендериро доро аст. Дар ин ҳолат ҷабрдидаи кирдори ҷиноятӣ зан аст, ки ин ҳолат, яъне ҷинси зан будан, ҳамчун аломати ҳатмии ҷисмонӣ ва иҷтимоие баромад мекунад, ки шахсро ба виктим дар оила табдил додааст. Мисол, шаҳрванд Х.Т.С. санаи 02 ноябри соли 2019, тахминан соати 14:00 дар манзили истиқоматиаш воқеъ дар суроғаи ш. Душанбе, н.?, кӯчаи ?, хонаи ?, дар натиҷаи муноқишаи оилавӣ бо ҳамсараш А.Д.Ш. ҷангу ҷанҷол намуда, охиринро мавриди латукӯб қарор дода, бо як

---

[118] Фатеев, А.Л. Домашнего насилие: опыт криминологического исследованния. Дис.на соис. кан. юр. наук 12.00.08 / А.Л. Фатеев. – Москва, 2006. – 143 с.
[119] Франк, Л.В. Потерпевшие от преступления и проблемы советской виктимологии / Л.В. Франк. - М., 1980. - С.76-80.
[120] Ниг.:Малкина-Пых, И.Г. Виктимология. Психология поведения жертвы 07.03.2013. –С. 3.
[121] Зырянова, Ю.В. Криминологическая характеристика насилия в отношении несовершеннолетних членов семьи и его предупреждение (по материалам Южно-Сибирского региона): спец. 12.00.08 - Дис.на соис. уч. степ. юр. наук / Ю.В. Зырянова. - Абакан 2017. – 54 с.

асои оҳанин ба болои сар ва баданаш якчанд маротиба задааст, ки дар натиҷа А.Д.Ш. бо гирифтани ҷароҳати ҷисмонӣ дар беморхонаи шаҳраки «Шифобахш» бистарӣ мегардад.

Мувофиқи хулосаи тиббӣ –судӣ таҳти №7903 аз 23 декабри соли 2019, ҷароҳати ҷисмонии бадани А.Д.Ш. дар намуди осеби пӯшидаи косахона ва майнаи сар, шикасти лавҳаи берунаи устухони пешона, латхӯрии майнаи сар дараҷаи миёна, захмҳои латхӯрда, хуномосҳо ва харошаҳо алоқаманд ба зарари «миёна» ба саломатӣ бо аломатҳои дарозмуддат харобшавии саломатӣ дар муддати зиёда аз 21 рӯз мансуб мебошанд, ки ин ҷароҳатҳо аз таъсири ҷисмҳои кунду сахт мумкин аст дар санаи 02 ноябри соли 2019 бардошта шуда бошанд.

Судшаванда Х.Т.С. бо ин амалаш барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ё ба таври устувору назаррас аз даст додани камтар аз сеяки қобилияти умумии меҳнатиро пешбинӣ менамояд, содир намудааст.

Судшаванда Х.Т.С. бо айби нисбати ӯ бо моддаи 111 қисми 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардаи мақомоти тафтишоти пешакӣ худашро пурра гунаҳкор дониста, аз суд пурсидааст, ки парванда нисбати ӯ ба тариқи содакардашуда баррасӣ карда шавад.

Прокурор ва ҷабрдида низ тарафдори қонеъ намудани дархости судшаванда гардида, хоҳиш намудаанд, ки дархост қонеъ карда шавад ва парванда бо тариқи содакардашуда баррасӣ карда шавад[122].

Яке аз сабаби татбиқи мунтазами зӯроварӣ (дар мисоли мазкур, лату кӯб) дар оила аз насл ба насл, ин тарбияи нобаробари фарзандон дар оилаҳо мебошад. Дар рафторҳои зан аз бисёр ҷиҳат дар оилаҳо маҳдудиятҳо ҷорӣ гардида, нисбати шавҳар бартарӣ дода мешавад[123], ки ин раванд ба табдилёбии ҳолати занҳо дар оилаҳо ба виктим ё виктимизатсияи онҳо сабаб мегардад.

---

[122] Парвандаи №1-20 суди н. И.Сомонӣ аз 30 январи соли 2020

[123] Ахмедов, Н. Некоторые проблемы и причины насилия в семье / Н. Ахмедов. – Душанбе, 2013. – 133 с.

Виктимӣ метавонад, ки дар вобастагӣ бо як қатор омилҳо ва дар аксарияти ҷиноятҳо зуҳур намояд. Дар алоқамандӣ бо ин гуфтаҳо мувофиқан ду навъи асосии виктими шахсиро ҷудо намудан мумкин аст:

**1. Виктими шахсӣ** (ҳамчун сифати объективии дар шахс вуҷуддоштаест, ки ба қобилияти субъективии шахсони алоҳида вобастагӣ дошта, дар натиҷа, онҳоро ҷабрдидаи ҷиноятҳои алоҳида мегардонад, дар ҳолате ки барои онҳо имкони канорагирӣ намудан аз ин ҷиноятҳо мавҷуд буд).

**2. Виктими шахсӣ** (ҳамчун сифати субъективи шахсоне, ки қобилияти мустақилона муҳофизат намудани ҳуқуқҳои шахсӣ аз объекти таъсиррасон дар онҳо коҳиш дода шудааст, ки дар натиҷа онҳо ҷабрдидаи ҷиноятҳои алоҳида мегарданд).

Дар навбати худ, виктимии шахсиро **вобаста ба хислатҳои объективии шахсият ба виктимии синнусолӣ (ҷинсу синну сол), виктимии патологӣ (виктимии стрессӣ) ва деформатсияи виктимогении шахсият** ҷудо намудан мумкин аст.

Намудҳои виктими вобаста ба хислатҳои объективии шахсӣ, махсусан, вобаста ба хусусиятҳои муайяни биоҷисмонӣ (ҳолати виктимии ҷинсу синну сол, ҳолати виктимии патологӣ (ҳолати виктимии стрессӣ)) ҷудо карда мешавад. Дар доираи ҳолати виктимии ҷинсӣ ҷабрдидагони аввалиндараҷаро дар муносибатҳои оилавӣ дар аксарият ҳолат занҳо ташкил медиҳанд. Зеро занҳо нисбат ба мардон бештар осебпазиранд. Маълум мегардад, ки ҷинси ҷабрдидаи ҷиноят дар оила дар механизми содири ҷиноят, хусусан вобаста ба намуди ҷинояти содиршуда нақши муҳим мебозад. Масалан, виктимии бештари занон дар моддаи 124 КҶ ҶТ – ба исқоти ҳамл маҷбур сохтани зан; моддаи 138 КҶ ҶТ – таҷовуз ба номус; ва ғ. аён аст. Ҳамчунин, шахсони синну соли гуногун дар оилаҳо хусусиятҳои психофизикии махсуси худро доранд. Дар вобастагӣ бо ин, ба гуруҳи ҳолати виктимӣ бештар дар оила баъди занон ноболиғон ва кӯдакон бо сабабҳои кунҷковӣ, зудбоварӣ, пешниҳодпазирӣ, заифии ҷисмонӣ ва ғ. ворид мегарданд. Ин хусусиятҳо на танҳо ба ташаккули раванди қурбонишавӣ дар оила, балки ба ҷинояткоре, ки дар оила зӯровариро

дар намуди ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ва иқтисодӣ нисбати дигар аъзоён татбиқ мекунад, низ таъсир мерасонад. Гуруҳи дигари ҳолати виктимиро дар муносибатҳои оилавӣ аъзоёни калонсол дар оила дар алоқамандӣ бо сабабҳои синнусолӣ ва хусусиятҳои психофизикии худ: аз қабили заифии ҷисмонӣ, хотираи суст, дурӣ аз наздикону фарзандон ташкил медиҳанд. Тавре маълум мегардад, ҷабрдидагони аз ҷиноятҳои дар оила содиршаванда зарардидаро бо нишонаҳои ахлоқӣ–рӯҳӣ аз қабили– сабукфикрии яке аз аъзоёни оила, бетаҷрибагии баъзе занҳо, муқовимати муваққатии ноболиғон бо волидайн, беодобии кӯдакон дар оила; ва алоқамандии муносибати ҷабрдида бо ҷинояткор, аз қабили муносибати бародару хоҳарӣ, волидайн ва фарзандон, зану шавҳар ва ғ., ҳамчунин, дар баробари асосҳои нишондодашуда ҷабрдида аз ҷинояти дар оила содиршавандаро аз рӯйи зарари расонидашуда ба ӯ, аз қабили ҷабрдидаи (қурбонии) мунтазами зӯроварӣ дар оила ё ҷабрдидаи якдафъаинаи муносибати зӯроварона дар оила тасниф намудан имкон дорад.

Ҳамзамон, намудҳои зерини виктимиро: **а) вобаста ба зуҳуроти он дар ҷанбаҳои мухталифи ҳаёт** – криминалӣ[124], сиёсӣ[125], иқтисодӣ[126], нақлиётӣ[127], оилавӣ[128], ҳарбӣ[129] ва ғ.; **б) вобаста ба механизми ҳукмфармои психологӣ** – бухронӣ[130], эҳсосотӣ ва иродавӣ[131], омехта[132]; **в) вобаста ба шумораи шахсони**

[124] Ниг.: Кабанов П.А. Криминальная виктимность несовершеннолетних: возрастная структура и её содержание (краткий обзор на основе виктимологической статистики следственного комитета РФ 2014-2018гг) / П.А. Кабанов // Виктимология. – 2019. – №2 (20). – С. 28-32.

[125] Ниг.: Кабанов П.А. Криминальная политическая криминология как частная межотраслевая криминологическая теория: понятие, содержание и место в системе виктимологических знаний / П.А. Кабанов, М.М. садеев. – Казань: ЗАО «Новое знание», 2007. – 104 с.

[126] Ниг.: Громова О.Н. К вопросу о концептуальном подходе при определении понятия «экономической преступнность» / О.Н. Громова // Образование и о-во. – 2013. – №1 (78). - С. 146-154

[127] Ниг.: Баранчикова М.В. Влияние ситуации на виктимизацию несовершеннолетних жертв дорожно-транспортной неосторожностей / М.В. Баранчикова // Виктимология. – 2018. – №2 (16). – С. 45-50.

[128] Ниг.: Зырянова Ю.В. Криминологическая характеристика насилия в отношении несовершеннолетних членов семьи и его предупреждение (по материалам Южно-Сибирского региона) спец. 12.00.08-Дис.на соис. уч. степ. юр. наук / Ю.В. Зырянова. – Абакан, 2017. – 348 с.; Иляшенко, А.Н. Противодействия насильственной преступности в семье: уголовно-правовые и криминологические аспекты спец.12.00.08. Дис.на соис. уч. сте. док. юр. наук / А.Н. Иляшенко. – Москва, 2003. – 511 с.

[129] Ниг.: Макаренко И.А. Индивидуально-психологические особенности личности как фактор, определяющий виктимное поведение военнослужащих по призыву: автореф. дис. в виде научного доклада на соискание ученой степени канд. психолог. наук. – Калуга – Смоленк, 2014. – 62 с.

[130] Ниг.: Психология состояний. Учебное пособие / Под ред. проф. А.О. Прохорова. – Москва: «Когито-Центр», 2011. – 624 с.

[131] Ниг.: Ившин В.Г. Виктимология. Учебное пособие / В.Г. Ившин, С.Ф. Идрисова, Л.Г. Татьянина. - Можайк, 2010. – 255 с.

[132] Ниг.: Малкина-Пых И.Г. Виктимология. Психология поведения жертвы / И.Г. Малкина-Пых. Эксмо, 2022. – 1669 с.

**иштироккунанда** – инфиродӣ, гурухӣ, оммавӣ[133]; **г) вобаста ба вакти шабонарӯз** – субҳона, рӯзона, шабона[134]; **д) вобаста ба муносибати шахс ба фаъолияти касбӣ оид ба таъмини амният** – шаҳрвандӣ ва касбӣ[135]; **е) вобаста ба сатҳи психологии виктимӣ** – заиф, миёна ва қавӣ ифодаёфта[136]; **ж) вобаста ба давомнокӣ** – вазъӣ ва нисбатан устувор ҷудо менамоянд [137].

Аз ин рӯ, пешниҳоди истилоҳоти умумӣ барои тасниф ва муайян намудани намудҳои истилоҳоти пешниҳодгардида дуруст буда, дар асоси онҳо намудҳои зерини ҷабрдидагонро (қурбониёнро) ҷудо намудан мувофиқи мақсад мебошад[138].

**1. Ҳолати виктими хашмгин дар оила**. Ба навъи мазкур ҷабрдидагони ҷиноятҳое шомил мегарданд, ки дар натиҷаи хашмгинии худи онҳо дар намуди ҳамла ба шахси зараррасон ё шахсони дигар ва ё дигар ҳолатҳои иғвоангез (туҳмат, дашном) ба ӯ зарар расонида шудааст. Мутаносибан, дар ин намуд таҷовузкори хашмгин ва иғвогар, (ки барои онҳо ҳолатҳои бавуҷудоварии низоъ хос аст) ворид мегарданд. Ин намудро дар навбати худ боз ба зергуруҳҳо ҷудо намудан мумкин аст;

– ҳ**олати виктимӣ дар натиҷаи ба даст овардани фоидаи моддӣ**. Рафторҳои виктимии ин гуруҳи ҷабрдидагон ба тасарруф намудани молу мулки ғайр равона карда шудаанд. Он дар шакли ҳамла, зӯроварии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ ва ё иқтисодии дар оила пайдошаванда, дигар кирдорҳо зуҳур намуда, ба таври объективӣ вокуниши таносубан расонидани зарарро ба вуҷуд меорад. Ба ин гуруҳ мисол шуда метавонанд, шахсоне, ки гирифтори беморecho нашъамандӣ ё майзадагӣ ҳастанду имконияти ба даст овардани маблағро мустақилона

---

133 Ниг.: Бурлаков В.Н. Криминология - xx век / В.Н. Бурлаков, В.П. Сальников. – Санкт-Петербург, 2000. – 554 с.

134 Ниг.: Папкин А.И. Современная криминальная виктимология. Учебно-методическое пособие А.И. Папкин. - Домодедово, 2006. – 157 с.

135 Ниг.: Малкина-Пых И.Г. Виктимология. Психология поведения жертвы / И.Г. Малкина-Пых. Эксмо, 2022. – 1669 с.

136 Ниг.: Андронникова, О.О. Отогенетическая концепция виктимности личности. Дис. на соис. уч. степ. 10.00.13 / О.О. Андронникова. – Новосибирск, 2018. – 566 с.

137 Ниг.: Биктагирова, Г.Ф. Профилактика и коррекция виктимного поведения студенческой молодежи в глобальной сети интернет: теория, практика / Г.Ф. Биктагирова, Р.А. Валеева, А.Р. Дроздикова-Зарипова, Н.Н. Калацкая, Н.Ю. Костюнина. – Казань, 2019. - С.8.

138 Коновалов, В.П. Виктимность и ее профилактика / В.П. Коновалов // Виктимологические проблемы борьбы преступностью. - Иркутск, 1992.

надоранд ва ба хотири ҳифзи моликият аз ҷониби яке аз аъзои оила ба ҳаракатҳои онҳо вокуниши таносубан расонида мешавад. Яъне, зӯроварӣ дар оила нисбати чунин шахсон ба хотири ҳифзи моликият ё муътадил нигоҳ доштани вазъияти муайян татбиқ мегардад.

– **ҳолати виктими шаҳвонӣ**. Дар зергуруҳи мазкур ҳаракатҳои ҷабрдидае дар назар дошта мешавад, ки бо рафторҳои ношоями худ дар оила сабабгори содир шудани ҷинояти таҷовуз ба номус ва ё дигар ҷинояти хусусияти шаҳвонидошта мегардад. Ҳамчун виктими муносибатҳои шаҳвонӣ, дар оила дар бисёр ҳолатҳо занон баромад мекунанд. Дар ин раванд гуфтан мумкин аст, ки аксарияти ҷиноятҳои хусусияти шаҳвонидошта, ки дар оила содир мегарданд, «бо хусусиятҳои хоси ҳолати рӯҳию ҷисмонӣ ва ҳаракатҳои бадахлоқона; ба монанди бепарвоӣ ё сабукфикрӣ нисбати шахсияти худ (ҷабрдида) ё шахсони дигар, обрӯ ва шаъну шараф, надоштани хоҳиши ҳамкорӣ намудан бо мақомотҳои дахлдор[139]» вобастагӣ доранд. Яъне, рафтори худи ҷабрдида ҳолати виктимӣ буда, аксаран зӯроварии оилавиро барои содир намудани зӯроварии шаҳвонӣ дар оила ташвиқ менамояд[140]. Рафторҳои иғвоангези ҷабрдида, ки ангезаҳои шаҳвониро дорад, хоси дигар навъи ҷабрдида аз зӯроварӣ ҳастанд – ба ин гуруҳ нафаронеро, ки ба оилаҳои ғайр ворид мегарданд ва қурбонии шавҳарон ё занони бадрашк мешаванд, ворид намудан мумкин аст;

– **ҳолати виктимӣ дар натиҷаи рафторҳои авбошона ба вуҷудомада**. Рафтори виктимии ин гуруҳи ҷабрдидагон метавонад дар намуди ҳамла, зӯроварии ҷисмонӣ ё кирдорҳои дигари ғайризӯроварӣ, ки хусусияти иғвоангезиро доранд, аён гарданд. Ин шахсон дар натиҷаи таҳқир кардани аъзои оилаи худ, суханони зишт гуфтан ба онҳо, ҷабрдидаи ҷинояти дар оила содиршуда гардидаанд. Яъне, ин рафтори муқаррарии яке аз аъзои оила аст, ки дар натиҷа, ҷабрдидаи ҳаммонанди худ (зӯроварии оилавӣ) мегардад.

[139] Ниг.: Ильяшенко, А.Н. Противодействие насильственной преступности в семье: уголовно-правовые и криминологические аспекты / А.Н. Ильяшенко. – М., 2003. – 374 с.
[140] Самойленко, К.В. Уголовно-правовые и криминологические меры противодействия сексуальной насильственной преступности в семье: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2014. – 84 с.

Мисол, шаҳрванд С.Г.А. бо мақсади қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ, бо бародари шавҳараш С.С.Ю. аз хусумати шахсӣ муноқиша намуда, дашномҳои қабеҳ дода, аз ин қаноат накарда, як адад тахтачӯби дар баданаш меххои печдор насбгардидаро гирифта, дидаю дониста якчанд маротиба дар бадан ва дасти рости С.С.Ю. зарба зада, бо ин кирдори ҷиноятконорнаи худ ба саломатии охирин зарари гуногуни ҷисмонӣ расонидааст.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлили амиқи парванда ва омӯзиши сабаби содиршавии кирдор аз ҷониби ҷинояткор, маълум мегардад, ки ба ҷабрдида дар натиҷаи рафторҳои авбошона ва ғайриичтимоии худи ӯ зарар расонида шудааст. Чунончи, С.Г.А. дар мурофиаи судӣ худашро гунаҳкор ҳисобида, нишондод дод, ки санаи 24 июни соли 2020, тахминан соатҳои 21:30, ӯ дар ошхона буд, ки ногаҳон овози баланд баромадааст. Ӯ аз ошхона баромада, дидааст, ки ҷабрдида С.С. бо бародараш (шавҳари судшаванда) ҷанҷол намуда, ӯро суханони қабеҳ гуфта, зада истода будааст. Судшаванда ин ҳолатро дида, барои даъвати милиса рафта, баргашта ба хона омадааст, ки кӯдаки ширхорааш гиря дорад. Ӯ фарзандашро дар бағал гирифтааст ва баъдан ҷабрдида С.С.Ю. ба ӯ дарафтода, ту ҳоло милиса даъват мекунӣ гӯён, бо мушташ дар паси гарданаш задааст. Ба ин қаноат накарда, бо мушташ боз ӯро задааст, ки дар натиҷаи зарбаи ӯ кӯдаки ширхорааш аз дасташ афтидааст. Аз ин ҳолат судшаванда ба ғазаб омада, аз замин як тахтачӯбро гирифта ҷабрдидаро задааст[141].

– **ҳолати виктимӣ дар натиҷаи қасосгирӣ**. Дар ҳолати мазкур рафтори виктимӣ дар намуди ҳамла ё дигар ҳаракатҳои хусусияти ҳамлаоварро дошта зоҳир мегардад, ки дар натиҷа, ҳолати виктимии мазкур сабаби содир кардани ҷиноят мегардад. Ин ҳолат ба монанди таҳдид – таносубан бо ҳаракатҳои манфии шахси дигар, расонидани дарди ҷисмонӣ ба нафароне, ки бо ӯ хусумати шахсӣ дошта, бо вуҷуди ин дар доираи муносибатҳои оилавӣ қарор

[141] Парвандаи №1-311/20 Суди ноҳияи И.Сомонӣ ш. Душанбе, 22.09.2020 с.

доранд, метавонад инъикос ёбад. Мисол, судшаванда У.Ф.Х. санаи 20 марти соли 2020, тахминан соатҳои 13:30, ҳангоми дар ҳавлии манзили истиқоматии холааш будан, бо шавҳари холааш, ҷабрдида Б.А.Ҳ. вохӯрда, вобаста ба фаъолияти хизматии Б.А.Ҳ., ки гӯё ҳангоми дар вазифаи раиси суди н. Шаҳринав фаъолият намуданаш нисбати падар ва бародари судшаванда У.Ф.Х. беадолатӣ карда, ба хонаи онҳо даромада, онҳоро азоб дода бошад, бо мақсади қасдан расонидани зарари вазнин, бо предмети (кастет) дар даст доштааш, ба чашми чапи ҷабрдида мезанад, ки дар натиҷа ҷабрдида Б.А.Ҳ. ба саломатиаш ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ бардоштааст. Судшаванда У.Ф.Х. ба айби нисбати ӯ эълонгардида худашро қисман гунаҳкор мешуморад.

Вобаста ба ваҷҳи судшаванда, ҷабрдида қайд намудааст, ки ақидаҳои У.Ф.Х. нисбати фаъолияти хизматии ӯ нодуруст мебошанд. Ҷабрдида Б.А.Ҳ. дар мурофиаи судӣ нишондод додааст, ки аз ҳамсари якумаш соли 2015 ҷудо шудааст ва судшаванда У.Ф.Х. писари апаи собиқ ҳамсараш мебошад. Инчунин, ҷабрдида қайд намудааст, ки агар судшаванда қасд намедошт, ҳеҷ гоҳ намегуфт, ки «падарҷон, ман қасдамро гирифтам»[142].

– ҳ**олати виктимӣ дар шароити бо низоъ ба вуҷудомада**. Рафтори виктимии ин намуд дар зӯроварии ҷисмонӣ ё дигар ҳаракатҳои иғвоангез ба монанди таҳқир, туҳмат нисбати ҳамсоягон, ҳамкорон ва аъзои оила ё хешовандони наздик зоҳир мегардад. Қурбониёни ин навъ интихобианд. Мисол, судшаванда А.Д.И. бо ҳамроҳии ҳамсари бародараш А.З.Т. ҷангу ҷанҷол намуда, ӯро дашноми қабеҳ намуда, мавриди латукӯб қарор дода, ба замин афтонидааст. Дар ин маврид ҷабрдида А.З.Т. нишондод додааст, ки ӯ ба ҳуҷраи хоби хусураш даромада, ҳолати корро фаҳмонидааст. Хусураш дар навбати худ ӯро як маротибаи дигар бо мушт зада, изҳор намудааст, ки аз ҳуҷрааш барояд.

Тавре аз нишондоди дар рафти тафтишоти пешакӣ додаи шоҳид (хусури ҷабрдида) А.Д.И. бармеояд, дар ҳақиқат, ӯ ҳамроҳи ҳамсар, ду писараш ва духтараш А.Д.И. воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи ?, хонаи №000 зиндагонӣ

[142] Парвандаи ҷиноятии №1-311/21 Суди ш. Душанбе аз 01 июли соли 2021 с.

менамоянд. Санаи 02 июни соли 2020 ӯ дар ҳуҷрааш хоб будааст, ки дар ин маврид садои ҷангу ҷанҷол ба гӯшаш расидааст. Ӯ аз ҷояш бархоста дидааст, ки духтараш – судшаванда ва келинаш – ҷабрдида, якдигарро дашномҳои қабеҳ намуда, занозанӣ доранд. Ӯ ба қадри имкон, чун маъюбу мариз мебошад, онҳоро аз ҳамдигар ҷудо намудааст[143].

**2. Ҳолати виктими фаъол дар оила.** Ба ин навъи ҷабрдидагон шахсоне дар оила дохил мегарданд, ки ҳаракатҳои ғайрихашмгинона доранд, аммо дар натиҷа, аз кирдори содиргардида ба худи онҳо зарар расонида мешавад. Бо дарназардошти хусусияти рафтор ва муносибатҳо бо оқибатҳои виктимӣ дар оила, дар доираи ин намуд пешниҳод мегарданд:

– **иғвогарии бошуурона дар оила**. Масалан, исқоти ҳамл, ки дар натиҷа, ба ҳолати ҷисмонӣ ё рӯҳии зан мумкин аст зарар расонида шавад. Яъне, зан мумкин аст оқибат ҷабрдидаи (қурбонии) ҳаракати устувори худ гардад.

– **иғвогарӣ аз беэҳтиётӣ**. Яъне, аз беэҳтиётӣ ҷабрдидаи (қурбонии) кирдори муайян мегарданд (пешниҳоди рондани мошин ба ронандае, ки дар ҳолати майзадагӣ қарор дорад ва бо ӯ ба сафар баромадан).

– **худзараррасонии бошуурона** (ба худ зарари ҷисмонӣ расонидан, бо мақсади ҷалб намудани диққати дигар субъектони оила, ки ин ҳолат бештар дар кирдорҳои ноболиғон дар оила ба назар мерасад).

– **худзараррасонӣ аз беэҳтиётӣ дар оила** (зарари ҷисмонӣ дидани субъекти ҷиноят дар оила ҳангоми тайёр намудани хӯроки заҳролуд бо мақсади расонидани зарар, тавассути он ба дигар аъзои оила ё муҳайё намудани дигар воситаи ҷиноят дар оила, ки дар натиҷаи беэҳтиётӣ зарар ба худи субъект расонида мешавад).

**3. Виктими ғайрифаъол дар оила.** Ин навъи ҷабрдида шахсест, ки ба ҳаракатҳои зӯровар дар оила бо сабабҳои гуногун муқовимат нишон намедиҳад (бо сабаби аъзои як оила буданашон); (аз ҷониби занон ба мақомотҳои дахлдор муроҷиат накардан бо сабаби вобастагии иқтисодӣ

---

[143] Парвандаи №1-228/20 Суди н. И.Сомонии ш. Душанбе 17.07.2020

доштанашон аз шавҳарон ё надоштани маълумоти кофӣ оид ба ҳуқуқҳои худ ва эътирофи онҳо аз ҷониби дигар аъзоёни оила); синну сол (қувваи нобаробари ҷисмонии зан нисбати мард ё кӯдак нисбати волидайн ва ноболиғон мутаносибан бо падар ё бародарони калонсол, ҳамчунин, нобаробарии қувваи ҷисмонии аъзои пиронсоли оила нисбати дигар аъзоёни оила). Мисол, Х.О.М. соли 1991 бо шаҳрванд Ш.Л.Ф. оиладор шуда, то ҳол, бо пешбурди хоҷагии умумӣ, якҷоя зиндагонӣ доранд. Ғайр аз ин, Х.О.М. соли 2010 бо шаҳрванд И.М.И. шиносоӣ пайдо намуда, номбурдаро низ ҳамчун зани дуюм бо тариқи никоҳи мусулмонӣ ба занӣ гирифта, аз соли 2010 инҷониб бо пешбурди хоҷагии умумӣ якҷоя зиндагонӣ карда, ки дар натиҷа И.М.И. соҳиби чор фарзанд гардидааст. Ҳамин тавр, Х.О.М. аз соли 2010 инҷониб дар як вақт бо ду зан бо пешбурди хоҷагии умумӣ зиндагонӣ кардааст[144]. Гарчанде ки моддаи 170 КҶ ҶТ дузанагӣ ё серзанагиро ҷиноят эътироф намудааст, вале бо сабаби ғайрифаъолии шаҳрванд Ш.Л.Ф. ӯ ба кирдори содирнамудаи шавҳараш муқовимат нишон надодааст. Дар умум, тавре маълум гардид, ҷабрдида (қурбонӣ) аз зӯроварӣ дар оиларо ба чунин гуруҳҳо ҷудо намудан имкон дорад:

**Виктим**

→ Виктими хашмгин дар оила (виктими дар натиҷаи ба даст овардани фоидаи моддӣ, виктими шаҳвонӣ, виктими дар натиҷаи рафторҳои авбошона бавуҷудомада, виктими дар натиҷаи қасосгирӣ, виктими дар шароити бо низоъ бавуҷудомада)

[144] Парвандаи ҷиноятии №1-518/21 Суди н. И.Сомонии ш. Душанбе аз 04.11.2020

➡ Виктими фаъол дар оила (иғвогарии бошуурона дар оила, иғвогарӣ аз беэҳтиётӣ, худзарароррасонии бошуурона, худзарароррасонӣ аз беэҳтиётӣ дар оила)

➡ Виктими ғайрифаъол дар оила (бо сабабҳои гуногун муқовимат нишон намедиҳанд).

Эҳтимолияти ба ҷабрдидаи ҷиноят мубаддал гардидани шахсро на фақат рафтори шахси гумонбар, балки рафтори виктимии худи ҷабрдида ҳам метавонад афзоиш диҳад[145]. Ба ин маъно, таҳияи типологияи ҷабрдидагон хусусияти табиати рафтори онҳоро ташкил медиҳад. Зикр бояд кард, ки ангезаи хашмгинонаи рафтори виктимӣ гуногун аст. Он метавонад бо мақсади ба даст овардани даромади моддӣ дар вобастагӣ бо мушкилоти оилавӣ, натиҷаи вайроншавии вазъи рӯҳии шахсӣ, нобоварии фардӣ ва ғ. бошад.

«Рафтори виктимона – чунин рафтори ҷабрдидаест, ки бевосита ё бавосита ба расонидани ин ё он зарар ба ҷабрдида мусоидат менамояд»[146]. Мафҳуми мазкур ҳама намудҳои рафтори ҷабрдидаро, ки ҳам дар ҳолати пеш аз ҳолати криминалӣ ва ҳам дар ҳолати пас аз криминалӣ метавонад дошта бошад.Чунончи, рафтори занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила, ҳам дар ҳолати пеш аз криминалӣ ва ҳам дар ҳолати криминалӣ метавонад нейтралӣ бошад ва ҳеҷ гуна ба виктимизатсияи он дар муҳити оилавӣ мусоидат накунад, аммо ҷинояткороне, ки кирдорҳои ҷиноии худро нисбати аъзои оила содир менамоянд, ин шахсонро (занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оиларо) маҳз бинобар сабаби виктимие, ки ба охирин (пас аз криминалӣ) маълум аст, «интихоб» менамояд. Ин рафтор вақте маъмул аст, ки ҷинояткор ба сифати ҷабрдидаи худ кӯдаки хурдсоли аъзои оиларо ё ҳамсари худро ҷабрдидаи худ интихоб мекунад, ба хотири он ки ин нафарон бо сабабҳои гуногун наметавонанд муқовимат нишон диҳанд ва дар бораи

---

[145] Репецкая, А.Л. Виновное поведение потерпевшего и принцип справедливости в уголовной политике / А.Л. Репецкая. - Иркутск, 1994. - С. 15.

[146] Ниг.: Иванова, Л.М. Корыстно-насильственные преступления, совершаемые в отношении несовершеннолетних: криминологическая характеристика и предупреждение / Под ред. А.Л. Репецкая. – Иркутск, 2008. - С. 44.

ҳодисаи бавуҷудомада ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар диҳанд. Ҳамзамон, ҳолати виктимие, ки ба шахс хос аст, дар рафтори ғайривиктимона низ зоҳир мегардад. Дар муносибатҳои оилавӣ ҳолатҳои рафтори виктимонаи яквақта ҳам метавонанд ҷой дошта бошанд, ки натиҷаи виктимии аъзои оила набуда, вобаста ба ҳолати мушаххас муайян карда мешавад, аммо бо вуҷуди ин, ба содир шудани ҷиноят дар оила мусоидат менамояд.

Тавре маълум мегардад, рафтори виктимона дар оила вобаста ба хусусияти худ якхела набуда, метавонад аз ҷониби ҷамъият пазируфта шуда бошад ва ҳам аз ҷониби ҷамъият пазируфта нашавад. Ин вобастагӣ дорад аз таъсиррасонии урфу одатҳо, анъанаҳо ба муносибатҳои дар оила пайдошаванда ва қабулу дарки онҳо аз ҷониби ҷомеа.

Рафтори ҷабрдидаҳое, ки бо вуҷуди зарар диданашон аз ҷониби аъзои оилаи худ ҳамчун ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила аз ҷониби ҷамъият пазируфта намешаванд, ҳамчунин, нақши онҳо дар содир кардани ҷиноят дар оила, механизми виктимизатсия, ҳамзамон, мушкилоти гуноҳи ҷабрдидаи ҷинояти дар оила содиршуда, яке аз мушкилоти асосии виктимология дониста мешавад. Ба таҳқиқоти мазкур консепсияи А.Л. Репетская алоқамандӣ дошта метавонад, ки мувофиқи он рафтори аз ҷониби ҷомеа пазируфта нашаванда ба рафтори гунаҳкорона (муносибати бошууронаи манфӣ ба арзишҳои умумибашарӣ, ки дар рафтори ҷабрдидаи ҷиноят дида шуда, ба виктимизатсияи он мусоидат менамояд) ё бегуноҳона (дар мавриде, ки ҷабрдида аз ҷиноят хусусияти манфии рафтори худро дарк намекунад, ҳамзамон, ки чунин рафтор ба таҷовузи манфиаташ метавонад мусоидат намояд) ҷудо карда мешавад[147].

Мафҳуми асосии дигаре, ки дар виктимология истифода бурда мешавад, ин мафҳуми виктимизатсия аст, ки тибқи он раванду оқибатҳои аҳаммияти иҷтимоидоштаи ба ҷабрдидаи ҷиноят мубаддал гардидани субъекти

[147] Ниг.: Иванова, Л.М. Корыстно-насильственные преступления, совершаемые в отношении несовершеннолетних: криминологическая характеристика и предупреждение / Под ред. А. Л. Репецкая. - Иркутск: Нашриёти Донишгоҳи давлатии Иркутск, 2008. - С. 17-19.

муносибатҳои ҷамъиятии тибқи қонун ҳимояшаванда (шахси алоҳида ё ҷомеаи мушаххас) дар натиҷаи кирдори ҷиноӣ фаҳмида мешавад[148]. Аз сабаби он ки мавзуи таҳлили моро муносибатҳои дар оила пайдошаванда ташкил медиҳанд, омӯхтани раванди виктимизатсия дар оила бе назардошти омилҳои барангезандаи он мувофиқи мақсад нест. Ба омилҳои мазкур омилҳои виктимогении дохилӣ дар оила (хусусиятҳои шахсияту рафтори ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила) ва омилҳои таъсиррасонии муҳити берунӣ ба муносибатҳои оилавӣ (хусусияти муҳити беруна, аз ҷумла ҳолати пеш аз криминалӣ – ҳолатҳои объективие, ки бевосита пеш аз содири ҷиноят дар оила ё дар лаҳзаи содири ҷиноят дар оила ба вуҷуд омада, бо виктимии ҷабрдидаи ҷиноят дар оила ё рафтори виктимонаи он вобаста нестанд) дохил мешаванд.

Чуноне ки В.В. Вандишев одилона қайд мекунад, ҷинояткору ҷабрдидаи он ду тарафи як падидаи ҷиноят мебошанд, аксар вақт шахсияту рафтори ҷабрдида чун омили фаъол баромад менамояд[149]. Д.В. Ривман ҳам ҷонибдори ҳамин ақида буда, чунин меҳисобад, ки ҷабрдида аз ҷиноят ин «элементи ҳолати пеш аз криминалӣ ва бевоситаи ҳолати криминалӣ аст. Аз ҷабрдидаи ҷиноят аксар вақт вобаста аст, ки ҷинояткор ба кадом ҳолат, ҳолати ба содири ҷиноят мусоидат ё монеаоваранда дучор мегардад. Аксаран ҷабрдида аз ҷиноят чун ҳаммуаллиф ва ҳатто муаллифи ҳолатҳое баромад менамояд, ки ҷинояткорро бармеангезанд»[150]. Ба ибораи дигар, дар бисёр ҷиноятҳо саҳми назарраси ҷабрдида ба ҳолати бавуҷудомада дида мешавад, ки дар ин маврид ҷиноят чун натиҷаи амали ҳам ҷинояткору ҳам ҷабрдида аз ҷиноят дониста мешавад[151]. Дар ҳақиқат ҳам, ҳама гуна ҷиноят ин натиҷаи таъсири мутақобилаи ҷинояткору ҷабрдидаи он аст, ки дар заминаи маҷмуи алоқаҳои объективӣ ва субъективӣ бунёд ёфтааст, аз ин лиҳоз, омӯхтани шахсияти ҳам

[148] Виктимологическая характеристика региональной преступности и ее предупреждение / Под ред. проф. А.Л. Репецкая. - М., 2009. - С. 12.
[149] Иқт. аз Шахов В.И. Насилие в семье: уголовно-правовое и криминологическое значение: диссертатсияи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.08 / В.И. Шахов. - М., 2003. – 148 с.
[150] Иқт. аз Виктимологическая характеристика региональной преступности и ее предупреждение» / зери таҳрири проф. А.Л. Репецкая. -М., 2009.
[151] Криминология: китоби таълимии донишгоҳ / зери таҳрири д.и.ҳ. В.Н. Бурлаков, д.и.ҳ. Н.М. Кропачев. - СПб.: Донишгоҳи давлатии Санкт- Петербург, Питер, 2004. – 139 с.

ҷинояткору ҳам ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила зарур дониста мешавад. Олимон, ҳамчунин, қайд менамоянд, ки рафтори ҷабрдида ба рафторҳои ҷинояткор ҳангоми содир намудани ҷиноят таъсир мерасонад. Рафтори фаъоли ҷабрдида метавонад, ки боиси инкишофи ҳаракатҳои ҷинояткоронаи ҷинояткор гардад ва рафтори ғайрифаъол бошад, метавонад сабаби пешгирӣ намудани оқибатҳои манфӣ ва ҳатто фоҷиабори ҷинояткор гардад[152].

Натиҷаи омӯзиши таҳлилҳои гузаронидашуда ба мо имкон медиҳанд, ки чунин омилҳои виктимиро дар оила ҷудо намоем: а) хусусиятҳои психологии шахсии аъзоёни оила; б) ҳолати моддию иқтисодии оилавӣ; в) дараҷаи низоъ, хусусияти макону замон ва муҳите, ки аъзоёни оила дар он қарор доранд ва чунин вазъият дар он пайдо гардидааст. Дар умум, доираи масоили баррасии виктимологияро вобаста ба ҷиноятҳо ва махсусан ҷиноятҳои дар оила содиргардида таҳлил намуда, ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Дар таҳқиқоти мазкур ба ҷабрдидаи ҷиноят, махсусан ҷабрдидаи ҷиноятҳои дар оила содиргардида, хусусиятҳои хос дода шуда, зери мафҳуми ҷабрдидаи ҷиноят дар оила шахси воқеие фаҳмида мешавад, ки ба он дар натиҷаи зӯроварӣ дар оила зарари ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ва ё иқтисодӣ расонида шудааст ё нисбати онҳо таҳдиди воқеии расонидани чунин зарарҳо ба вуҷуд оварда шудааст.

2. Ҳолати виктими шахсиро ба ду маъно: ҳамчун сифати объективӣ ва ҳамчун сифати субъективи шахс фаҳмидан мумкин аст. Дар ин асос ҳолати виктимии шахсиро ба гуруҳҳои зерин ҷудо намудан имкон дорад: вобаста ба хислатҳои объективии шахсият; вобастагӣ аз вазнинии ҷиноятҳое, ки ба онҳо зарар расонида шудааст; вобаста ба зуҳуроти он дар ҷанбаҳои мухталифи ҳаёт; вобаста ба механизми ҳукмфармои психологӣ; вобаста ба шумораи шахсони иштироккунанда; вобаста ба вақти шабонарӯз; вобаста ба муносибати шахс ба фаъолияти касбӣ оид ба таъмини амният; вобаста ба сатҳи психологии виктимӣ; вобаста ба давомнокӣ.

---

[152] Милевич, А.С. Факторы виктимизации предпринимателей малого бизнеса (Вопросы теории и результаты исследования) / А.С. Милевич. – Москва 2016. - С. 53.

3. Вобаста ба ҳолати виктимии ҷабрдида ва омилҳои таъсиррасонии ӯ ба содир шудани ҷиноятҳо дар самти зӯроварӣ дар оила мумкин аст се гуруҳи ҳолати виктимии ҷабрдидаро муайян намоем: 1) ҳолати виктими хашмгин дар оила; 2) ҳолати виктими фаъол дар оила; 3) ҳолати виктими ғайрифаъол дар оила.

4. Дар вобастагӣ аз ҳолатҳои криминогении пайдогардида, панҷ ҳолати пайдошавии зӯроварӣ дар оиларо ҷудо намудан мумкин аст: а) дар робита бо вазъиятҳои номусоид дар ҳаёт пайдогардида, ҳам натиҷаи рафтори бетарафона ва ҳам ҳолати виктимологии ҷабрдида; б) ҳолате, ки дар натиҷаи амали ҷабрдида ба вуҷуд омадааст; в) ҳолате, ки аз тарафи ҷинояткор ва бо сабаби рафтори бетарафонаи ҷабрдида пайдо гардидааст; г) ҳолате, ки дар натиҷаи кирдорҳои ҳар ду тараф, ҳам ҷинояткор ва ҳам ҷабрдида пайдо гардидааст.

5. Ба ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила аксаран рафтори нейтралӣ хос буда, ҷинояткор дар оила ҷабрдидаи ҷиноятро маҳз аз сабаби виктимии ба он хос «интихоб» менамояд. Вобаста ба предмети таҳқиқот, баъзе хусусиятҳои фардии ҷабрдида, ба монанди ҷинс ва синну сол ба ноболиғону занон бештар хос буда, виктими потологӣ ва деформатсияи виктимогении шахс асосан хоси қобилияти рӯҳи ҷабрдидае аст, ки натиҷаи алоқамандии ӯ бо ҷомеаро ташкил дода, раванди иҷтимоиёти шахсӣ мебошад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти муосири виктимологӣ беш аз пеш диққати олимону таҷрибадоронро ба зарурати аз нав иҷтимоӣ сохтану мутобиқ гардонидани ҷабрдидагон аз ҷинояти дар оила содиргардида ҷалб менамоянд. Аз ин лиҳоз, ба фикру ақидаи мо, маҳз дар доираи виктимология мушкилоти аз нав иҷтимоӣ сохтану мутобиқ гардонидани ҷабрдидагон аз таҷовузи зӯроварона дар оила мавриди баррасӣ қарор додан лозим аст.

## БОБИ 2. Тавсифномаи криминологии зӯроварӣ дар оила

### 2.1. Нишондодҳои шуморавӣ ва сифатии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила

Дар илми криминологияи муосир таҳқиқоти илмӣ дар самти зӯроварӣ дар оила, аз ҷумла таҳлили нишондодҳои омории ин ҷиноятҳо дар корҳои илмии Л.В. Франк[153], Х.Г. Джалолов[154], С.С. Шарипов[155] ва дигар олимон К.Д. Зарубина[156], Ю.В. Зирянова[157], Б.Г. Тугелбаева[158],Л.О. Отабоева[159], А.К. Назаров[160], С.С. Шарипов[161], С.Э. Баҳриддинов[162], З.А. Камолов[163], Т.Ш. Шарипов[164], А.И. Сафаров[165] ва дигарон дида мешаванд. Олимони ватанӣ

---

[153] Ниг.: Франк, Л.В. Потерпевшие от преступления и проблемы советской виктимологии / Л.В. Франк. Тадж. гос. ун-т им. В.И. Ленина. — Душанбе: Ирфон, 1977. — 240 с.

[154] Джалолов, Х.Г. Криминологическая характеристика женской преступности в Республике Тад Ниг.: жикистан. Дис. на соис. кан. юр. наук / Х.Г. Джалолов. – Душанбе, 2022. – 179 с.

[155]Ниг.: Шарипов, С.С. Тафсири ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ. Диссертатсия / С.С. Шарипов. – Душанбе, 2020. – 204 с.

[156] Ниг.: Зарубина, К.Д. Социальное неблогополучие и насилие в семье (криминологическое иследодванние). Дис. на соис. кан. юр. наук / К.Д. Зарубина. – Москва, 2013. – 210 с.

[157] Ниг.: Зырянова, Ю.В. Криминологическая характеристика насилия в отношении несовершеннолетних членов семьи и его предупреждение (по материалам Южно Сибирского региона). Дис. на соис. кан. юр. наук / Ю.В. Зырянова. – Абакан, 2017. - 348с.

[158] Ниг.: Тубелъгаева, Б.Г. Проблемы преступного насилия в отношении женщин: предпреждения и борьба с последствиями (на материалах Киргизской Республике).

[159] Ниг.: Отабоева, Л.О. Охрана личных прав и свобод женщин в семейно-бытовой сфере: уголовно-правовой и криминологический аспекты (по материалам Республики Таджикистан). Дис. на соис. кан. юр. наук 12.00.08 / Л.О. Отабоева. – Москва, 2008. – 192 с.

[160] Ниг.: Назаров, А.К. Проблемы семейного насилия в уголовном праве ислама / А.К. Назаров // Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (маводи мизи мудаввар). – Душанбе, 2013. – С. 109 – 129; Назаров, А.Қ. Омилҳои криминологии зӯроварӣ нисбати ноболиғон дар оила / А.Қ. Назаров, Ш.А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2021. - №3-2. - С. 210-216; Назаров, А.Қ. Сабабҳои криминологӣ ва психологии зӯроварӣ дар оила / А.Қ. Назаров, Ш.А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2021. - №6. - С. 211-217.

[161]Ниг.: Шарипов, С.С. Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологии иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ. Дис. дараҷаи илмии ном. илм. ҳуқуқшиносӣ 12.00.08 / С.С. Шарипов. – Душанбе, 2020. – 204 с.

[162] Ниг.: Баҳриддинов, С.Э. Криминология / С.Э. Баҳриддинов. – Душанбе, 2013. – 187 с.; Баҳриддинов, С.Э. Тавсифи криминологии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила / С.Э. Баҳриддинов // Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (маводи мизи мудаввар). – Душанбе, 2013. – С. 64 – 69.

[163] Ниг.: Камолов, З.А. Особенности регламентации ответственности за насильственные преступления в семье в уголовном законодательстве РТ / З.А. Камолов // Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила. – Душанбе, 2013. – С. 137 – 151.

[164] Ниг.: Шарипов, Т.Ш. Азобу уқубат ҳамчун шакли зӯроварӣ дар оила / Т.Ш. Шарипов // Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (маводи мизи мудаввар). – Душанбе, 2013. – С. 19 – 26; Шарипов, Т.Ш. Даҳсолагии амали Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои минбаъдаи такмил додани он / Т.Ш. Шарипов // 10 соли амали Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: натиҷа ва пешниҳод (маводи конфронси илмиву амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 10-солагии қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16-уми сентябри соли 2008). – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 28 – 36.

[165] Ниг.: Сафарзода, А.И. Оид ба баъзе паҳлуҳои мафҳуми ҷабрдида дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / А.И. Сафарзода, Т.Ш. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – №6. – С. 193 – 198; Сафаров, А.И. Таҳлили муқоисавии қонунгузории давлатҳои ИДМ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила / А.И. Сафаров // Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила. – Душанбе, 2013. – С. 70 – 78.

муносибатҳои дар оила пайдошавандаро дар тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан дар умум таҳлил менамоянд. Фарқияти таҳлилҳои олимони хориҷ бошанд, дар он аст, ки аксарияти онҳо ба ғайр аз таҳлили умумимиқёсӣ боз зуҳуроти мазкурро дар минтақаи алоҳида таҳлил намудаанд. Яъне, дар равиши кори олимони хориҷ бартарӣ додан ба ҷанбаҳои минтақавӣ бештар ба назар мерасад.

Ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосан аз ҷиноятҳое, ки дар боби 16 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ» ва боби 18 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ» пешбинӣ шудаанд, иборат мебошад.

Тибқи маълумоти дастрасгардида аз Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила, шумораи аъзоёни оиларо, ки ҷабрдидаи ҷинояти зӯроварӣ дар оила гардидаанд, аз ҷумла занон, мардҳо ва ноболиғонро аз ҷиноятҳои марбут ба кирдорҳои зӯроварона дар оила, инчунин, нишондиҳандаҳои миқдории ҷиноятҳои категорияи мазкурро инъикос мекунад (бояд қайд кард, ки минбаъд дар матни ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, аъзоёни оила, ки ба муносибатҳои зӯроварона дар оила алоқамандӣ доранд, субъектони ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила дониста мешаванд).

Барои муайян кардани пастуболоравии (динамикаи) ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, давраи зери таҳлил қарордошта аз соли 2010–2022–ро дар асоси иттилооти расмии бадастомада ва манбаъҳои дигар дида мебароем. Таҳлили омори расмии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, ки ба қайд гирифта шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон динамикаи массиви солонаи ҷиноятҳо дар давраи аз соли 2010–2021 рӯ ба инкишоф аст. Соли 2022 бошад, раванди коҳишёбии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила мушоҳида мегарданд.

Дар давраи солҳои 2010–2021 афзоиши назарраси нишондиҳандаҳои ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила ба назар мерасад. Тавре

мебинем, тибқи маълумоти Сармаркази иттилоотӣ–таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2010–2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳуроти ҷиноии категорияҳои зерин расман ба қайд гирифта шудаанд: 1) ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила; 2) ҷиноятҳои бақайдгирифташуда нисбати занҳо; 3) ҷиноятҳои бақайдгирифташуда нисбати мардҳо; 4) аз он ҷумла, нисбати ноболиғон аз ҳисоби ҳамагӣ[166] (моддаи 177 КҶ ҶТ ҳам нисбати занон ва ҳам нисбати ноболиғон (аз ҳисоби умумӣ) ба қайд гирифта шудааст).




Дар маҷмуъ, пастуболоравии (динамикаи) афзоиши ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оиларо дар солҳои 2010–2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нақшаи зерин дидан мумкин аст:

[166] Мактуби Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон №14/1-1260 «01» ноябри соли 2020; Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон №14/3-616 аз 25.05.2022




Дар асоси диаграммаи овардашуда маълум карда мешавад, ки афзоиши ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила дар соли 2020 назаррас мебошад ва ҳамзамон, таназзули ҷиноятҳои мазкур дар соли 2010 дида мешаванд. Илова бар ин, маълумоти омори ҷиноятӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ оид ба вазъи ҷиноӣ дар кишвар имкон медиҳанд, ки проблемаҳои демографии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила муаррифӣ карда шаванд. Тибқи таҳлилҳои гузаронидашуда ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оиларо дар солҳои 2010–2022 мумкин аст вобаста ба ҷабрдидагони он дар шакли нақшаи зерин пешниҳод намоем.



Маълумоти омориро аз сарчашмаҳои гуногун ҷамъбаст намуда, метавон тамоюлҳои ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оиларо на танҳо дар маҷмуи ҷумҳурӣ пайдо кард, инчунин, дар вобастагӣ бо минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро ҷудо намудан имкон дорад. Яъне, мавзуи таҳқиқотии мо дар зербоби мазкур дар асоси маълумотҳои дастрасгардидаи ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, ҳам дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва ҳам дар алоҳидаги дар шаҳру вилоятҳо таҳлил гардидаанд. Ҷиноятҳои дар маҷмуъ дар ҷумҳурӣ содиргардида ва дар вобастагӣ ба минтақаҳои алоҳида вилоят, ноҳияҳо содиргардида дар давраи солҳои 2016–2021 дар ҷадвали №1 инъикос ёфтаанд. Пастуболоравии (динамикаи) массиви ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оиларо бошад, дар вобастагӣ бо минтақаҳои ҷумҳурӣ, чунин нишон додан имкон дорад:




**Ҷадвали №1**[167]

| № | Ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, дар маҷмуъ, дар ҶТ ба қайд гирифта шудаанд: | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **288** | **364** | **290** | **415** | **537** | **495** |
| 1. | Дар вилояти Суғд дар маҷмуъ ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила ба қайд гирифта шудаанд: | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| | | 266 | 298 | 233 | 316 | 371 | 328 |
| 2. | | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |

[167] Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон №14/1-1260 «01» ноябри соли 2020; Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон №14/3-616 аз 25.05.2022

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Дар вилояти Хатлон дар маҷмуъ ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила ба қайд гирифта шудаанд: | 11 | 37 | 30 | 49 | 35 | 37 |
| 3. | Дар ВМКБ дар маҷмуъ ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила ба қайд гирифта шудаанд: | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| | | 1 | 2 | 4 | 00 | 00 | 2 |
| 4. | Дар НТҶ дар маҷмуъ ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила ба қайд гирифта шудаанд: | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| | | 10 | 16 | 18 | 28 | 84 | 94 |
| 5. | Дар ш. Душанбе дар маҷмуъ ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила ба қайд гирифта шудаанд: | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| | | 00 | 11 | 5 | 22 | 47 | 34 |

Тавре мушоҳида мегардад, аз диаграммаи дар боло овардашуда ва омори ҷиноии дар ҷадвали №1 дар давраи солҳои 2016–2021 инъикосёфта, шумораи солонаи ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оиларо, ки дар маҷмуъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳар як минтақа ба қайд гирифта шудаанд, дар соли 2020 нисбатан афзоиш ёфтаанд. Дар давраи баррасишаванда аз рӯйи миқдори солонаи ҷиноятҳои ошкоршуда дар ин категория (ба ҳисоби мутлақ) дар вилояти Суғд ҷиноятҳои бақайдгирифташудаи хусусияти зӯроваридошта дар оила нисбатан бо дигар минтақаҳо зиёдтар аст. Аз нишондиҳандаҳои баррасишаванда маълум мешавад, ки дар соли 2020 сатҳи ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила дар ВМКБ, вилояти Хатлон ва шаҳри Душанбе нисбат ба вилояти Суғд ва НТМ камтар мебошад. Дар ин замина, бояд гуфт, ки соли 2020 аз ҷониби Вазорати корҳои дохилӣ 3661 (с.2019 – 3258) арзу шикоят вобаста ба амалҳои зӯроварӣ баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, 3062 адад муроҷиатҳо нисбати мардон (с.2019 – 2657) ва 599 адад муроҷиатҳо нисбати занон (с.2019 – 600) мебошанд. Аз натиҷаи баррасии арзу шикоятҳои воридшуда нисбати 116 нафар (с.2019 – 129) парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, нисбати 3435 нафар (с.2019 – 2993) аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда

шудааст. Боқимонда 36 арзу шикоят аз рӯйи тобеият ба дигар мақомот фиристода шуда, 74 арзу шикоят дар баррасӣ қарор дода шудаанд[168].

Маълумот дар бораи қиёси ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила нисбати ҷиноятҳои дар умум содиргардида, дар ҷумҳурӣ ва вобаста ба минтақаҳои алоҳида, дар соли 2020–2021 дар ҷадвали №2 оварда шудаанд.

**Ҷадвали №2**[169]

| №р/т | Минтақа | Шумораи умумии ҷиноятҳои содиргардида дар соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоби умумӣ | Шумораи ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, дар соли 2020 | Шумораи умумии ҷиноятҳои содиргардида дар соли 2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоби умумӣ | Шумораи ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, дар соли 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 23460 | 537 | 24048 | 495 |
| 2. | **ВМКБ** | 591 | 00 | 746 | 2 |
| 3. | **Вилояти Суғд** | 6291 | 371 | 6628 | 328 |
| 4. | **Вилояти Хатлон** | 6991 | 35 | 7087 | 37 |
| 5. | **НТМ** | 4595 | 84 | 4827 | 94 |
| 6. | **ш. Душанбе** | 4992 | 47 | 4760 | 34 |

Тавре мушоҳида мегардад, ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила дар соли 2020–2021, аз 47508 ҷинояти дар умум содиргардида, дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 1032 ҳолатро ташкил диҳад ҳам, тавре қайд намуда будем, хавфи асосии онҳо дар хусусияти латентнокиашон мебошад. Субъектони зарардидаро низ асосан занон, ноболиғон ва хурдсолони аъзои оила ташкил медиҳанд. Тавре аз таҳлили ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила дар

[168] Маърузаи ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020. - Душанбе, 2021. - С.84

[169] Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон №14/1-1260 «01» ноябри соли 2020; Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон №14/3-616 аз 25.05.2022

солҳои 2020–2021 муайян мегардад, дар ин давра ба занон асосан зарари хусусияти иқтисодидошта 57,40%, зарари миёнаю вазнин ба саломатӣ ва азобу уқубат 21,62% расонида шуда, ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт 8,90% ва ҷиноятҳои хусусияти шаҳвонидошта бошанд, 3,77% расонида шудааст. Қайд намудан лозим аст, ки қисми зиёди ҷиноятҳои нисбати ноболиғон ба қайдгирифташударо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ барқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон ташкил медиҳад. Масалан, аз ҷинояти хусусияти зӯроваридошта нисбати ноболиғон дар оила дар соли 2020–2021 76,5% он бо моддаи 177 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд[170].

Аз маълумотҳои пешниҳодшудаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бармеояд, ки ҳолатҳои содиршавии ҷиноятҳо нисбати ноболиғон ва хурдсолони аъзои оила дар соли 2021 ва 2022 нисбат ба соли 2020 камтар ба қайд гирифта шудаанд, аммо ҳанӯз ин мушкилоти ташвишовари ҷамъиятӣ боқӣ мондааст. Тибқи маълумоти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021 нисбати 843 ноболиғ ҷиноят содир шудааст, ки назар ба соли 2020 (927) 84 ҳолат ё 9,9% кам мебошад, аммо на ҳамаи ин ҷиноятҳо нисбати ноболиғон аз тарафи субъектони оила содир карда шудаанд. Аз ин шумора 231 ҷиноят нисбати ноболиғон бо категорияҳои зерин тааллуқ доранд: одамкушӣ – 9 адад (с. 2020 – 9), қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ – 18 адад (с. 2020 – 26), қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ – 7 адад (с. 2020 – 8), таҷовуз ба номус – 19 адад (с. 2020 – 10), ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ – 57 адад (с. 2020 – 47), алоқаи ҷинсӣ бо шахсе, ки ба синни 16–солагӣ нарасидааст – 81 адад (с. 2020 – 79), ҳаракати бадахлоқона – 40 адад (с. 2020 – 44). Инчунин, соли 2021 102 ҳолати (с. 2020 – 106) даст ба худкушӣ задан ва сӯиқасд ба он дар байни ноболиғон ба қайд гирифта шудааст. Аз ин шумора

[170] Тибки маълумоти бадастомада аз Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси мактуби №14/3-616 аз 25.05.2022

97 (с. 2020 – 88) нафарашонро хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил медиҳанд, ки назар ба соли гузашта 9 ҳолат зиёд мебошад[171].

Омори расмии ҷиноӣ имкон медиҳад, ки танҳо манзараи тахминии зӯроварӣ дар оила таҳлил карда шавад, зеро дар маълумоти расмии мавҷуда як қатор ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар ин самт на танҳо кирдорҳои аъзои як оиларо, балки хешовандони онҳо ва собиқ ҳамсаронро низ фаро мегирад.

Барои омӯзиши ҳамаҷонибаи сохтори зуҳуроти ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, фарқ кардани хусусиятҳои криминологии намудҳои бартаридоштаи ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила, ба монанди одамкушӣ (моддаи 104 КҶ ҶТ); ба худкушӣ расонидан (моддаи 109 КҶ ҶТ); қасдан расонидани зарар ба саломатӣ (моддаҳои 110, 111, 112 КҶ ҶТ); азобу уқубат (моддаи 117 КҶ ҶТ); монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосӣ (нуҳсола (моддаи 164 КҶ ҶТ)); барқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон (моддаи 177 КҶ ҶТ) мувофиқи мақсад аст. Пастуболоравии (динамикаи) ҷиноятҳои зикргардида дар ҷадвали №3 нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали №3.**

**Маълумот дар бораи ҷиноятҳои бартаридошта оид ба зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2010, 2015, 2020.**

| | Муҳтавои амалиёт | с. 2010 | с. 2015 | с. 2020 |
|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят ба қайд гирифта шудааст | 14542 | 21585 | 23460 |
| | Ҷиноятҳои вобаста ба зӯроварӣ дар оила | 125 | 294 | 537 |
| | Моддаҳои 104, 109, 110, 111, 112, 117, 164, 177 КҶ ҶТ дар умум дар ҶТ | 1174 | 1490 | 1649 |
| | Моддаҳои 104, 109, 110, 111, 112, 117, 164, 177 КҶ ҶТ вобаста ба зӯроварӣ дар оила | 97 | 235 | 441 |

[171] Ниг.: Маърузаи ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021. – Душанбе, 2022. - С.80

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Мод. 104 КҶ ҶТ | Ҳамагӣ дар ҶТ | 139 | 117 | 101 |
| 2. | | дар оила | 15 | 16 | 25 |
| 1. | Мод. 109 КҶ ҶТ | Ҳамагӣ дар ҶТ | 48 | 49 | 41 |
| 2. | | дар оила | 5 | 13 | 18 |
| 1. | Мод. 110 КҶ ҶТ | Ҳамагӣ дар ҶТ | 98 | 110 | 135 |
| 2. | | дар оила | 7 | 13 | 24 |
| 1. | Мод. 111 КҶ ҶТ | Ҳамагӣ дар ҶТ | 275 | 323 | 342 |
| 2. | | дар оила | 22 | 28 | 51 |
| 1. | Мод. 112 КҶ ҶТ | Ҳамагӣ дар ҶТ | 202 | 110 | 39 |
| 2. | | дар оила | 17 | 6 | 5 |
| 1. | Мод. 117 КҶ ҶТ | Ҳамагӣ дар ҶТ | 42 | 53 | 48 |
| 2. | | дар оила | 8 | 15 | 29 |
| 1. | Мод. 164 КҶ ҶТ | Ҳамагӣ дар ҶТ | 73 | 171 | 171 |
| 2. | | дар оила | 6 | 27 | 30 |
| 1. | Мод. 177 КҶ ҶТ | Ҳамагӣ дар ҶТ | 297 | 557 | 772 |
| 2. | | дар оила | 17 | 117 | 259 |

Нишондиҳандаҳои омори ҷиноӣ, ки дар рисола таҳқиқ гардидаанд, камшавии нишондиҳандаҳои солонаи кушторҳои ошкоршударо дар категорияҳои овардашуда, дар давраи солҳои 2010–2015 (дар ин давра хамагӣ 83 ҷинояти одамкушӣ, ки бо зуҳуроти зӯроварӣ дар оила алоқамандӣ доранд, ба қайд гирифта шудааст), дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоюли минбаъдаи афзоиши онҳо аз соли 2016 то 2022–ро (дар ин давра бошад, 139 ҷинояти категорияи мазкур ба қайд гирифта шудаанд) ташкил медиҳанд. Фарқияти ҷиноятҳои дар шашсолаи якум содиргардида аз давраи минбаъда 56 ҷинояти одамкушӣ мебошад.

моддаи 104 КҶ ҶТ оид ба зӯроварӣ дар оила



| | 2016-2022 | 2010-2015 |
|---|---|---|
| 2016;2010 | 15 | 15 |
| 2017;2011 | 18 | 13 |
| 2018;2012 | 18 | 14 |
| 2019;2013 | 27 | 14 |
| 2020;2014 | 25 | 11 |
| 2021;2015 | 24 | 16 |
| 2022; | 12 | |

Хатти таносуби ҷиноятҳои зӯроваридошта дар оила, тибқи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, содиргардида низ ноустувории нисбии нишондиҳандаҳои солонаи ин категорияро дар давраи солҳои 2010–2022 нишон медиҳад. Шумораи содиршавии ин ҷиноят сол ба сол дар ҳолати афзоиш қарор дорад. Масалан, дар соли 2010 5 ҷиноят бо категорияи мазкур ошкор гардида бошад, ин нишондиҳанда соли 2021 18 ҳолатро ташкил медиҳад (соли 2010 то соли 2015 ҳамагӣ 68 ҷиноят бо моддаи 109 КҶ ҶТ содир гардидааст, дар давраи аз 2016–2022 бошад, 111 ҷинояти мазкур сабт гардидааст ва фарқияти давраҳо 43 ҳолатро ташкил медиҳад. Дар ин асос, хатти таносуби ҷинояти зӯроварӣ дар оиларо тибқи моддаи 109 КҶ ҶТ ба чунин шакл нишон додан имкон дорад.

**моддаи 109 КҶ ҶТ оид ба зӯроварӣ дар оила**



Пастуболоравии (динамикаи) қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ низ, дар давраи солҳои зери таҳқиқот қарордошта, дар ҳолати афзоишёбӣ қарор дорад. Дар давраи солҳои 2010–2015 58 ҷиноят ва дар давраи солҳои 2016–2022 100 ҳолатро ташкил медиҳад, ки нишондиҳандаҳои давраи дуюм 42 ҷиноят зиёд мебошанд. Соли 2010 7 ҷиноят ва 2016 3 ҷинояти мазкур ба қайд гирифта шудаанд, ки нишондиҳандаи камтарин дар давраи зери таҳқиқот қарордоштаро ташкил медиҳанд.




Дар давраи баррасишаванда (солҳои 2010–2022) афзоиш ва коҳишёбии начандон зиёд дар ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ дида мешавад. Соли 2010–2015 шумораи ҷинояти бо моддаи 111 КҶ ҶТ сабтгардида 124 ҳолатро ташкил медод, ки ин нишондиҳанда дар давраи солҳои 2016–2022 ба 274 ҷиноят расидааст. Миқдори зиёдтарини ҷинояти мазкур ба соли 2020 рост меояд, ки дар як сол 51 ҷиноятро ташкил медиҳад.




Пастуболоравии (динамикаи) қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ ки бо моддаи 112 КҶ ҶТ бандубаст мегардад, дар давраи зери таҳқиқот қарордошта рӯ ба коҳишёбӣ дорад. Агар шумораи ин намуди ҷиноят дар солҳои 2010–2015 69 ҳолатро ташкил диҳад, ин нишондод солҳои 2016–2022 ба 19 ҳолат расидааст, ки 50 ҳолат ё 27% нисбати шашсолаи аввал кам мебошад.



Азобу уқубат ҳамчун ҷинояти мунтазам содиршаванда дар самти муносибатҳои оилавӣ дар ҳолати афзоиш қарор дорад. Агар дар солҳои 2010–2015 шумораи ин ҷиноят 71 адад бошад, солҳои 2016–2022 ба 148 ҳолат расидааст, ки 77 ҷиноят нисбати шашсолаи аввал зиёд мебошад.




Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷумҳурӣ соли 2020 3911 (соли 2019 – 3884) адад муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ фаъолият мекарданд, ки аз онҳо 312–тоаш (соли 2019 – 315) муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, 430 адад (соли 2019 – 442) муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ ва 3169 адади дигар (соли 2019 – 3127) муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошанд. Ҳамчунин, 150 муассисаи таълимии типи нав, аз ҷумла 75 гимназия ва 75 литсей фаъолият мекунанд[172]. Моддаи 164 КҶ ҶТ монеъ шудан ба гирифтани маълумоти ҳатмии умумии асосиро ҷиноят эътироф намуда, барои он ҷавобгариро дар намуди ҷарима ба андозаи 1000 то 2000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардан аз озодӣ ба муҳлати то 2 сол[173] муқаррар намудааст. Мутаассифона, пастуболоравии (динамикаи) ин

---

[172] Ваколатдор оид ба хуқуқи кӯдак. – Душанбе, 2021. – С.36

[173] Ниг.: Кодекси ҷиноятии Ҷумхурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №9. – м.м. 68-69; – №22. – м. 306; – 1999. – №12. – м. 316; – 2001. – №4. – м. 149, м. 167; – 2002. – №11. – м. 675. – м. 750; – 2003. – №8. – м. 456. – м. 468; – 2004. – №5. – м. 346; – №7. – м.м. 452-453; – 2005. – №3. – м. 126; – №7. – м. 399; – №12. – м. 640; – 2007. – №7. – м. 665; – 2008. – №1. – қ. 1. – м. 3; – №6. – м. 444. – м. 447; – №10. – м. 803; – №12. – қ. 1. – м. 986; – №12. – қ. 2. – м. 992; – 2009. – №3. – м. 80; – №7-8. – м. 501; – 2010. – №3. – м. 155; – №7. – м. 550; – 2011. – №3. – м. 161; – №7-8. – м. 605; – 2012. – №4. – м. 258; – №7. – м. 694; – 2013. – №6. – м.м. 403-404; – №11. – м. 785; – №12. – м. 881; – 2014. – №3. – м. 141; – №7. – қ. 1. – м.м. 385-386; – 2015. – №3. – м.м. 198-199; – №11. – м. 949; – №12. – қ.1. – м. 1107; – 2016. – №3. – м. 127; – №5. – м.м. 355-356; – №7. – м.м. 608-609; – №11. – м.м. 874-875; – 2017. – №1-2. – м.м. 2-3. – №7-9. – м. 586; – 2018. – №1. –

категорияи ҷиноят низ сол то сол (ба истиснои соли 2016) афзоиш ёфта истодааст. Масалан, аз соли 2010 то 2015 ҳамагӣ 85 ҷинояти мазкур дар ВКД ҶТ ба кайд гирифта шуда бошад, соли 2017–2022 173 ҷиноят бо моддаи 164 КҶ ҶТ вобаста ба зӯроварӣ дар оила сабт гардидааст. Тибқи маълумоти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар фаъолияти назоратии мақомоти прокуратура дар самти ба таълими ҳатмии умумии асосӣ фаро гирифтани кӯдакон 135 ҳолати вайронкунии қонун муайян карда шуда, 133 нафар падару модар (соли 2019 – 125) барои монеъ шудан ба гирифтани маълумоти ҳатмии умумии асосӣ (нуҳсола) бо моддаи 164 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд[174].




Таҳлилҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки дар байни ҷиноятҳо дар самти зӯроварӣ дар оила нақши муҳимтаринро нишондиҳандаҳои миқдории ҷиноятҳое, ки дар моддаи 177 КҶ ҶТ (барқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон) пешбинӣ шудаанд, мебозад. Шумораи муқоисавии дигар ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила дар муқоиса бо ҷинояти мазкур бениҳоят ночиз аст ва ҳолатҳои бақайдгирии он бошад,

м.м. 4-5; – №5. – м. 266; – №7-8. – м. 522; – 2019. – №1. – м.м. 1-2; – №6. – м. 311; – 2020. – №1. – м.м. 8-9; – №7-9. – м. 607. – м. 623; – №12. – м. 904; – 2021. – №4. – м. 196; – №12. – қ. 2. – м. 683; ҚҶТ аз 19.07.2022. – №1895. – №1896.

[174] Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак. – Душанбе, 2021. – С.38

босуръат афзоиш ёфта истодаанд. Ҳамин тариқ, агар шумораи умумии ҷиноятҳои мазкур дар давраи ҳисоботии солҳои 2010–2015 ба 292 ҷиноят дар умум баробар буда, тахминан 24,8%–и ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оиларо, ки 1177 ҳолат буданд, ташкил медод, ин раванд (бақайдгирии ҷинояти моддаи 177 КҶ ҶТ) дар солҳои 2016–2022 ба 1272 ҳолат расидааст. Барои қиёс бо моддаҳои 104, 109, 110, 111, 112, 117 ва 164 КҶ ҶТ 1570 буда, шумораи умумии ҷиноятҳои моддаи 177 КҶ ҶТ дар давраи ҳисоботии 2010–2022 1564 мебошанд, 39,88%–и ҷиноятҳои дар умум содиргардидаро вобаста ба зӯроварӣ дар оила (солҳои 2010–2022, 3921) ташкил медиҳанд. Шумораи ҷиноятҳои ишорагардида бошад, дар ҳамин давра дар умум ба 1522 ҷиноят баробар аст, ки 38,80%–ро ташкил медиҳанд[175].

Ҳамин тариқ натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки давраи таҳқиқотии солҳои 2010 то 2022–ро дарбаргиранда доир ба намудҳои бартаридоштаи шакли зуҳури зуроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба чунин шакл нишон додан мумкин аст:




[175] Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон №14/1-1260 «01» ноябри соли 2020; Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон №14/3-616 аз 25.05.2022

Таҳлилҳои овардашуда танҳо нисбати категорияҳои мушаххаси ҷиноятҳои муқобили оила равона карда шудааст.

Дар ҷараёни таҳлили вазъи ҷиноятӣ бояд хусусиятҳои афзоиши сатҳи ҷинояткорӣ дар самти оила ба инобат гирифта шаванд. Ҷабрдидагони ин гуруҳи ҷиноятҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бораи шумораи зиёди кирдорҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила хабар намедиҳанд, зеро онҳо бо ҷинояткор аксар вақт вобастагӣ (вобастагии иқтисодӣ ё рӯҳӣ) доранд. Баъзан, сабабҳои даст кашидан аз ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии аъзоёни оила ба қобилияти мустақилона ҳал кардани мушкилот бидуни муроҷиати расмӣ ё тарси ошкорбаёнӣ мебошанд[176]. Анъанаҳои минтақавӣ ва менталитети мардуми маҳаллӣ низ осори муайян мегузоранд.

**Нишонаҳои объективии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила.** Ҳар як ҷиноят бо усуле содир мегардад, ки дар маҷмуъ, ҳаракат ва ҳолате дар назар дошта шудааст, ки ҷинояткор барои ноил гардидан ба мақсади худ истифода намудааст. Тарзи содир намудани ҷиноят дар криминализатсияи кирдори содиргардида нақши муҳим дорад. Дар муносибатҳои оилавӣ барои ноил гардидан ба хостаҳои худ, шахси ҷинояткор ба татбиқ намудани зӯроварӣ дар оила ва маҳдуд намудани қобилияти иродаи аъзои дигари оила рӯ меорад. Асоси усули содир намудани ҷиноятро ба шаклҳо ва намудҳои гуногун ҷудо намудани онҳо ташкил медиҳад. Вобаста ба ин, ҷиноятҳои дар самти муносибатҳои оилавӣ пайдошавандаро ба гуруҳҳои зерин ҷудо намудан имкон дорад:

– ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт дар оила (моддаҳои 104, 105, 106, 108, 109 КҶ ҶТ);

– ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ дар оила (моддаҳои 110,111, 112, 113, 116, 117, 118, 119, 120, 125 КҶ ҶТ);

---

[176] Ниг.: Назаров, А.Қ. «Сабабҳои криминологӣ ва психологии зӯроварӣ дар оила» / А.Қ. Назаров, Ш.А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2021. - №6. - С. 211-217.

– ҷиноятҳои хусусияти шаҳвонидошта дар оила (моддаҳои 138, 139, 140, 141, 142, 169 КҶ ҶТ);

– ҷиноятҳои хусусияти иқтисодидошта дар оила (моддаҳои 164, 168, 174, 177 КҶ ҶТ).

Ин гуруҳи ҷиноятҳо бо тарзҳои гуногун содир мегарданд, ки натиҷаи таҳлили омори мавҷуда имконияти муайян намудани онҳоро ба мо медиҳад.

Дар натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда аз рӯйи парвандаҳои судӣ ва омори ҷиноятҳо вобаста бо зӯроварӣ дар оила, муайян карда шуд, ки ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оиларо вобаста ба тарзи содир карданашон ба чанд гуруҳ тақсим намудан мумкин аст.

Гуруҳи аввали ин ҷиноятҳо аслан бо тарзҳои буғӣ намудан, истифодаи корд, ашёҳои буранда, зарба задан, фишороварӣ ва латукӯб содир карда мешаванд. Ҳолати истифодабарии силоҳи оташфишон низ дар баъзе мавридҳо ба қайд гирифта шудааст. Ҳиссаи умумии ҷиноятҳои ба ин гуруҳ шомилбуда дар солҳои 2010–2022 419 ҷиноят мебошад, ки 10,68%–и ҷиноятҳоро ташкил медиҳанд.

Ҷиноятҳои ба гуруҳи дуюм шомилбуда бошанд, бештар бо усули латукӯб бо дасту пой ё бо дигар маводи хоҷагидорӣ (корд, ашёҳои оҳанин, чӯбдаст ва ғ.) ва бо роҳи таъсиррасонии рӯҳӣ содир мегарданд. Ҳиссаи умумии ин гуруҳи ҷиноятҳо дар давраи солҳои 2010–2022, 1042 ҷиноят аст, ки 26,57%–ро аз ҳисоби умумӣ ташкил медиҳад.

Ҳиссаи ҷиноятҳои хусусияти шаҳвонидошта дар оила дар байни солҳои 2010–2022 155 ҳолат мебошад, ки ба 3,93%–и ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баробар аст. Ҷабрдидагони ин гуруҳи ҷиноятҳоро асосан ноболиғон ташкил медиҳанд. Дар бештари ҳолат ин намуди ҷиноятҳо бо сабабҳои оҷизии ҷабрдида нисбати

шахси ҷинояткор содир мегарданд. Оиди ин намуди зӯроварӣ аз адабиёти гуногун маълумот дастрас намудан мумкин аст [177; 178; 179].

Ҷиноятҳои хусусияти иқтисодидошта бошанд, гуруҳи калонтарини ҷиноиро ташкил намуда, 1925 ҳолат қайд гардидааст, ки 49,09% ҷиноятҳои дар умум содиргардидаро дар давраи солҳои 2010–2022 ташкил додаанд. Ҳамчунин, усулҳои содир намудани ҷинояти дар моддаи 164 КҶ ҶТ пешбинишуда, дар аксарияти ҳолатҳо надоштани шароити молиявии волидайн ё аъзои оила мебошад. Ҳолатҳое низ ҳастанд, ки ин кирдор бо сабабҳои таассуби динӣ, беморӣ, бадахлоқшавии ноболиғи аъзои оила содир гардида, надоштани ҳуҷҷатҳои лозима ба кӯдак ё аъзои ноболиғи оила ва ё фароҳам накардани шароити мусоид аз ҷониби падару модар ё парасторон, барои гирифтани таҳсилоти асосии миёнаи ҳатмӣ, монеагӣ пайдо мекунанд[180].

Дар умум, натиҷаи гуруҳбандии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оиларо чунин нишон додан имкон дорад:

**Ҷадвали №4**

| **Гуруҳбандии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила** | **Моддаи КҶ ҶТ** | **Миқдор** | **Аз ҳисоби умумӣ (бо %)** | **Усулҳои бартаридошта дар содир намудани ҷиноятҳо** |
|---|---|---|---|---|
| ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт дар оила | 104, 105, 106, 108, 109 | 419 | 10,68 % | буғӣ намудан, истифодаи корд, зарба задан ва ғ. |
| ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ дар оила | 110,111, 112, 113, 116, 117, 118, 119, 120, 125 | 1042 | 26,57 % | латукӯб бо дасту пой ё бо дигар маводи хоҷагидорӣ ва таъсири рӯҳӣ |

[177] Ниг.: Шарипов, Т. Ш. Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (маводи мизи мудаввар) / Т.Ш. Шарипов. - Душанбе, 2013. – 178 с.
[178] Ниг.: Зырянова, Ю.В. Криминологическая характеристика насилия в отношении несовершеннолетних членов семьи и его предупреждение (по материалам Южно-Сибрского региона). Дис. Спец.12.00.08 / Ю.В. Зырянова. – Абакан, 2017. – 348 с.
[179] Ниг.: Самойленко, К.В. Уголовно-правовые криминологические меры противодействия сексуальной насильственной преступности в семье. Дис. по спец.12.00.08 / К.В. Самойленко. – Краснодар, 2014. – 207 с.
[180] Парвандаҳои судӣ дар асоси мактуби №275-6/1-7 аз 08 сентябри соли 2020.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ҷиноятҳои хусусияти шаҳвонидошта дар оила | 138, 139, 140, 141, 142, 169 | 155 | 3,93% | истифодаи оҷизии ҷабрдида нисбати шахси ҷинояткор |
| ҷиноятҳои хусусияти иқтисодидошта дар оила | 164, 168, 174, 177 | 1925 | 49,09% | надоштани шароити молиявии волидайн ё аъзои оила, таассуби динӣ ва ғ. |
| | | **3541** | **90,27%** | |

Омӯзиши **минтақаҳои содир кардани ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила** ба мо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои хоси онҳоро муайян кунем. Тақсимоти ҳудудии сатҳи ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, вобаста ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қаблан баррасӣ шуда, дар ҷадвали №1 оварда шудааст. Ҳамзамон, дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба ин масъала фикру ақидаҳои зиёд оварда шудааст[181]. Тавре В.А. Котсюба қайд намудаанд: «Қисми зиёди ҷиноятҳо дар самти оила, дар шаҳрҳо ва марказҳои аҳолинишин содир мегарданд»[182].

Ҳамчун асос барои муайян намудани макони содир намудани ҷиноят, ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оиларо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар солҳои 2020–2021, ба ду гуруҳ ҷудо намудан мумкин аст: ҷиноятҳо дар шаҳр (аз он ҷумла ш. Душанбе) ва ҷиноятҳои дар ноҳияҳо ва деҳаҳои ҷумҳурӣ содиргардида. Ҳамин тавр, дар давраи зикргардида шумораи умумии ҷиноятҳои содиршуда оид ба зӯроварӣ дар оила 1032 адад ташкил медиҳанд, ки аз ин нишондод 55,2% ҷиноят дар ноҳияҳо, деҳаҳо ва 44,70%–и ҷиноятҳо дар шаҳрҳо содир гардидаанд. Миқдори ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, дар ноҳияҳо аз шумораи умумии ҷиноятҳои содиргардида дар

[181] Ниг.: Отабоева, Л.О. Охрана личных прав исвобод женщин в семейно-бытовой сфере: Уголовно-правовой и криминологический аспекты (по материалам республики Таджикистан). Дис. по спец. 12.00.08. / Л.О. Отабоева. – Москва, 2008. – 192 с. См.: Ревин, В. П. Профилактика преступлений в сфере семейных и бытовых отношений / В.П. Ревин. - М., 1985. - С. 23. Коцюба, В.А. Криминологический анализ и предупреждение преступлений в сфере семейно-бытовых отношений (по материалам Дальневосточного региона) спец.12.00.08 дис. на соис. кан. юр. наук / В.А. Койюба. – Хабаровск, 2014.

[182] Ниг.: Коцюба, В.А. Криминологический анализ и предупреждение преступлений в сфере семейно-бытовых отношений (по материалам Дальневосточного региона) спец.12.00.08 дис. на соис. кан. юр. наук / В.А. Коцюба. – Хабаровск, 2014.

давраи таҳлилӣ нисбати ҷиноятҳои дар шаҳрҳо ба қайдгирифташуда зиёд буда, онро ба шакли зерин нишон одан имкон дорад.




Тавре мушоҳида мегардад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила бештар дар ноҳияву деҳаҳо содир мегарданд ва ин ҳолат ба он алоқамандӣ дорад, ки қисми зиёди аҳолии ҷумҳурӣ дар деҳа зиндагонӣ мекунанд. Ҳамчунин, тавре аз натиҷаи таҳлил муайян гардид, қисми зиёди ҷиноятҳои ба гуруҳи аввал шомилнамуда (ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт) низ, дар ноҳияву деҳаҳо содир гардидаанд.

**Ҷойи содир намудани ҷиноят**. Мушоҳида мегардад, ки қисми зиёди ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, дар манзилҳои истиқоматии субъектон содир мегарданд ва қисмати ками онҳо дар кӯча ё дигар ҷойҳо зуҳур намудаанд. Дар ин замина, ба ақидаҳои В.А. Котсюба розӣ шудан мумкин аст: «Ҷинояти дар самти муносибатҳои оилавӣ содиргардида, дар бисёр ҳолатҳо дар шароити макони зист ва хона зуҳур мекунад»[183].

Бо мақсади натиҷабарории дақиқ дар таҳқиқоти мазкур, ҷойи содир намудани ҷиноятро дар манзили зисти субъектон аз 66 адад парвандаи таҳлилгардида чунин муайян намудем. Аз ин миқдор: 1) ҷиноятҳо вобаста ба одамкушию сӯиқасд ба он ва ба худкушӣ расонидан, ки хусусияти зӯроварӣ

[183] Ниг.: Коцюба, В.А. Криминологический анализ и предупреждение преступлений в сфере семейно-бытовых отношений (по материалам Дальневосточного региона). Дис. на соис. кан. юр. наук / В.А. Коцюба. – Хабаровск, 2004. - С.51 (186 с.).

дар оила доранд, 22 ҷиноят буда, аз ин нишондод 19 ҳолат дар хонаи истиқоматии ҷинояткор ва ҷабрдида, 2 ҷиноят дар саҳни ҳавлии истиқоматӣ ва 1 ҳолат дар чарогоҳ содир гардидааст; 2) ҷиноятҳо вобаста ба расонидани зарари ҷисмонӣ ва рӯҳӣ ба ҷабрдида, ки хусусияти зӯроварӣ дар оиларо доранд, 34 ҳолатро ташкил намуда, 31 ҷинояти он дар дохили хонаи истиқоматӣ содир гардидаанд, 2 ҷиноят дар саҳни ҳавлӣ ва 1 ҷиноят дар кӯча; 3) ҷиноятҳои хусусияти шаҳвонидошта вобаста ба зӯроварӣ дар оила бошанд, 10 ҳолатро ташкил намуда, 9 ҳолати ин намуди ҷиноятҳои таҳлилгардида дар хонаи истиқоматии ҷинояткор ва 1 ҳолат дар хонаи истиқоматии ҷабрдида содир гардидаанд.

Алоқаи мавҷудбуда байни ҷинояткор ва ҷабрдида далели асосии зуҳур намудани ҷиноят дар самти муносибатҳои оилавӣ мебошад. Ҳамин тариқ, маълум гардид, ки ҷиноятҳо ба муқобили занон, ноболиғон ва хурдсоли аъзои оила бештар дар манзилҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ ва хонаҳои истиқоматии онҳо содир мегарданд. Дар натиҷаи таҳлил муайян карда шуд, ки як қисми муҳимми ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила дар ҷойҳое содир мегарданд, ки ҷинояткор ва ҷабрдида якҷоя зиндагӣ мекунанд.

**Нишондиҳандаҳои вақт.** Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба вақти содир намудани ҷиноят ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Як гуруҳи олимон ба он ақидаанд, ки нишондиҳандаҳои вақт ба содир намудани ҷиноят ягон алоқамандӣ надоранд[184]. Гуруҳи дигари олимон таъсири нишондиҳандаҳои вақтро дар таҳлили ҷинояткорӣ исбот намудаанд, ки ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила асосан шабона ва бегоҳирӯзӣ содир мешаванд[185]. Ба ҳамин маъно, олими дигар А.Н. Иляшенко аз натиҷаи таҳлили нишондиҳандаҳои вақти содир намудани ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила ба хулоса омадааст, ки қисми зиёди онҳо рӯзона аз соати $12^{00}$ то $18^{00}$

---

[184] Ниг.: Ревин, В.П. Профилактика преступлений в сфере семейных и бытовых отношений: Учебное пособие / В.П. Ревин. - М. ,1985. - С. 14.

[185] Коцюба, В.А. Криминологический анализ и предупреждение преступлений в сфере семейно-бытовых отношений (по материалам Дальневосточного региона). Дис. на соис. кан. юр. наук / В.А. Коцюба. – Хабаровск, 2004. – 55 с.

ва $18^{00}$ то $24^{00}$–и шомгоҳон содир мегарданд[186]. Тавре мушоҳида намудем, вақти содир намудани ҷиноят яке аз хусусияти хоси криминологии он мебошад. Аз омӯзиши 123 парвандаи ҷиноятӣ, ки ба солҳои 2015–2022 рост меоянд, муайян карда шуд, ки қисми зиёди ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила аз соати $12^{00}$ то соати $24^{00}$ содир мегарданд. Эҳтимоли ками зуҳурёбии зӯроварӣ дар оила ба вақти субҳгоҳон, аз соати $6^{00}$ то $12^{00}$ рост омадааст.

Оид ба зуҳурнамоии ҷ**иноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила вобаста ба рӯзҳои ҳафта** низ ақидаҳои муаллифони соҳа зикр шудаанд[187]. Масалан, В.И. Шахов қайд намудааст, ки қисми зиёди ҷиноятҳои дар оила содиргардида дар рӯзҳои ғайрикории шахси ҷинояткор (64%) ва танҳо аз се як ҳиссаи онҳо дар рӯзҳои корӣ (31%) содир мегарданд[188]. Ин нуқтаи назарро ба он асоснок намудан имкон дорад, ки дар рӯзҳои корӣ аъзои оила бо ҳамдигар алоқамандии кам доранд ва аз ин лиҳоз, таъсиррасоние, ки сабаби зуҳур намудани зӯроварӣ ва содир гардидани ҷиноят дар оила гардад низ кам мебошад. Мо бо дарназардошти менталитети миллӣ–мантиқӣ, ки аъзои оила на танҳо зану шавҳар, балки дигар хешовандони наздикӣ онҳо низ ҳисоб меёбанд, таҳлили криминологии ҷиноятҳои содиргардидаро гузаронидаем. Дар ин асос, гуфта метавонем, ки нишондиҳандаи рӯзи содирнамоии ҷинояткорӣ дар самти муносибатҳои оилавӣ ба ҳамаи рӯзҳо дар ҳафта баробар тақсим карда шудааст. Зеро на ҳамаи аъзои оилаҳои тоҷик ба фаъолияти меҳнати музднок машғул ҳастанд ва онҳо бо ҳам қариб ҳар рӯз дар алоқамандии зич қарор доранд, ки сабаби зуҳур намудани зӯроварӣ дар оила ва минбаъд содиршавии ҷиноят дар ин самт мегардад.

---

[186] Ниг.: Ильяшенко, А.Н. Основные характеристики насилственных преступлений, совершаемых в семье / А.Н. Ильяшенко. - С. 32.
[187] Ниг.: Коцюба, В.А. Криминологический анализ и предупреждение преступлений в сфере семейно-бытовых отношений (по материалам Дальневосточного региона). Дис. кан. юр. наук по спец.12.00.08 / В.А. Коцюба. – Хабаровск, 2004. – 186 с.; Ильяшенко, А.Н. Противодействие насильственной преступности в семье: уголовно-правовые и криминологические аспекты. Дис. уч. степ. док. юр. наук 12.00.08 / А.Н. Ильяшенко. – Москва, 2003. – 511 с.
[188] Ниг.: Шахов, В.И. Насилие в семье: уголовно-правовое и криминологическое значение: дис. ... канд. юрид. наук. – Ижевск, 2003. – 120 с.

Ҳамин тариқ, таҳлили зуҳуроти зӯроварӣ дар оила дар солҳои 2010–2022 нишон медиҳад, ки зӯроварӣ дар оила, бо дарназардошти моддаҳои муқаррааргардида, дар давраи мазкур 3921 ҳолат содир гардида, нисбати занон, баъдан ноболиғон ва миқдори ками онҳо нисбати мардон содир гардидааст. Ҳамзамон, муқаррар гардид, ки ҳолатҳои ҷиноятҳои вобаста ба зӯроварӣ дар оила дар ҷумҳурӣ ба таври шадид рушд карда истодаанд. Маълумотҳои дастрасгардида аз мақомотҳои дахлдор ва парвандаҳои судӣ ба мо имкон додаанд, ки нишондиҳандаҳои умумии сабтгардидаи ин зуҳуротро дастрас намуда, таҳлил намоем. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки солҳои охир бар зидди зӯроварӣ дар оила ҳамчун тамоюли манфии иҷтимоӣ ва коҳиш додани кирдорҳои ҷиноятӣ дар вобастагӣ ба ин категория, аз ҷониби мақомотҳои дахлдор мубориза бурда истодаанд. Аммо бояд гуфт, ки маълумотҳои дастрасгардида вазъияти воқеии ҷиноятиро дар вобастагӣ бо зӯроварӣ дар оила инъикос намекунанд, танҳо нишондиҳандаҳои умумии зуҳуроти ҷиноятии категорияи мазкур сабт гардидаанд. Пастуболоравии (динамикаи) ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила низ нишондиҳандаи он ҳастанд, ки давраи таназзули ин намуди ҷиноятҳо ба соли 2010 рост меояд, ки 3,18% ҷиноятҳои умумии содиргардидаро дар солҳои 2010–2022 ташкил медиҳанд. Миқдори зиёдтарини ин ҷиноятҳо бошанд, ба соли 2020 дар давраи таҳлилӣ рост меояд, ки 13,69%–и ҷиноятҳои таҳлилнамудаамонро ташкил додаанд. Ҳамзамон, бояд гуфт, ки пастуболоравии (динамикаи) солонаи ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила бо тағйирёбии назаррас фарқ мекунанд. Дар солҳои таҳлилӣ, ки аз соли 2010 то соли 2022–ро фаро гирифтааст, дар қисми зиёди ҷиноятҳо (ғайр аз моддаи 112 КҶ ҶТ – қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ), аз солҳои 2016 то 2021 инкишофёбии назаррас мушоҳида мегардад ва миқдори ҷиноятҳо вобаста ба зӯроварӣ дар оила дар соли 2022 бошад, коҳиш ёфтаанд, ки дар вобастагӣ бо ин, дар боло таҳлили ҷиноятҳои бартаридоштаи зӯроварӣ дар оила дар алоҳидагӣ нишон дода шудааст.

Сохтори ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила дар миқёси ҷумҳурӣ ва вобаста бо он дар минтақаҳои алоҳида низ таҳлил гардидааст.

Ҳамчун усули содир намудани ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта бошад, дар ҷиноятҳои бо аз ҳаёт маҳрум намудан алоқаманд, истифодаи корди хоҷагӣ, буғӣ намудани ҷабрдида, таъсири манфии рӯҳӣ расонидан ба ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила; дар дигар ҷиноятҳо, таъсиррасонии иқтисодӣ; зарарҳои гуногуни ҷисмонӣ расонидан ба ҷабрдида ва дар ҷиноятҳои хусусияти шаҳвонидошта бошад, аз оҷизии ҷабрдида истифода намудан бештар ба назар мерасад.

Оид ба минтақаи содир намудаи ҷиноятҳо дар самти мазкур бошад, мавқеи аввалиндараҷаро содирнамоии ин ҷиноятҳо дар ноҳияҳо ва дар ин раванд деҳаҳои ҷумҳурӣ ва баъдан зуҳури онҳо дар шаҳрҳо ишғол менамоянд. Дар солҳои 2020–2021 паталогияи ҷиноятӣ дар вобастагӣ бо зӯроварӣ дар оила бештар ба вилояти Суғд ва НТМ таъсир мерасонад. Дар водиҳои дигари ҷумҳурӣ ҷиноятҳои сабтгардида оид ба зӯроварӣ дар оила камтар мебошанд. Тавре дар боло қайд намудем, ин ҳолат (муроҷиат накардани занон ба мақомоти дахлдор) метавонад таъсири анъанавӣ, маҳаллӣ дошта бошад.

Ҷойи содир намудани ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оиларо (бе дарназардошти моддаи 177 КҶ ҶТ) манзили зисти аъзоёни оила ташкил медиҳад. Вақти содиршавии зуҳуроти мазкур бошад, асосан ба соати $12^{00}$ то $24^{\underline{00}}$ рост омада, эҳтимоли ками зуҳурёбии зӯроварӣ дар оила ба вақти субҳгоҳон, аз соати $6^{\underline{00}}$ то $12^{\underline{00}}$ муқаррар шудааст.

Оид ба зуҳурнамоии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, вобаста ба рӯзҳои ҳафта бошад, бо дарназардошти менталитети миллӣ–мантиқӣ, таҳлили криминологӣ гузаронида шуда, нишондиҳандаи рӯзи содирнамоии ҷиноякорӣ дар самти муносибатҳои оилавӣ ба ҳамаи рӯзҳо дар ҳафта баробар тақсим карда шудаанд.

## 2.2. Сабаб ва шароитҳои содир кардани ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нобаробарии гендерӣ то ҳол ҳамчун стереотипи манфӣ нисбати занон дар аксарияти давлатҳо боқӣ мондааст[189]. Пинҳоннамоии зуҳуроти зӯроварӣ аз ҷониби занон, дар вобастагӣ аз дарки умумии маҳалли зист, манотиқ, урфу одатҳо ва анъанаҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар мисоли шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила бошанд, яке аз сабабҳои истифодаи зӯроварӣ нисбати онҳо нобаробарии қувваҳо ва надонистани методҳои тарбияи солим аз ҷониби волидайн мебошанд. Дар ин раванд, бояд қайд намоем, ки сабабҳои пайдоиши зӯроварӣ дар оила гуногунанд. Онҳо аз ҷиҳати сатҳи таъсиррасонӣ ба омилҳои гунонгун ҷудо мешаванд. Ин омилҳоро дар алоҳидагӣ омӯхтан мумкин нест, зеро натиҷаи таъсиррасонии онҳо сабабҳои зӯроварӣ дар оиларо дар якҷоягӣ меомӯзонанд. Маҳз барои ҳамин, одатан, дар аввал, омилҳои зӯроварӣ дар оила ва, баъдан, дар алоқамандӣ бо ин, сабабҳои зӯроварӣ дар оила, дар маҷмуъ, омӯхта мешаванд[190]. Муҳаққиқон оид сабабҳои зуҳур намудани зӯроварӣ дар оиларо ба омилҳои гуногун рабт дода, нуқтаи назари худро пешниҳод намудаанд[191]. Аз натиҷаи омӯзиши сабабҳои содир намудани зӯроварӣ дар оила маълум мегардад, ки ин омилҳоро ба гуруҳҳои зерин ҷудо намудан имкон дорад:

– якум, зӯроварӣ метавонад, ки табиати иҷтимоӣ–фарҳангӣ дошта бошад.

– дуюм, муносибати бераҳмона метавонад натиҷаи таҷрибаи ҳаёти субъекти алоҳида ё субъектон дар якҷоягӣ бошад, ки баъдан ҳамчун одати муқаррарӣ аз насл ба насл мегузарад.

– сеюм, сабаби татбиқи зӯроварӣ дар оила алоқамандӣ дорад бо «осеби кӯдакӣ». Ба ибораи дигар, шахс дар айёми кӯдакӣ таҷрибаи манфиро аз сар

---

[189] Ниг.:Методологические основы проведения обследования фактов насилия в отношении женщин и детей. – С. 753; Социологическое исследование «Факторы формирования крепкой семьи и репродуктивного здоровья в Республике Узбекистан». ИСИ. ЮНФПА. 2015; Углубленное исследование Генерального секретаря ООН, посвященное насилию в отношении женщин [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://articlekz.com/article/20672 (санаи муроҷиат: 10.11.2021 с.).

[190] Ниг.: Харламов В.С. Теория и практика противодействия преступному насилию в семье (системное криминологическое и уголовно-правовое исследование): автореф. дис. ... д-ра юрид. наук – Санкт-Петербург, 2019. – 43 с.

[191] Ниг.: Баҳриддинов С.Э. Тавсифи криминологии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила / С.Э. Баҳриддинов /Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (маводи мизи мудаввар). – Душанбе, 2013. – С. 64-69; Назаров А.Қ., Ғафорова Ш.А. Сабабҳои криминологӣ ва психологии зӯроварӣ дар оила / А.Қ. Назаров, Ш.А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №6. – С. 211-217.

гузаронидааст ва дар натиҷа шахс қобилияти нисбати оилаи худ татбиқ намудани таҳқир ва ба ҳамин тариқа маҳв намудани комплексҳои кӯдакии худро пайдо менамояд.

– чорум, ҳолати номуносиби иҷтимоӣ ва рӯҳӣ. Ба инсон ангезаҳои беруна доимо таъсир мерасонанд ва ба ҳолати устувори шахс таъсир расонида, дар натиҷа, ба ин омилҳо шахс тоб наоварда, аз ҳисоби расонидани зарар ба нафарони заифтар қавигӣ ва қудрати худро исбот мекунад.

– гуруҳи панҷуми сабабҳои зӯроварӣ дар оила, бо хусусиятҳои шахсӣ алоқамандӣ доранд. Масалан, агар дар шахс хусусияти бартарии хос мавҷуд бошад ва ё инсон майл ба нишон додани қувва ва қудрати худро дошта бошад [192].

– дигар омили зӯроварӣ дар оила, ин надоштани маълумоти мукаммал дар бораи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби субъектон мебошад, ки барои бартараф намудани ин мушкилот нақши асосиро васоити ахбори омма (аз қабили телевизион, сомонаҳои интернетӣ, радио ва ғ.) мебозад. Мутаассифона, тақрибан дар ҳама давлатҳои ИДМ ва дар ин замина дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши васоити ахбори омма хеле паст аст. Дар баробари ин, нақши сиёсатмадорону фаъолони ҷамъиятӣ дар инъикоси оммавии мушкилоти зӯроварӣ нисбати занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила, дар аксарияти кишварҳо хеле паст арзёбӣ мегардад. Ба ғайр аз ин, васоити ахбори оммаи баъзе давлатҳои Осиёи Марказӣ бевосита урфу одатҳои анъанавиеро, ки мавқеи занони «шарқӣ»–ро дар оила тибқи урфу одатҳои миллӣ қатъиян танзим менамоянд, муболиға мекунанд. Гарчанде ки воситаҳои ахбори омма метавонад чун манбаи усулу равишҳои комилан дигар ё худ усулу равишҳои навоварона ба мушкилоти пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҷомеа хидмат намояд, меъёрҳои қонунӣ ва риояи онҳо аз ҷониби шаҳрвандон ва

[192] Ниг.: Андреева, А.А. Насилие в семье как социальная проблема современного общества: непосредственный / А.А. Андреева // Актуальные вопросы современной педагогики: материалы VI Междунар. науч. конф. (г. Уфа, март 2015 г.). – Уфа: Лето, 2015. – С. 1-3 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://moluch.ru/conf/ped/archive/148/7436/ (санаи муроҷиат: 17.03.2022).

махсусан субъектони оилавӣ низ нақши аввалиндарача доранд.

Ҳамин тавр, далелҳои дар боло овардашуда аз тамоюли афзояндаи криминализатсияи оила шаҳодат медиҳанд, ки дар он чунин омилҳои криминогенӣ, аз қабили рафтори зиддиҷамъиятӣ, майзадагӣ ва нашъамандӣ ба меъёри рафтор мубаддал мегарданд, яъне афзоиши зӯроварӣ дар оила бо вайрон гардидани пояи амнияти ҷомеа, дар маҷмуъ, бевосита алоқаманд аст. Омили муҳим он аст, ки шумораи зиёди ҷабрдидагон аз зӯроварӣ дар оила ин занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила мебошанд, ки чунин зӯроварӣ бароящон қисми таркибии зӯроварии иҷтимоии васеъ паҳн гардидаест, ки тибқи баъзе урфу одатҳои патриархалӣ нигоҳ дошта шуда, дастгирӣ карда мешавад. Маҳз фарҳанги патриархалӣ тавассути сарчашмаҳои гуногун зӯроварӣро нисбати занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила, ҳамчун низоми тобеият ва террор нигоҳ дошта, «вирус»–и онро аз насл ба насл мегузаронад. Дигаргунии амиқ дар сатҳи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, меъёру арзишҳои фарҳангӣ қодир аст чунин вазъияти зӯроварии ҷиноятии дар давоми асрҳои тӯлонӣ мустаҳкам гардидаро нисбати занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила тағйир диҳад. Ба гурӯҳи дигари омилҳои зӯроварӣ дар оила нисбати ноболиғон[193] деформатсияи шуури ахлоқӣ дар самти муносибатҳои оилавӣ, дар муносибатҳои шахсӣ дохил мегарданд. Ҳамзамон, ба сабабҳои мазкур деформатсияи дарки меъёрҳои ҳуқуқиро низ ворид намудан мумкин аст, ки дар инфантилизми ҳуқуқӣ, нигилизм ё таназзули шуури ҳуқуқӣ зоҳир мешаванд. Дар асоси деформатсия, ҳамзамон деформатсияи худбаҳодиҳӣ, ангезаи хашмгинонаи зӯроварона ташаккул ёфта, сабаби рафтори мушаххаси ҷиноятҷорона мегардад. Сабабҳои зикршуда омодагии субъектонро ба рафтори хашмгинона инкишоф дода, дар ҳолати мушаххас, бо рафтори зӯроварона посух додан, ба онҳо имконият фароҳам меоранд. Ин ҳолатҳо метавонанд ҳамчун ҳолати рафтори манфии доимӣ ва

[193] Ниг.:Назаров, А.Қ. Омилҳои криминологии зӯроварӣ нисбати ноболиғон дар оила / А.Қ. Назаров, Ш.А. Ғафорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №3-2. – С. 210-216.

маъмулӣ амалӣ карда шаванд. Тавассути зуҳури зӯроварӣ субъект қувва ва қудрати худро нисбат ба ҷабрдида нишон дода, онро ҳамчун усули идора кардани аъзоёни оила, таълиму тарбия додан ва ҷазодиҳӣ, қонеъгардонии хостаҳои зиддиҷамъиятӣ, барои нест кардани хашму ғазаби худ, ки дар натиҷаи мушкилиҳои зиндагӣ ё бо омилҳои дигар пайдо гардидаанд, бо мақсади худэътирофнамоӣ аз ҳисоби муҳити атроф истифода мебарад. Дар якҷоягӣ ин омилҳо тафаккуреро ташкил медиҳанд, ки дар он зуҳури зӯроварӣ дар ҳолатҳои мушаххас иҷозат дода мешавад. Ҳар як ҷинояткор бо маҷмуи хусусиятҳои эътиқодӣ, шуури муносибати ғайриҷамъиятии ба худ хосро дорад, ки дар асоси онҳо ангезаи криминогенӣ ташаккул меёбад.

Нақши инкишофёбии вазъияти криминогенӣ дар оила бевосита аз тағйирпазирии рафтори тарафҳои мунокиша вобастагӣ дорад. Омили асосие, ки ба ин раванд таъсир мерасонад, ин ноумедӣ мебошад. Яъне ҳолатест, ки ҷабрдида роҳи баромадан аз вазъияти бухрониро намебинад. Ин ҳолат сабаби рафтори ғайрифаъол ё хашмгини ҷабрдида мегардад. Дар алоқамандӣ бо ин, зарур аст, бо мақсади расонидани кумаки иҷтимоӣ ё ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони эҳтимолӣ ё воқеии зӯроварӣ дар қонунгузорӣ чунин маҷмуи чораҳое пешниҳод ва амалӣ гарданд, ки ба безарар гардонидани хусусияти ноумедкунандаи ҳолати мавҷуда нигаронида шуда бошад: таъмин намудани ҷабрдидагон бо сарпаноҳ, кумак ё дастгирии рӯҳӣ, муайян намудани маҳдудиятҳои дифиренсиалии ҳуқуқӣ барои зӯровар ва ғайра. Омили пешбарандаи муайяннамоии ҷиноятҳо ба муқобили занонро маҷмуи зиддиятҳои воқеии иҷтимоӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Нобаробарии воқеии иҷтимоии занон на танҳо асоси иқтисодӣ (таъбиз ҳангоми ба кор қабул намудан, иҷозат надодани зан барои ба кор баромадан ва ғайраҳо), балки заминаи иҷтимоӣ–рӯҳӣ (барқарорнамоии муносибатҳои патриархалӣ (падаршоҳӣ) дар шуури ҷомеа ва эҳёи ақидаҳои асрҳои миёнагӣ нисбати занон, ҳамчун объекти ҳокимияти волидайнӣ дар муносибатҳои оилавӣ) низ дорад. Бояд гуфт, ки омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ–рӯҳӣ

ҳамдиггарро такмил медиҳанд. Онҳо саҳми худро дар ҷинояткорӣ бар муқобили занон гузошта, ҳамзамон, ҳамчун ҳолати табдилёбанда ба ҷинояткор ва ҷабрдида (қурбонӣ) баромад мекунанд.

Таҳлили ҳолати криминологии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила вобастагии бевоситаи таҷовузи дохилиоилавиро аз таъсири объективии шароити иҷтимоӣ–иқтисодӣ нишон медиҳад. Дар чунин ҳолатҳо зиддиятҳо байни нақшҳои иҷтимоии шахсон, хусусиятҳои махсуси рӯҳии шахсони алоҳида ва ҳолатҳои объективии таъсиррасонӣ нисбати онҳо ба вуҷуд меоянд. Шароити номусоиди иҷтимоӣ–иқтисодӣ ба давлатҳо ва баъдан ба кирдорҳои ҷинояткоронаи зӯроварони оилавӣ таъсир мерасонад. Таҳқиқоти иҷтимоии гузаронидашуда ба мо имкон медиҳанд, ки ҳамчун омилҳои асосии зӯроварӣ дар оиларо чунин нишон диҳем: шароити бади иқтисодӣ дар оилаҳо; муҳити номусоид; мушкилоти рӯзгордорӣ; кӯшиши як узви оила барои тобеи худ намудани дигар аъзоёни оила; фишори равонӣ; асабонияти тӯлонӣ бо сабаби наёфтани ҷойи кор; хиёнати яке аз ҳамсарон; расму ойини патриархалӣ (падаршоҳӣ) дар ҷомеа, майнӯшӣ ва ғ. Ин омилҳо сабаби ноороммии оилаҳо, вайроншавии мавқеи нақши аъзоён дар оила, таъмини заминаи низоъҳои оилавӣ ва, дар умум, ихтилофоти муносибатҳои оилавӣ мегарданд.

Тавре мушоҳида намудем, сабабҳои зӯроварӣ дар оила гуногунанд. Онҳо бо омилҳои гуногун омезиш ёфтаанд, ки ба ҳеҷ кадомашон уҳдадориро дар алоҳидагӣ вогузор кардан мумкин нест[194]. Дар умум сабабҳои зӯровариро дар оила ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

– дохилиоилавӣ, ки дар муносибатҳои худи оила, аз ҷумла муносибатҳои маҳрамона ба вуҷуд омадааст;

– иҷтимоӣ, яъне норозигӣ, таҳқир ва нокомиҳое, ки берун аз оила рӯх медиҳанд, аммо субъект зӯровариро дар муҳити оилавӣ раво мебинад ва ё нисбати ягон узви оила зӯровариро татбиқ намуда, ҳолати рӯҳии худро таскин медиҳад;

[194] Ниг.: Ахмедов Н. Некоторие проблемы и причины насилия в семье // Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (маводи мизи муддавар). – Душанбе: 2013. – 178 с.

– иқтисодӣ, ки аз сабабҳои сатҳи пасти моддӣ дар оила ва шароити бади зиндагӣ ва ғайра сар мезананд;

– беморӣ, ки дар натиҷаи касалиҳои вазнин, хусусан музминӣ, аз ҷумла равонӣ ва маъюбии як ё якчанд аъзои оила сар мезананд;

– инфиродӣ, ки бо хусусиятҳои ахлоқии аъзои муайяни оила ва ё ҳолати равонии ӯ вобастагӣ доранд.

Мо ин ҷо ҳар як гуруҳи номбурдаро алоҳида мавриди омӯзиш қарор надодаем. Сабабҳои номбаршуда метавонанд муноқиша ва зиддиятҳоро дар оила ба вуҷуд оваранд, ки дар навбати худ, боиси кирдори ҷиноятӣ мегарданд. Ҳангоми ҷустӯҷуи сабабҳои зӯроварӣ дар оила на танҳо бояд ба вазъияти объективии зикргардида, балки ба дарки субъективии он аз ҷониби субъектон ва ҳолати рӯҳии ҷинояткор (зӯровар) диққати махсус зоҳир карда шавад. Танҳо дар ин сурат имконпазир аст, ки ангезаҳои воқеии рафтори шахс (пеш аз ҳама ҷинояткор) дар шароити мавҷуда муқаррар карда шавад. Ин вазифаи душворест, ки ҳамеша бо муносибатҳои печидаи оилавӣ ва мушкилоти дарки онҳо равона шудааст. Сабабҳои зикргардида, сарчашмаи асосии проблемаҳои криминологӣ ва психологии зӯроварӣ дар оила буда метавонад.

Дар ҷомеаи Тоҷикистон қишри асосии аҳолиро нафароне ташкил медиҳанд, ки кори доимӣ ва даромади кофиро доро нестанд. Солҳои охир аксарият таъминкунандагони оилаҳои тоҷик дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, ки ин ба тарбияи фарзандон ва ҳолати рӯҳии онҳо бетаъсир буда наметавонад. Барои исботи ин гуфтаҳо менигарем ба ҷадвали №5, ки қувваҳои кории истифоданашударо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то моҳи августи 2016 сол, тибқи таҳлилҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишон медиҳад[195].

**Ҷадвали №5; Қувваҳои кории истифоданашуда, ТҚК – 2016**

[195] Ниг.: Вазъи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҳисоботи таҳлилӣ, аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти қувваҳои корӣ, ки аз 20 июл то 20 августи соли 2016 гузаронида шуда буд, омода карда шудааст). – Душанбе, 2017. – 212 с. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http.//stat.www.tj (санаи муроҷиат: 10.06.2021).

Шароити пасти иқтисодӣ дар оила ва дур мондан аз тарбия оянда

| Қувваҳои кории истифода нашуда | Ҳамагӣ | Занҳо | Мардҳо |
|---|---|---|---|
| Бекорон | 155758 | 106578 | 49180 |
| Қувваҳои кории эҳтимолӣ | 94985 | 50572 | 44413 |
| Шуғли нопурра | 34984 | 29868 | 5086 |

аксарияти онҳоро ба ҷинояткор мубаддал мекунад. Ба ибораи дигар, ин қишри ҷомеаро нафароне ташкил медиҳанд, ки даромади кофӣ барои рӯзгор надоранд ва ба омилҳои таъмини иқтисодии хонавода ба ҷинояткорӣ даст мезананд. Дар чунин оилаҳо зӯроварии оилавӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иҷтимоӣ бештар рӯх медиҳад ва занони бо хушунат гирифторшуда лату кӯби шавҳарро ва ё дигар узви хонаводаро, ки таъмини оила бар ӯҳдаи ӯст, таҳаммул намуда, ба ягон мақомот шикоят намекунанд. Зеро аз он метарсанд, ки «саробон»–и худро аз даст медиҳанд ва ё забонзадаи мардум мегарданд. Чӣ тавре ки олими тоҷик Шарипов С.С. қайд менамояд, тибқи таҳлилҳо дар баъзе минтақаҳо то 40%–и кӯдакон дар оилаҳои камбизоат умр ба сар мебаранд. Вазъияти мушкилии иқтисодӣ ва рӯҳӣ дар чунин оилаҳо барои ба вуҷуд омадани вазъияти мунокишавӣ дар миёни волидайн ва фарзандон, байни худи волидайн мусоидат мекунанд, ки дар натиҷа на танҳо ба вайрон гардидани оилаҳо, балки ба амал омадани ҳолати криминогенӣ, бераҳмӣ ва зӯрӣ дар муносибат бо наздикон ва аҳлу оила оварда мерасонад. Албата, ин навъи зӯроварӣ дар байни ашхоси мансуб ба табақаи миёна ва оилаҳои сарватманд низ дида мешаванд, аммо миқёси онҳо дар оилаҳо камбизоат зиёдтаранд.

Зикр бояд кард, ки танҳо таҳлили сотсиологӣ барои бартараф намудани проблемаҳои оилавӣ басанда нест. Ин мушкилот ҳамчунин бояд дар доираи ҷанбаҳои фарҳангӣ ва психологӣ ба таври кофӣ таҳқиқ карда шавад. Тадқиқоти фарҳангӣ баррасии ниҳоии мансубияти фарҳангии як ҷомеаро пешбинӣ мекунад. Масалан, мақоми иҷтимоии занон, кӯдакон, пиронсолон дар фарҳангҳои гуногун мухталифанд. Агар мо ба дастурҳои динӣ такя намоем, пас мо метавонем фарҳангҳои исломӣ ва ғайраро дар муносибатҳои

хонаводагӣ фарқ кунем. Аммо дар назаргии мақомҳои зикршуда дар доираи фарҳанги миллӣ низ муҳиманд. Барои мисол, аз нигоҳи фарҳангӣ метавон гуфт, ки мақоми зан дар аксарияти давлатҳои Ғарб баланд аст. Аммо, дар давлатҳои Осиё ва дигар кишварҳои посдорандаи анъанаҳо зан – модар баробари гузашти синну сол мақоми баландро дар муҳити оилавӣ соҳиб мегардад.

Дар кишвари мо мавҷуд будани зӯроварӣ дар оила ҳамчун мушкилоти мушаххас маънои ғайриимкон будани ҳалли онро надорад, муноқишаҳои оилавӣ як самти ҳалталаби мушкилоти ҷамиятӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳоли рушд қарор доранд. Манбаи муҳими ташаккули сабабҳои зӯроварӣ, алалхусус дар оила, тарбияи оилавӣ мебошад. Оила асоси инкишофи ҳолати рӯҳӣ ва эмотсионалии шахсро ташкил медиҳад ва дар баробари ин сарчашмаи асосии ҳолати манфии инсон мебошад. Оила дар ташаккули шахсияти кӯдак нақши марказиро мебозад[196]. Яъне, насли наврас чунин сифатҳоро аз қабили хайрхоҳӣ, мустақилиятнокӣ, ташаббускорӣ, қобилияти ҳалли низоъӣ ва ғайраро маҳз аз оила меомӯзад. Баръакс, чӣ қадаре, ки кӯдак меҳрубонӣ ва ғамхорӣ набинад, ҳамон қадар сусттар ҳамчун шахсият ташаккул меёбад. Ҳатто таваҷҷуҳи нокифоя, басомади пасти муошират байни волидон ва фарзандон бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла сабабҳои объективӣ, аксар вақт «гуруснагии эмотсионалӣ», рушд накардани руҳияи қавиро ба вуҷуд меорад. Тавре ки таҳқиқоти таҷрибавии мо нишон дод, таъсиррасонии манфии рӯҳии ба кӯдакон дар хурдсолӣ расонидашуда, ба умқи равонӣ «рафта» дар он ҷо мавҷудияти худмухторро сар кардан мегиранд. Онҳо метавонанд ҳатто дар шароити мусоиди зиндагӣ тағйир наёбанд ва ногаҳон дар амалҳои харобиовар ва ҳатто хело бераҳмона пайдо шаванд. Дар мардҳо хуруҷҳои хашмгин одатан ҳангоми истеъмоли моводҳои мадҳушкунанда, вақте ки онҳо худро дуруст назорат карда наметавонанд, рӯх медиҳанд. Агар дар ин ҳолат кӯдакон ва наврасон мавриди таҷовузи онҳо қарор гиранд, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки

[196] Ниг.: Чемурзиева М.М. Эмоциональная привязенность ребенка к матери / Психологическое науки. – С. 39-43 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru (санаи муроҷиат: 10.06.2021).

онҳо дар сатҳи психологӣ мехоҳанд бо ҳамла ба ин қурбониҳо «худкӯшӣ» анҷом диҳанд ва ба ин васила кӯшиш кунанд, ки таассуроти кӯдакӣ ё наврасии худро пок созанд. Дар ҳолатҳои дигар, онҳо ба занон, ҳамла мекунанд, ва дар ин ҳолат чунин ҷинояткорон гумон мекунанд, ки ин таҷовуз ба нафарест, ки нисбати ӯ дар хурди зӯроварӣро раво дониста буд, ин ҳам бошад, дар сатҳи равонӣ. Набудани алоқа байни фарзандон бо падар ва модари ӯ ба оқибатҳои манфӣ оварда мерасонад ва ин метавонад бо сабабҳои узрнок, ба монанди сарбории корӣ, сафари кории дарозмуддат, бемориҳои музмин ва ғайра ба миён ояд.

Бегонашавии равонии кӯдак аз волидайни худ мушкилоти асосӣ барои ташаккули шахсияти зӯровар нест. Аксар вақт ин ба тариқи дигар рӯх медиҳад: кӯдак ва наврас бо волидони худ робитаҳои зарурии эмотсионалӣ доранд, аммо маҳз волидайн ба онҳо муносибатҳои бадбинона, нисбат ба онҳо кирдорҳои зиддиахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин намунаҳои рафтори ғайриқонуниро нишон медиҳанд. Масалан, онҳо доимо менӯшанд, сигор мекашанд, амалҳои авбошона нишон медиҳанд, зӯровариро нисбати якдигар раво мебинанд. Гуфтан ба маврид аст, ки тарбияи нодуруст дар оила метавонад боиси зӯроварӣ нисбати як оила ва ё оилаҳои дигар гардад, ки дертар бунёд меёбанд. Яъне нафароне, ки дар хурди шоҳиди муносибатҳои зӯроварона дар оила буданд, аксарият ба таври автоматӣ чунин кирдорҳоро қоллабчинӣ менамоянд. Набояд ба он роҳ дод, ки таҳти ҳукмронии анъанавӣ зан дар оила, доимо маҷбуран дар таҳти итоати мард қарор гирад ва дар ҳолатҳои зарурӣ зӯровариро аз ҷониби мард таҳаммул намояд[197].

Яке аз сабабҳои асосии содирнамоии ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон низ, ин носолимии оила мебошад[198]. Бо сабаби дур гаштан аз проблемаҳои дохилиоилавӣ ноболиғон бо гуруҳҳои гуногуни дигар алоқамандӣ пайдо

[197] Ниг.: Зуҳуроти зӯроварӣ дар оила, тавассути саволу ҷавоб (маълумотномаи мухтасар). – Душанбе, 2019. – 32 с.

[198] Ниг.: Умаров Х.А., Маҳинаи Н. Семейное неблагополучие как детерминант преступности несовершеннолетних // Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (маводи мизи муддавар). – Душанбе, 2013. – 178 с.

менамоянд, ки муҳити мавҷудбуда ба онҳо бетаъсир буда наметавонад. Аз ин рӯ, онҳо арзишҳо ва самтҳои зӯровариро ҳамчун роҳи ҳалли вазъият ё шакли маъмулии рафтор дарк мекунанд. Ҷинояткороне мавҷуданд, ки бар муқобили аъзои оилаи худ ҷиноятҳои бераҳмона содир намудаанд, ки амалашон шарҳи хело возеҳ, ҳатто баъзан вақт асосҳои мантиқан даркшаванда доранд. Дар ин ҷо на танҳо аз ҳаёт маҳрум кардани шахс, балки кӯшиши нобуд кардани ҷабрдида дар сатҳи равонӣ мавқеи махсус дорад. Чуноне маълум аст, кӯдак бештар аз ҳама дар даврони кӯдакӣ, яъне дар даврони нотавонии худ ба ҳимоя, ғамхорӣ ва муҳаббат ниёз дорад. Агар чунин муносибати волидайн вуҷуд надошта бошад, дар кӯдак эътимод ба ҳуқуқи мавҷудияти худ, худшиносии худ, мустақилияти «ман» ба «ғайри ман» ва аз ҳама муҳим ҳиссиёти таъминоти амният аз байн меравад. Маҳз ҳамин тарс зӯровариро ба вуҷуд меорад, зерро субъект бо ин дигаронро нобуд карда, ба ин васила дар худ тарси маргро фурӯ мешинонад. Бо зӯроварӣ онҳо кӯшиш мекунанд, ки ин тарсро бартараф намоянд, беамнии худ ва изтироби баландро дар худ коҳиш диҳанд ва ба ин восита гӯё маргро аз худ дур созанд. Муносибатҳои дағалона дар оила ва зӯроварӣ байни аъзои он метавонад зарурати тасдиқи қудрати тақсимшавандаи аъзоёни онро ба вуҷуд оварад. Бори дигар таъкид кардан зарур аст, ки пайдоиши чунин тарсу ҳарос аз кӯдакии барвақт аз муносибатҳои ғайримуқаррарӣ маншаъ гирифта, аз табиати муносибати байни волидайн бо фарзандон асос мегирад. Дар ин ҳолат фарзанд беамалиро эҳсос карда, барои мавҷудияти биологӣ ва дар ҳамин пайдарҳамӣ мавҷудияти иҷтимоии худ эҳсоси парешонҳолӣ ва нобоварӣ мекунад. Алоқаи байни модар ва кӯдак гуногуншакл мебошад. Тифли навтаваллуд модарро ҳамчун объекти барояш ягона ва наздик қабул менамояд. Ӯ баъдтар ба дарк кардани падари худ шурӯъ мекунад, ки ин ҳам бошад, дар заминаи дилбастагии падар нисбат ба модар сурат мегирад. Аз ин рӯ, ҳама асосҳои кофӣ мавҷуданд, ки робита миёни онҳо бояд мустаҳакам бошад, аммо волидайн метавонанд онро канда, дар кӯдак ноумедӣ ба вуҷуд оваранд, ки асари он то ба охири умр боқӣ мемонанд.

Шакли дигари зӯровари дар оила ин зуровари нисбати ноболиғон мебошад, ки сабаб ва шароитҳои содиршавии онҳоро мебояд дар алоҳидаги таҳқиқ кард.

Ҳангоми таҳлили муносибатҳои зӯроварона нисбати ноболиғон дар оила муайян намудани сабабҳои пайдошавӣ ва инкишофи ин падида дар муҳити оилавӣ нақши муҳим мебозад. Сабабҳои пайдо гардидани зӯроварӣ нисбати ноболиғонро олимони зерин мавриди таҳлил қарор додаанд: С.С. Шарипов, К.Д. Зарубина, В.М. Волошин, М.В. Смагина[199]. ва ғайраҳо. Ақидаҳои пешниҳодгардида оид ба сабабҳои зӯроварӣ нисбати ноболиғон гуногунанд. Дар баробари ин таҳлили адабиётҳои илмӣ ба мо имкон медиҳанд, ки сабабҳои умумии зӯроварӣ нисбати ноболиғонро пешниҳод намоем:

– анъанвӣ, иҷтимоӣ–фарҳангӣ, яъне зӯроварӣ ҳамчун одати оилавӣ боқӣ мондааст (Волидайн бо принсипҳое, ки дар оилаҳои онҳо буд, фарзандонашонро тарбият менамоянд). Масалан, зӯроварии ҷисмонӣ нисбати кӯдаконро бо мақсади тарбия дуруст меҳисобанд;

– таъсири омилҳои иҷтимоӣ дар оила, шароити пасти иқтисодӣ, набудани маводи ғизоӣ, вазъи бади саломатии волидайн ва ё дигар нафарони ба онҳо баробаркардашуда, ки ҳолатҳои пайдошавии стрессро дар муҳити оилавӣ зиёд мегардонад;

– истифодаи нӯшокиҳои спиртӣ, маводи мухаддир ва психотропӣ аз ҷониби волидайн;

– зӯроварӣ ҳамчун натиҷаи манфии зиндагии модар ё падар. Ин ҳолат метавонад бо зӯроварии дар давоми кӯдакӣ дучоргштаи яке аз волидайн алоқаманд бошад;

[199] Ниг.: Волошин В.М. Уголовная ответственность за неисполнение обязанностей по воспитанию несовершеннолетнего: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2002. – 17 с.; Зарубина К.Д. Социальное неблагопалучие и насилие в семье (криминологическое исследованние): дис. ... кан. юрид. наук. – Москва, 2013. – 210 с.; Смагина М.В. Насилие над детьми в семье как социокультурное явления современной России: автореф. дис. ... канд. сот. наук. – Ставрополь, 2006. – 168 с.

– вуҷуд надоштани якдигарфаҳмӣ байни падару модар ва кӯдак дар муносибатҳои оилавӣ[200].

Сабаби дигари раво донистани зӯроварӣ нисбати кӯдак, дар он аст, ки фарзанд дар натиҷаи таҷовуз таваллуд шуда бошад.

Омилҳои зикргардида характери умумииҷтимоӣ дошта, дар раванди таҳлили зӯроварии нисбати ноболиғон содиргардида ва роҳҳои ошкорнамоии он мусоидат менамоянд. Сари вақт ошкор намудани ҳолатҳои муносибати зӯроварона нисбати ноболиғон ва ба кӯдакон таъмин намудани кӯмаки комплексӣ, зарари ба саломатӣ ва инкишофи онҳо расонидашударо кам карда, ба пешгирии ятимӣ ва бекасии иҷтимоӣ ва худкушӣ дар байни ноболиғон мусоидат менамояд. Мутаассифона, аксари ҳолатҳои зӯроварии оилавӣ хусусияти латентӣ доранд, ки ҳам кӯдакон ва ҳам калонсолон аз гуфтан оиди он худдорӣ менамоянд, на ҳамеша иқрор мешаванд, ки нисбати онҳо зӯроварӣ тадбиқ гардидааст. Ин раванд проблемаи асосии сабабҳои зуҳуршавии зӯроварӣ нисбати ноболиғон ба ҳисоб меравад. Вақте ки оиди зӯроварии оилавӣ нисбати ноболиғон дар оилаҳои тоҷик сухан меронем, чанд сабабро номбар кардан мумкин аст, ки ин падидаи манфиро ба вуҷуд меоранд. Дар ҷои аввал оилаҳои носолим қарор доранд. Дар чунин оилаҳо бисёртар зӯроварии ҷисмонӣ нисбати кӯдакон мушоҳида намуда мешавад. Чӣ тавре маълум аст, вазифаи асосии оила– ин ташаккули принсипҳои инсондӯсӣ ва ахлоқӣ дар кӯдак мебошад. Тарбияи ноболиғон бо таъсири якчанд инстутҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд, ки оила нисбатан нақши махсуси худро иҷро менамояд[201]. Мутаасифона кам нестанд нафароне, ки расонидани зарари ҷисмониро нисбати кӯдакон бо мақсади «тарбия» дуруст мешуморанд. Инчунин ба ин гуруҳ шомил намудан мумкин аст оилаҳоеро, ки шароити иқтисодиашон паст аст. Қонеъ набудан аз вазъи молӣ ва шароити зист асабониятро ба вуҷуд меоварад, маҳз аз кӯдак интиқоми онро мегиранд ва ин низ яке аз сабабҳои

[200] Ниг.: Жестокое обращение с детьми: причины и последствия. Правовая защита детей от жестокого обращения» (информационно-методическое пособие). – Красноярск, 2019. – 91 с.
[201] Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (Маводи мизи муддавар) / Зери таҳрири умумии Шарипов Т.Ш. – Душанбе, 2013. – 178 с.

муносибати зӯроварона нисбати кӯдак шуда метавонад. Дараҷаи пасти маърифат ва фарҳанг – ин низ омили хавфи зӯроварӣ кардан нисбати кӯдакон мебошад. Оқибатҳои зӯроварии оилавӣ нисбати ноболиғон ба инкишофи шахсияти кӯдак таъсири манфӣ мерасонад. Кӯдаконе ки зӯроварии оилавиро аз сар гузаронидаанд, аксари вақт, дар оянда чунин муносибатро нисбати аъзои оилаи худ раво мебинанд. Бисёриҳо зӯровариро меъёри муътадили муносибатҳои оилавӣ мешуморанд. Кӯдаке ки зӯроварии оилавиро аз сар гузаронидааст, бисёртар аз ҷиҳати инкишофи равонӣ ва ҷисмонӣ шахси нокомил ба воя мерасад. Проблемаи дигаре, ки дар ҷомеа вуҷуд дорад ин ҷудонамоии гендерӣ мебошад. Ин раванд дар баробари вуҷуд доштанаш дар муносибатҳои ҳамсарӣ, нисбати фарзандони оила низ дар аксарияти оилаҳо тадбиқ мегардад. Дар ҷомеаи имрӯза бо вуҷуди дигаргуншавии ақидаҳои субъектони оилавӣ, то ҳол нафарони зиёд ҳастанд ки дар масъали тарбия ва инкишофи фарзандон байни онҳо фарқиятгузорӣ менамояд. Вобаста ба ин дар масъалаи тарбия ва тадбиқи зӯроварӣ нисбати кӯдак, дар оила ба кадом ҷинс таъалуқ доштани он аҳамияти хос дорад. Писарон бисёртар ба зӯроварии ҷисмонӣ гирифтор мегарданд дар ҳоле, ки ба духтарон хатари кушта шудан ва ё зуроварии рӯҳӣ расонридан бисёртар таҳдид менамояд. Инчунин тадқиқотҳо муайян намудаанд, ки духтарон нисбат ба писарон 1,5–3 маротиба зиёдтар ба зӯроварии шаҳвонӣ дучор мегарданд[202]. Оиди зӯроварии ҷинсӣ нисбати ноболиғон бошад – ин аксари вақт аз ҷониби хешовандони наздик ё шиносони худи ноболиғон, дар ҳолатҳои хеле кам аз ҷониби занон, анҷом дода мешавад. Ин ба он сабаб мегардад, ки дар оянда кӯдакон ба фоҳишагӣ, педофилия ва дигар ҷиноятҳои шаҳвониро содир намоянд. Бояд қайд намуд, ки ҳолатҳои зӯроварии оилавӣ нисбати ноболиғон на танҳо дар оилаҳои камбизоат мушоҳида мешаванд. Инчунин дар оилаҳое, ки шароити хуби иқтисодӣ доранд, ҳолатҳои зӯроварӣ мушоҳида мешаванд, аз қабили зӯроварии ҷисмонӣ ва ҳам равонӣ ва инчунин беэътиноӣ мебошад.

[202] Ниг.: https://www.who.int Глава 3. Жестокое обращение с детьми и отсутствие заботы со стороны родителей и других воспитателей. – С. 70 (санаи муроҷиат 16.08.2021).

Аз сабаби хосияти пинҳонӣ доштани муносибатҳои мазкур нисбати ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳои содиргардида, ба даст овардани маълумоти омории ҳақиқӣ ғайриимкон мебошад. Танҳо дар соли 2019– 76 ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ доир ба риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила, ва 2860 ҳолатҳои риоя нагардидани масъулияти волидайн аз ҷониби модар ё дигар намояндагони қонунии ноболиғ доир ба тарбия ва таълими ноболиғон дар мурофиаҳои судӣ баррасӣ намуда шудаанд[203]. Дар ин раванд, дар аксарияти ҳолатҳо аъзоёни калонсоли оила на танҳо бо рафтор ва тарзи зиндагии худ ба кӯдакон намунаи манфӣ нишон медиҳанд. Ҳамчунин, онҳоро дар содир намудани кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ ва дуздӣ ташвиқ менамоянд, кӯдаконро барои ворид гардидан ба маконҳои истиқоматӣ ва ҳамчун интиқолдиҳандаи контрабанда истифода мебаранд[204]. Ин ҳолат таҳлили ҳамаҷонибаи зӯровариро нисбати ноболиғон дар оила талаб менамояд. Барои коҳиш додани истифодаи ноболиғон ба сифати «қонеъкунандагони хостаҳои волидайн» пеш аз ҳама корҳои ислоҳотиро бо волидайн ва дигар шахсони ба онҳо баробаркардашуда гузаронидан лозим аст. Зеро бо вуҷуди меъёрҳои қонунии қабулгардида, иҷро нашудани онҳо маҳз аз ҷониби волидайн бештар ба назар мерасанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба сабабҳои криминалогии содиршавии ҷинояти зӯроварӣ дар оила имконияти пешниҳодҳои зеринро медиҳад:

1) Ҳангоми омӯзиши сабабҳои содир намудани зӯроварӣ дар оила маълум мегардад, ки ин омилҳоро ба гуруҳҳои зерин ҷудо намудан имкон дорад:

– табиати иҷтимоӣ–фарҳангӣ доштани зӯроварӣ;

– муносибати бераҳмона натиҷаи таҷрибаи ҳаёти субъекти алоҳида ё субъектон дар якҷоягӣ бошад, ҳамчун одати муқаррарӣ аз насл ба насл мегузарад;

---

203 Ниг.: Мониторинг реализации государственной программы по предупреждению насилия в семье в республике Таджикистан на 2014-2023 годы. – Душанбе, 2020. – 126 с.

204 Ниг.: Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (Маводи мизи муддавар) / Зери таҳрири умумии Шарипов Т.Ш. – Душанбе, 2013. – 178 с.

– бо «осеби кӯдакӣ»; алоқамандӣ доштани сабаби татбиқи зӯроварӣ дар оила;

– ҳолати номуносиби иҷтимоӣ ва рӯҳӣ;

– хусусиятҳои шахсӣ доштани сабабҳои зӯроварӣ дар оила;

– надоштани маълумоти мукаммал дар бораи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби субъектон мебошад.

2) Сабабҳои хусусии зӯровариро дар оила ба гуруҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

– дохилиоилавӣ; иҷтимоӣ; иқтисодӣ; беморӣ; инфиродӣ.

3) Дар баробари ин таҳлили адабиётҳои илмӣ ба мо имкон медиҳанд, ки сабабҳои умумии зӯроварӣ нисбати ноболиғонро пешниҳод намоем:

– анъанвӣ, иҷтимоӣ–фарҳангӣ; таъсири омилҳои иҷтимоӣ дар оила, шароити пасти иқтисодӣ, набудани маводи ғизоӣ, вазъи бади саломатии волидайн; истифодаи нӯшокиҳои спиртӣ, маводи мухаддир ва психотропӣ аз ҷониби волидайн; зӯроварӣ ҳамчун натиҷаи манфии зиндагии модар ё падар.

### 2.3. Чораҳои умумикриминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила

Дар пешгирии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила чораҳои умумикриминологии татбиқшаванда, ки ба рафъи омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила мусоидат мекунанд, аҳаммияти ҳалкунанда доранд. Барои исботи гуфтаҳои боло, зикр намудан бамаврид аст, ки ба криминологҳо, ҷомеашиносон ва дигар мутахассисон дар самти сохтори давлатӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, маълум аст, ки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бар зидди кирдорҳои ҳуқуқвайронкунанда ин танҳо як самти асосии амалигардонии сиёсати давлатӣ бар зидди амалҳои номатлуб мебошад[205]. Дар самти пешгирии ҷинояткорӣ чораҳои умумииқтисодию иҷтимоие, ки имконияти баланд

[205] Ниг.: Закономерности преступности, стратегия борьбы и закон. Рос.криминол. ассоц.– М., 2001. – 570 с.; Факторы, влияющие на динамику преступности несовершеннолетних. Сборник научных трудов / Отв. ред.: Панкратов В.В. – М., 1987. – 72 с.

бардоштани сатҳи зиндагии аҳолиро доранд, арзишҳое, ки метавонанд дар тарбияи насли наврас ва ахлоқи онҳо таъсири мусбӣ расонанд ва кафолати дахлнопазирӣ ба ҳаёт ва саломатии аъзоёни оила низ нақши муҳим мебозанд. Маҳз ба ҳамин хотир, дигаргуниҳои пай дар пайи мусбӣ дар ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию маънавии ҷамъият бояд омилҳои асосие гарданд, ки боиси коҳиш ёфтани зӯроварӣ дар оила ва ҷинояткорӣ дар ин самт гарданд[206]. Яъне, чораҳои умумикриминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила ҳамчун пешравиҳои дар дигар соҳаҳо пайдошаванда аз дигаргуниҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию маънавӣ дар кишвар вобастагӣ дошта, бо таъсиси арзишҳои умумибашарӣ, татбиқи принсипҳои адолати иҷтимоӣ вобастаанд. Ҳалли ин проблемаҳои умумииҷтимоӣ заминаҳои заруриро барои муборизаи бомуваффақият ба ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила фароҳам меоранд.

Чораҳои умумӣ – ин чораҳое мебошанд, ки ба ҳалли мушкилоти байналмилалии умумииқтисодӣ ва ҷамъиятӣ равона гардидаанд; онҳо ба мубориза бо ҷинояткорӣ махсус гардонида нашудаанд, аммо бо сабаби аҳаммияти махсус доштанашон барои иқтисодиёт, маънавиёт ва сатҳи иҷтимоии аҳолӣ иқтидори ҳал намудани мушкилоти дар ячейкаҳои иҷтимоӣ пайдогардида, дар алоқамандӣ бо мавзуи таҳлилии мо бошад, мушкилоти дар оила пайдошаванда ва мубориза бо ҷинояткориро дар ин самт низ доранд. Масалан, агар меъёрҳои ҳуқуқӣ барои инкишофи иқтисодиёт, ба монанди ҳавасмандгардонии савдо ва соҳибкорӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, гуруҳҳои алоҳидаи ҷомеа ва дар самти кумакрасонӣ ба гурезагон ва ё муҳоҷирони дохилидавлатӣ, оилаҳои эҳтиёҷманд қабул гарданд, албатта, дар раванди татбиқи ин меъёрҳо, ҳамчунин, чораҳои пешгирикунандаи ҳуқуқвайронкунӣ низ нисбати шахсоне, ки ин меъёрҳо ба онҳо дахл доранд, муқаррар мегарданд. Пас, саволе ба миён меояд, ки кадом чораҳои умумии пешгирикунандаи ҷинояткорӣ дар ҷомеа вуҷуд доранд? Бо дарназардошти

[206] Ниг.: Фалин А.П. Преступления против жизни несовершеннолетних, совершаемые в семье, как социальная криминологическая проблема: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2002. – 118 с.

хусусияти умумии сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию маънавӣ доштанашон, мубориза бар зидди ҷинояткориро дар умум ва намудҳои мушаххаси он ба гуруҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1. Чораҳои пешанамудаи сиёсати давлатӣ оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ;

2. Чораҳои умумикриминологии иқтисодӣ;

3. Чораҳои умумикриминологии иҷтимоӣ;

4. Чораҳои умумикриминологии маънавӣ.

Барои таҳлили чораҳои умумикриминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила, пеш аз ҳама, муайян намудани асосҳои чораҳои умумӣ зарур меояд. Ниҳоди асосии муносибатҳои таҳлилшавандаро дар таҳқиқоти мо бошад, оила ташкил медиҳад. Дар вобастагӣ бо ин, тавре мушоҳида намудем, зӯроварӣ дар оила ва ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила нисбати дигар ҷиноятҳо дида бештар инъикоскунандаи ҳолати сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию маънавии ҷомеа мебошад. Яъне, зуҳури зӯроварӣ дар оила аз омилҳои гуногуни сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию маънавӣ маншаъ мегирад. Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи чораҳои умумикриминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила, ки ҳалли онҳо ба баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила мусоидаткунанда низ, эътирофи оила ҳамчун воҳиди асосии ҷомеа ва яке аз афзалиятҳои асосии сиёсӣ – иқтисодӣ ва иҷтимоӣ–маънавии давлат мебошад. Дар ин замина, гуфтан бамаврид аст, ки оила рукни асосии ҷомеаро ташкил намуда, ислоҳи ҷомеа маҳз аз муносибатҳои дар оила бавуҷудомада вобастагӣ дорад[207]. Тавре маълум аст, оила дар фарҳанги мардуми тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст. Ҳамин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ– Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳояшон чунин ибрози андеша намудаанд: «Ҷомеаи

[207] Ниг.: Роҳҳои пешгирии зӯроварии хонаводагӣ. – Душанбе, 2018. – С. 3 (Ташхиси давлатии диншиносии Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №110 аз 03.07.2018).

солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад»[208]. Дар ҳамин раванд, бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми болозикр ва бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, таҳкими оила ва танзими муносибатҳои оилавӣ, санаи 03 феврали соли 2015 таҳти №352 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи эълон намудани соли 2015 «Соли оила»[209] қабул гардид.

Барои исботи он ки оила ячейкаи муҳимми ҷамъиятӣ аз ҷониби давлат эътироф гаштааст, мавҷудияти меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои оилавиро дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон овардан мумкин аст. Дар моддаи 33–и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад; ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад»; ва моддаи 34–и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд»; ё қисми дуюми моддаи 17 – «Мардон ва занон баробарҳуқуқанд» ва ғайраҳо[210]. Маҳз дар алоқамандӣ бо меъёрҳои зикргардида, бояд сиёсати давлат дар самти муносибатҳои оилавӣ равона гардад.

Яке аз **чораи умумикриминологии зӯроварӣ дар оиларо чораҳои пешанамудаи сиёсати давлатӣ оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ** ташкил медиҳад. Сиёсати давлат дар самти муносибатҳои оилавӣ бояд, пеш аз ҳама, ба мунтазам такмил додани шароит барои амалӣ намудани иқтидори иқтисодӣ ва рӯҳии оила ва ҳар як аъзои он ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ самаранок дохил кардани онҳо равона карда шавад. Ҳадафи ниҳоии чунин сиёсат аз он иборат аст, ки то ҳадди имкон қисми зиёди оилаҳо аз вобастагии кумаки ҷамъиятӣ даст кашанд, ба ҳама гуна имтиёзҳо, афзалиятҳо, хидматҳои ройгон ва амсоли инҳо ниёз надошта бошанд, ба иқтисоди бозаргонӣ мутобиқ

---

[208] http://president.tj Паёми Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (санаи муроҷиат: 22.11.2022) 23.01.2015.
[209] https://sadoimardum.tj Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи эълон намудани соли 2015 «Соли оила» (санаи муроҷиат: 22.11.2022).
[210] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Ирфон», 2012.

гарданд ва шумораи акдҳои никоҳи бекоршаванда, ҳамзамон, ҷиноятҳои дар оила содиршаванда кам гарданд. Маълум мегардад, ки самти муҳимтарини чораҳои умумикриминологии пешгирии зӯроварӣ дар оиларо таҳия ва татбиқи сиёсати давлат дар самти муносибатҳои оилавӣ дар вобастагӣ бо ҳама самтҳо, ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати иҷтимоии давлат дар маҷмуъ ташкил медиҳад. Сиёсати давлат дар самти муносибатҳои оилавӣ – ин системаи ҷудонашавандаи принсипҳо, вазифаҳо ва меъёрҳои афзалиятноке мебошанд, ки барои дастгирӣ ва ҳифз намудани оилаҳо ҳамчун асоси ҷомеа, эҳтироми волидайн, пешгирӣ ва бартараф намудани мушкилоти дар оила пайдогардида, ҳамчунин, ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии аъзоёни оила равона шудааст[211]. Ҳанӯз соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» бароварда шуда буд, ки тибқи он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чораҳои амалӣ андешидан ба баланд бардоштани мақоми занон, татбиқи воқеии волидайн дар тарбияи кӯдакон, бартарафсозии хуруфот ва урфу одатҳои иртиҷоӣ, ташаккули оилаи солим вазифадор гардида буд. Ҳамчунин, мақомотҳои дахлдор вазифадор гардиданд, ки муборизаро бар зидди ҳодисаҳои таҳқир ва зӯроварӣ нисбати зан, бисёрзанӣ, маҳдуд кардани ҳуқуқи духтарон ва занон пурзӯр намоянд[212]. Ғайр аз ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам ба риоя намудан, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳо ва дастгирии ҳамаҷонибаи занон таъкид менамоянд. Чуноне ки дар Паёмашон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон»Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» зикр карданд: «Ба ҷо овардани иззату эҳтироми модарону занон ва бонувону духтарон, саъю талош ба хотири ҳалли мушкилоти онҳо ва фароҳам

[211] Ниг.: Тюменцева Г.И. Государственная семейная политика: региональный аспект / Г.И. Тюменцева // Вестник Омской юридической академии. – 2018. – Том 15. – №4. – С. 394.
[212] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» аз 03 декабри соли 1999, таҳти №5.

овардани шароит барои илму донишомӯзӣ ва соҳиби касбу ҳунар гардидани духтарон вазифаи ҷонии мо мебошад»[213].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ, яъне аз соли 1991 оғоз гардида то имрӯз, доираи сиёсати давлат дар самти муносибатҳои оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфта истодааст, ки аз мадди назар мушкилоти зӯроварӣ дар оила низ дур намондааст. Зӯроварӣ дар оила зуҳуроти номатлуби тамоми ҷомеа аст, бинобар ин, он ҳамчун мушкилоти сатҳи давлатӣ баррасӣ мешавад. Барои баланд бардоштани мартабаи зан, ҳифз намудани оила ва эҳтиром гузоштан ба субъектони муносибатҳои оилавӣ дар ҷумҳурӣ як қатор чораҳо андешида шудаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оиларо барои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа тавассути ҳифзи ҳуқуқи занон ва мусоидат намудан ба ҳимояи ҳуқуқу имкониятҳои баробар ҷиҳати иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ таъсис дод[214]. Ҳамзамон, як қатор қонунҳо, стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ ва дигар меъёрҳои қонунӣ дар Тоҷикистон қабул гардиданд, ки ба ҳифзи оила ва ҳуқуқҳои субъектони он равона шудаанд. Ба ин мисол шуда метавонад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» соли 2005[215] қабул гардид, ки намояндагии баробари занону мардонро барои гирифтани таълим ва илм, таъмини ҳуқуқҳои баробари онҳоро дар доираи имкониятҳои иҷтимоию иқтисодӣ пешбинӣ менамояд. Бо мақсади пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳифз намудани ҳуқуқҳои баробари аъзоёни оила соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»[216] қабул гардид. Дар

---

[213] https://mmk.tj Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (санаи муроҷиат: 04.06.2022).

[214] Ниг.: Давлатов М. Дастур оид ба офиятбахшии психологии ҷабрдидаҳои зӯроварӣ дар оила (Дастури таълимӣ-методӣ барои донишҷӯёни ихтисоси психология). – Душанбе, 2016. – С. 8.

[215] Ниг.: https://mmk.tj Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» (АМОҶТ с.2005, № 3) (санаи муроҷиат: 03.06.2022).

[216] https://majmilly.tj Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» (АМОҶТ с.2013, №3) (санаи муроҷиат: 03.06.2022).

қонуни мазкур ғайр аз таҳлили мушкилоти дар оила бавуҷудомада, роҳҳои расонидани кумаки ҳуқуқӣ, тиббӣ ва рӯҳӣ ба ҷабрдидагони аз зӯроварӣ дар оила зарардида муайян гардидаанд[217]. Моҳи октябри соли 2014 «Барномаи миллӣ оид ба барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2020» қабул гардид, ки дар доираи ин барнома номгӯи корҳо, шароити корӣ ва меъёри вазнҳои барои шахсони то 18сола манъгардида муқаррар карда шудаанд[218]. Соли 2014 Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014–2023 қабул гардид. Барномаи мазкур ба пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014–2023 бо мақсади пурзӯр намудани механизмҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, бахусус омилҳои зӯроварӣ дар оила равона гардида, баробарҳуқуқии мардону занонро дар ҳалли масоили оилавӣ, сарфи назар аз миллату нажод, ҷинс, забон ва эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, муҳофизат ва ҳавасманд кардани модарӣ, ғамхорӣ нисбат ба тарбияи фарзандон, таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, манъи бисёрникоҳӣ, ихтиёрӣ будани ақди никоҳ ва бекор кардани он, масъулияти муқобила дар масъалаҳои амволӣ ва маънавӣ ва ғамхории ҳамдигарии аъзои оиларо таъмин менамояд[219]. Дар ин замина, аз ҷониби Кумитаи кор бо занон ва оилаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020 Мониторинги амалисозии Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014–2023–ро нашр намуд[220]. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016 тасдиқ гардид, ки кам намудани нобаробарии гендериро дар асоси такмил додани сиёсати таъмин намудани баробарҳуқуқии воқеии гендерӣ ва

---

[217] Ниг.: Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (маводи мизи мудаввар) / Зери таҳрири умумии Шарипов Т.Ш. – Душанбе, 2013. – С. 8.
[218] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2014, таҳти №690.
[219] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи «Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023» аз 03.05.2014, таҳти №294.
[220] Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мониторинги амалисозии барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023. – Душанбе, 2020. – 00 с.

пешгирӣ намудани ҳамаи шаклҳои зӯроварӣ нисбати занону духтарон, таҳияву тадбиқи барномаҳои тағйир додани шаклҳои рафтори ҷонибдори зӯроварӣ нисбати занону духтарон ва хизматрасониҳо ба занони аз зӯроварӣ ҷабрдидаро пешбинӣ менамояд[221]. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020 қабул гардид. Мазмуни он ба мушкилоте вобастагӣ дорад, ки аз дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд ва ба нақшу мақоми занон дар ин муносибатҳо алоқамандӣ дорад[222]. Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таъмин намудани татбиқи ҳатмии принсипи конститутсионии баробарҳуқуқии зану мардро дар муносибатҳои оилавӣ, ҳифзи оила, эҳтиром гузоштани анъанаҳои ахлоқу одобро дар муносибатҳои оилавӣ ба танзим медарорад. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021 «Дар бораи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2030», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 апрели соли 2017 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017–2022» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2021 «Дар бораи грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2021–2025», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак»[223] низ санадҳои муҳимми соҳаи дахлдор ба ҳисоб меравeнд[224].

Табиист, ки қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии дар вобастагӣ ба самти мубориза бо пешгирии криминологии зӯроварӣ дар оила қабулгардида бояд

---

[221] Ниг.: Дастурамал оид ба ташкили фаъолияти мақомоти кор бо занон ва оила дар самти таъмини рушди баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила. – Душанбе, 2018. – С. 6.

[222] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.05.2010, таҳти №269.

[223] https://mmk.tj Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18.03.2015, таҳти №3 (санаи муроҷиат: 04.06.2022).

[224] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2015, таҳти №801.

пурра ба пешгирии ин муносибатҳо равона гарданд. Барои ин онҳо бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯй бошанд:

– ба воқеияти иҷтимоӣ ва шароити иҷтимоии мавҷудбуда, анъанаҳо ва урфу одати аҳолии давлате, ки дар он ҷо қабул мегарданд, мувофиқат намоянд;

– асосҳои демократӣ ва башардӯстиро тақвият диҳанд;

– ба пешгирии ҷиноятკорӣ дар оила дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳам миллӣ мусоидат намоянд;

– ба пешравиҳои илмӣ ва техникӣ бештар такя намуда, ҳамзамон, риояи меъёрҳои маънавӣ–диниро низ истисно накунанд;

– одилона ва дар асоси қонун ҳал намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, ки бо муносибатҳои оилавӣ алоқамананд ва, ҳамчунин, қонеъ гардонидани ҳисси адолати ҷамъиятиро таъмин намоянд. Танҳо дар ин ҳолат имконияти сухан гуфтан дар бораи «фаъолияти пурраи қонун» оид ба мубориза бурдан бо зӯроварӣ дар оила мумкин аст.

Тавре мебинем, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои қонунии пешгирӣ намудани зӯроварӣ ва ҳифзи ҳуқуқи занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оиларо меандешад. Аммо, бо вуҷуди ин, солҳои охир шумораи ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва шумораи ҷиноятҳои дар доираи муносибатҳои оилавӣ содиргардида[225] зиёд гардида истодаанд. Омили асосии зиёд гардидани ҷиноятҳо дар самти мазкур гуногун буда, яке аз он, ин огоҳӣ пайдо намудани занон аз ҳуқуқҳои худу фарзандони ноболиғашон ва кафолати ҳифзи онҳо аз ҷониби давлат мебошад.

Ҳамзамон, ҷудошавии оилаҳо низ зиёд гардидаанд. Масалан, агар бекор кардани акди никоҳ дар соли 2015 ба 8346 оила рост ояд, солҳои минбаъда тағйироти зерин ба ин нишондод ворид гаштаанд: соли 2015 – 8346, соли 2016

[225] Ниг. Ба параграфи 2.1. рисолаи макур

– 8845, соли 2017 – 10053, соли 2018 – 10976, соли 2019 – 12469, соли 2020 – 10532[226].

| Миқдори никоҳ ва талоқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | миқдори никоҳ | | | | | |
| | миқдори талоқ | | | | | |
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 76956 | 72499 | 78638 | 82647 | 80292 | 67100 |
| | 8346 | 8845 | 10053 | 10976 | 12469 | 10532 |
| ВМКБ | 2264 | 1970 | 1951 | 1937 | 1756 | 1369 |
| | 106 | 113 | 165 | 156 | 216 | 173 |
| Вилояти Суғд | 22611 | 21208 | 22046 | 22742 | 21604 | 18471 |
| | 3440 | 3638 | 4040 | 4046 | 4272 | 3577 |
| Вилояти Хатлон | 27857 | 26507 | 29733 | 31255 | 30032 | 24809 |
| | 1671 | 1707 | 1829 | 2376 | 2631 | 2417 |
| ш. Душанбе | 7097 | 6735 | 7048 | 7411 | 8274 | 6726 |
| | 1193 | 1286 | 1579 | 1775 | 2308 | 1829 |
| НТМ | 17127 | 16079 | 17860 | 19302 | 18626 | 15725 |
| | 1936 | 2101 | 2440 | 2623 | 3042 | 2536 |

Бояд қайд кард, ки ҷудошавии оилаҳо дар ҷомеаи имрӯза мушкилоти аксарияти давлатҳои ҷаҳон мебошад, ки омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, криминологиро доранд.

Олимони криминолог вобаста бо самти фаъолият ва маҳалли зист, сабабҳои гуногуни зуҳуроти мазкурро қайд намудаанд. Л.В. Чуйко майзадагии зану шавҳар, хиёнати яке аз тарафҳо ва баҳсҳои дар натиҷаи номувофиқии рафтори зану шавҳар бавуҷудомадаро сабабҳои асосии

[226] Ниг.: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ (маҷмуаи оморӣ) / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 51.

ҷудошавии оилаҳо меҳисобад[227]. Ба ақидаи мо, сабабҳои асосии ҷудошавии оилаҳоро дар Тоҷикистон омода набудани зану мард ба ҳаёти мустақилона, муҳоҷирати меҳнатӣ, вобастагии молиявии зану шавҳар аз волидайн, номустақилиятии иқтисодии зан аз шавҳар, дарку таҳлил ва риояи нодурусти меъёрҳои динӣ, дониши кофӣ надоштани занону мардон, надоштани фарҳанги оиладорӣ, бартарӣ додан ба тарбияи писарон дар аксарияти оилаҳо, аз хурдӣ ба таҳаммулпазирӣ ва ҳамчун қурбонӣ ба воя расонидани духтарон дар оилаҳо, ки ин раванд дар оянда ба ҳолати рӯҳии занон ҳангоми дучор гардиданашон ба зӯроварӣ дар оила бетаъсир намемонад, ташкил медиҳанд. Ба ҳамин монанд нуқтаи назари М. Ашуровро овардан мумкин аст, ки сабабҳои асосии пошхӯрии оилаҳоро тайёр набудани навхонадорон ба оиладорӣ, вобастагии иқтисодии онҳо аз волидайн, муҳоҷират, дахолати хешу таборон бар зиндагии хусусии ҷавонон ва зӯроварӣ дар оиларо вобаста медонад[228].

Аз таҳлили меъёрҳои қабулгардида гуфтан мумкин аст, ки афзалиятҳои асосии сиёсати давлатиро дар самти оила инҳо ташкил медиҳанд:

– баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа; пешгирӣ намудани муносибатҳои зӯроварона дар оила;

– фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рафъи тамоюлҳои манфӣ ва беҳтар намудани вазъи моддии оилаҳои тоҷик;

– расонидани намудҳои гуногуни кумак ба маъюбон ва дигар категорияи оилаҳои ниёзманд;

– фароҳам овардани шароити мусоид барои волидон, барои якҷоя кардани кор бо уҳдадориҳои оилавӣ;

– қабули барномаҳои махсуси давлатӣ оид ба солимии оилавӣ;

– дастгирии оила дар тарбияи фарзанд;

– барномаҳои махсус барои кумак ба оилаҳои камбизоат ва бенаво.

---

[227] Ниг.: Чуйко Л.В. Браки и разводы (Демографическое исследование на примере Украинской ССР). – Москва, 1975. – 176 с.

[228] Ниг.: Ашуров М. Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (маводи мизи мудаввар) / Зери таҳрири умумии Шарипов Т.Ш. – Душанбе, 2013. – С. 18.

**Чораҳои дигари умумикриминологии зӯроварӣ дар оила, ин чораҳои умумииқтисодӣ** мебошанд, ки ба он шомил мегарданд чораҳои баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии одамон. Онҳо асоси моддӣ барои содир намудани ҷиноятро ташкил медиҳанд, ҳамзамон, таъсири рӯҳӣ низ ба субъектон мерасонанд. Масалан, меъёрҳои иқтисодӣ, ҳолати депрессиявии дар ҷомеаи Тоҷикистон мавҷудбуда дар панҷсолаи даҳаи аввали баъди Шуравӣ. Ин даврае буд, ки депрессия қариб ки тамоми ҷомеаро фаро гирифта буд ва аксарияти одамон аз ин ҳолат азоби рӯҳӣ мекашиданд. Ин ҳолат на танҳо ба камбизоатон, балки ба шахсони дар шароити хуби зиндагӣ қарордошта, аз қабили соҳибкорон, ки аз номуътадилии вазъи бозор бо сабабҳои гуногун хавотир буданд низ дахл дошт. Дар замони имрӯза низ муҳити маънавӣ–рӯҳии баъзе нафарон дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳам муътадил нест. Барои мисол, вазъи депрессиявии баъзе субъектони ҷиноятҳои мунтазами дар муносибатҳои оилавӣ пайдошаванда ё аз оила сарчашмагирандаро овардан мумкин аст. Аммо, дар умум, бештари аҳолӣ ба мақомотҳои давлатӣ бовар доранд, ки ин ҳолат асос шуда метавонад ба амалӣ ва татбиқ намудани чораҳои умумикриминологии пешгирикунанда дар оилаҳои Тоҷикистон.

Таъсири чораҳои умумииқтисодиро дар пешгирии зӯроварӣ дар оила ва алоқамандии онҳоро як қатор олимон тасдиқ намудаанд[229]. Тавре Б.Г. Тугелбаева қайд намудаанд, як шарти муҳимми ноил гардидан ба баробарии гендериро тақсимоти одилонаи иҷтимоии буҷети давлат ташкил медиҳад[230]. Таҳқиқоти гузаронидашуда дар як қатор давлатҳо нишондиҳандаи он буд, ки ҳамчун қоида, дар вазифаҳои калидӣ ё фаъолиятҳое, ки маблағи бештар ба даст меояд, бартарӣ асосан ба мардон дода мешавад[231]. Барои бартараф

---

[229] Ниг.: Зарубина К.Д. Социальное неблагополучие и насилие в семье (криминологическое исследование): дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2013. – 210 с.; Карпец И.И. Правовая наука и борьба с преступностью. – М.: Знание, 1967. – С. 19; Вдовина Т.В. Криминологическая характеристика и профилактика социально-негативного поведения, взаимосвязанного с преступностью: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2004. – 161 с.; Зырянова Ю.В. Криминологическая характеристика насилия в отношении несовершеннолетних членов семьи и его предупреждение (по материалам Южно-Сибирского региона): дис. ... канд. юрид. наук. – Абакан, 2017. – 348 с.

[230] Ниг.: Тугельбаева Б.Г. Проблемы преступного насилия в отношение женщин: предунреждеие и борьба с последствиями (на материалах Кыргызской Республики): дис. ... д-ра юрид. наук. – Бишкек, 2005. – 223 с.

[231] Ниг.: Мельникова Т. Основные подходы к разработке стратегий гендерного развития России / Т. Мельникова // Диалог женщин «we/мы». – 2002. – №19/35. – С. 27; Тугельбаева Б.Г. Проблемы преступного

намудани ҳолати мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» соли 2005, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 апрели соли 2017 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017–2022», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021 «Дар бораи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2030» қабул гардидааст. Яъне, заминаи ҳуқуқӣ барои ба танзим даровардани муносибати мазкур аллакай вуҷуд дорад, аммо барои ноил гардидан ва риояи ҳамаҷонибаи он аз ҷониби ҷомеа таҳлилҳои амиқу назаррас гузаронидан лозим аст. Масалан, муассиса ва корхонаву ташкилотҳое, ки дар онҳо сафи занону мардони коргар, бо дарназардошти ишғоли вазифаҳои муқарраршуда, баробар мебошанд, аз ҷониби давлат бо усулҳои гуногун ҳавасманд гардонида шаванд.

Ба сифати чораи дигари иқтисодӣ метавонад **чораҳои ташкилӣ** шомил гарданд. Чораҳои ташкилӣ бояд барои беҳтар намудани фаъолияти корхонаҳою ташкилотҳо ва муассисаҳои давлатию хусусӣ равона гарданд. Ба аъзоёни оилаҳои камбизоат ва серфарзанд барои қабул ба кори доимӣ дар корхонаҳо бартарӣ дода шавад. Ҳамзамон, дар адабиёти ҳуқуқӣ чораҳои дастгирӣ намудани оилаҳои серфарзанд бо тариқи тарҳҳои андозбандӣ[232] низ мушоҳида намудан мумкин аст, ки ин ҳам метавонад як навъи дастгирии оилаҳо аз ҷониби давлат ва, дар ин замина, беҳтар намудани шароити иқтисодии оилаҳо бошад. Ғайр аз ин, барномаҳо ва стратегияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ грантҳои давлатию лоиҳаҳо, ки ба рушди ҷалбнамоии аъзоёни

---

насилия в отношение женщин: предупреждение и борьба с последствиями (на материалах Кыргызской Республики): дис. ... д-ра юрид. наук. – Бишкек, 2005. – 223 с.

[232] Ниг.: Зырянова Ю.В. Криминологическая характеристика насилия в отношении несовершеннолетних членов семьи и его предупреждение (по материалам Южно-Сибирского региона): дис. ... канд. юрид. наук. – Абакан, 2017. – 211 с.

оила ба меҳнат ва дар ин раванд беҳтарнамоии сатҳи зиндагии оилаҳо сабаб мегардад, бояд қабул гарданд.

Дар доираи чораҳои ташкилии пешгирии зӯроварӣ дар оила, корхонаҳою ташкилотҳо ва муассисаҳои давлатию хусусӣ аз натиҷаи фаъолияти солонаи худ доир ба дастгирии самти мазкур ба мақомоти дахлдор маълумот диҳанд. Назорати давлатӣ низ барои риояи меъёрҳои дахлдори ин самт гузаронида шавад. Махсусан, назорати мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ аз фаъолияти шаффофу натиҷаи самараноки мақомотҳои дигари зикргардида. Дар алоқамандӣ бо ин, ҳамчунин, баланд бардоштани сатҳи зиндагии оилаҳо ва салоҳияти бурдани назорат аз риояи қонунҳое, ки бо муносибатҳои дар оила пайдошаванда алоқамандӣ доранд, аз ҷониби мақомотҳои масъул. Ин раванд имкон медиҳад, ки мақомотҳои давлатӣ дар доираи салоҳияти худ ва аз рӯйи вазифаи касбии худ бар муқобили зӯроварӣ дар оила ва пешгирии ҳуқуқвайроннамоиҳо дар ин самт самаранок мубориза баранд.

Гуруҳи дигари чораҳои пешгирии зӯроварӣ дар оиларо **чораҳои умумикриминологии иҷтимоӣ** ташкил медиҳанд. Ин чораҳо низ ба гуруҳи мушаххаси чораҳои татбиқшаванда шомил гардида, дар раванди он бояд ба гуруҳҳои алоҳидаи оилаҳо кумакҳои алоҳидаи дорои хусусиятҳои хосе расонида шаванд, ки ба ин намуди кумак ниёз доранд. Дастгирӣ ва кумаки иҷтимоӣ барои ҳамаи онҳое, ки ба гуруҳҳои камбизоатон, пиронсолон, ноболиғон, хурдсолон шомиланд ва ниёз ба кумакрасонӣ доранд, бояд содда ва шаффоф бошад. Ба ин гуруҳ, ҳамчунин, нафароне, ки дучори зӯроварӣ дар тамоми шаклҳояш гардидаанд низ ворид мегарданд, хусусан ҷабрдидагони (қурбониёни) зӯроварӣ дар оила. Расонидани кумаки иҷтимоӣ на фақат дар шакли молумулкӣ, балки дар шакли маънавӣ–рӯҳӣ низ ҳатман бояд нисбати ҷабрдидагон (қурбониён) расонида шавад. Дар ин замина, бояд гуфт, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 14 адад марказҳои захиравии занон[233] ва ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони

---

[233] Марказҳои захиравии занон ба монанди: МЗЗ «Маърифат»; МЗЗ «Дармонбахш»; МЗЗ «Умед»; МЗЗ «Мадина»; МЗЗ «Занон барои адолат»; МЗЗ «Сарпараст»; МЗЗ «Хингоб»; МЗЗ «Моҳи мунир».

зӯроварӣ дар оила таъсис дода шудаанд[234], ки занони аз зӯроварӣ дар оила зарардида метавонанд ба онҳо муроҷиат намуда, кумаки ҳуқуқию рӯҳӣ гиранд. Аммо мушкилот дар он аст, ки аввалан, миқдори чунин марказҳо кам ҳастанд, маълумоти муфассалро оиди онҳо занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оилаҳо (махсусан аз деҳаҳои дурдаст) надоранд ва тақдири онҳо баъди аз ин марказҳо баромадан мутлақан боқӣ мемонад. Пас, гуфтан мумкин аст, ки мутаассифона, чораҳои татбиқшавандаи муосир нисбати мушкилоти дар оила пайдошаванда ва дастгириҳои иҷтимоии бо ин раванд алоқаманд кифоя нестанд.

Дар доираи чораҳои умумииҷтимоӣ ҳамчун намуди мушаххас ҷудо намудани **чораҳои тиббии** – пешгирии зӯроварӣ дар оила низ имкон дорад. Тавре таҳлилҳо нишон доданд, зӯроварӣ дар оила метавонад бо роҳҳои интиқол додани бемориҳои вирусӣ, касалиҳои зуҳравӣ ва ғайраҳо зуҳур намояд, ки барои пешгирии ин ҳолатҳо беҳтар намудани шароити беморхонаҳо ва назорати қатъӣ бурдан аз фаъолияти кории беморон, ҳамзамон, васеъ намудани доираи меъёрҳои қонунии муносибати табиб бо беморонро батанзимдароваранда лозим меояд, ки ин ҳолат метавонад сабаби пешгирӣ намудани баъзе ҳолатҳои фавт дар байни аҳолӣ: аз қабили фавти кӯдакони то 5–сола, фавти модарон ҳангоми таваллуд ё баъд аз таваллуд ва пешгирӣ намудани дигар намуди бемориҳо гардад. Дар ин замина, шумораи шахсони солим дар оила ва ҷомеа низ зиёд мегарданд. Яъне, вазифаи асосии оила ин ҳифзи ҳаёту саломатӣ, таълиму тарбия ва ҳифзи ҳолати рӯҳию репродуктивӣ мебошад. Давлат ва ҷамъият бошанд, бояд барои иҷрои ин функсияҳо ба оила шароити мусоид фароҳам оваранд[235]. Барои ҳалли ин мушкилот, таъсис ва зиёд намудани муассисаҳои махсусгардонидашуда, ки ба омодасозии ҷавонон ба ҳаёти оилавии мустақил машғуланд, лозим аст.

[234] Ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ дар таваллудхонаи №2 ш. Душанбе; Маркази миллии тиббӣ; Маҷмааи тиббии «Истиқлол»; беморхонаи марказии н. Рашт; беморхонаи клиникавии вилоятии ба номи А. Воҳидови ш. Бохтар; таваллудхонаи ш. Кӯлоб; таваллудхонаи ш. Хуҷанд, Гулистон, Ваҳдат ва ғ.
[235] Ниг.: Самойленко К.В. Уголовно-правовые и криминологические меры противодействия сексуальной насильственной преступности в семье: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2014. – 122 с.

Ҳамзамон, дастгирии давлатии муассисаҳои ғайридавлатӣ, ки ба аҳолӣ кумакҳои тиббию иҷтимоӣ ва равонию ҳуқуқӣ мерасонанд, мувофиқи мақсад мебошад. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» зикр намудаанд: «Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро зарур аст, ки бо мақсади ташвиқи тарзи ҳаёти солим, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои тиббиву иҷтимоӣ якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ заминаи моддиву техникии муассисаҳои тиббиву иҷтимоиро ҷоннок намоянд...»[236].

Дар шароити имрӯза фаъолияти иҷтимоии ҷомеаро бе таъсири омилҳои техникӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Ба ҳамин хотир, татбиқи **чораҳои техникии** зӯроварӣ дар оила низ метавонад таъсири дахлдор ба рушди муносибатҳои оилавӣ расонад. Чораҳои техникии пешгирии ҷинояткорӣ метавонад, ки ба самтҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ дахл дошта бошад. Ин чораҳо метавонанд, ки ба ҳифзи ҷойи зист, моликият, бехатарии шаҳрвандон, ҳифзи коғазҳои қиматнок ва ғайра равона карда шуда бошанд. Аммо дар Тоҷикистон бо муқоиса аз баъзе давлатҳо, ин намуди чораҳои пешгирикунанда кам қабул ва татбиқ мегарданд. Сайқал додани чораҳои умумитехникӣ ба воситаи телевизион (бо пахши барномаҳои махсус оид ба зӯроварӣ дар оила), телефон (бо тариқи интернет ё дигар барномаҳо омӯзиши зуҳуроти мазкур) ва дигар воситаҳои техникӣ, мумкин аст, яке аз сабаби коҳиш ёфтани зӯроварӣ дар оила гардад. Як қатор таҳлилҳои гузаронидашуда таъсиррасонии мусбию манфии воситаҳои техникиро бо ҷинояткорӣ ва ҳолати рӯҳии ҷомеа исбот намудаанд, ки аз адабиёти мазкур доир ба онҳо маълумот пайдо намудан имкон дорад[237].

---

[236] http://president.tj Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021 (санаи муроҷиат: 29.11.2022).

[237] Ниг.: Березкина О.П. Социально-психологическое воздействие СМИ. – М., 2009. – 239 с.; Брайант Дж., Томпсон С. Основы воздействия СМИ; пер. с англ. – М., 2004. – 419 с.; Шоткинов С.А. «Криминализированность» средств массовой информации / С.А. Шоткинов // Законность. – 2004. – №11. – С. 49-51.

**Чораҳои маънавӣ низ гурӯҳи алоҳидаи чораҳои умумикриминологии зӯроварӣ дар оиларо ташкил менамоянд.** Як самти чораи маънавӣ ин чораи педагогӣ мебошад, ки дар доираи он чораҳое фаҳмида мешаванд, ки ба тарбияи иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ равона гардидаанд. Дар алоқамандӣ ба ин гуруҳ, диққати махсус ба шахсони ноболиғ ё хурдсоли аъзои оила, ки шоҳиди зӯроварӣ ва ё ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила гардидаанд, ё шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оилаҳои носолиманд, дода шавад. Тавре Ю.В. Зирянова қайд намудаанд: «Ҳақиқатан ҳам, ҳама гуна ҷиноят натиҷаи муносибати ҷинояткор ва ҷабрдида аст, ки дар омехташавии таъсиррасонии объективӣ ва субъективӣ», пайдо мегарданд[238]. Яъне, зиёд гардидани миқдори оилаҳои солим ва намунавӣ сабаби кам гаштани ҷинояткорӣ дар ҷомеа мегардад. Вобаста ба ин гуфтан имкон дорад, ки чораи педагогӣ, ҳамчун чораи умумии пешгирии зӯроварӣ дар оила, ин омӯзиш ва таълимдиҳии ҳолатҳое, ки дар муносибатҳои оилавӣ пайдогашта, ҳамзамон, чораҳои мутақобила нисбати кирдорҳои зӯроварӣ дар оила мебошанд, ки ба раванди коҳишёбии зӯроварӣ дар оила ё имконияти ба ҷинояткор табдил ёфтани ҷабрдида, ё ба дигар кирдорҳои ғайриахлоқию ҳуқувайронкунӣ даст заданашон сабаб гашта метавонад.

Дар ҳар марҳилаи тараққиёти иҷтимоӣ (махсусан, дар байни аҳолии Тоҷикистон) **чораҳои маънавӣ–динӣ** нақши муҳим доранд. Дар натиҷаи риояи ин намуди чораҳо (махсусан, меъёрҳои динӣ) ахлоқи одамон инкишоф ёфта, бо ҳамин тарз инкишофи рафтории мусбии онҳо дар ҷомеа таъмин мегардад. Тавре А.Қ. Назаров қайд намудаанд, ба инкишофи таъриху маданияти халқи тоҷик, дини ислом ва фарҳанги исломӣ таъсири бештар расонидааст. То замони имрӯза меъёрҳои дини ислом, махсусан ҳуқуқи оилавии мусулмонӣ, қисми ҷудонашавандаи ҳаёти халқи тоҷикро ташкил медиҳад. Маросими никоҳу муносибатҳои оилавиро сарфи назар аз танзими ҳуқуқии онҳо аз

[238] Ниг.: Зырянова Ю.В. Криминологическая характеристика насилия в отношении несовершеннолетних членов семьи и его предупреждение (по материалам Южно-Сибирского региона): дис. ... канд. юрид. наук. – Абакан, 2017. – С. 52.

ҷониби қонунгузории дунявӣ, дар асл, меъёрҳои ҳуқуқи оилавии мусулмонӣ танзим менамояд[239]. Дар ин раванд, бояд гуфт, ки дини ислом ба самтҳои фаъолияти иҷтимоӣ–маънавӣ, махсусан дар доираи муносибатҳои оилавӣ бетаъсир буда наметавонад.

**Чораи дигари мушаххаси гурӯҳи мазкурро баланд бардоштани сатҳи таълим ва тарбияи аҳолӣ** ташкил медиҳанд. Махсусан, нафароне, ки ба ташкили оила омодагӣ мебинанд. Дар ин самт бояд нақши махсуси сатҳи таълиму тарбия дар мактабҳою муассисаҳои баъдимактабӣ ва ҳамкории намояндагони онҳо бо волидайн ё дигар намояндагони оилаи кӯдак ё ноболиғ, ё шахси болиғе, ки бо намояндагони қонунии худ дар як оила зиндагӣ мекунанд, дар назар дошта шавад. Ҳамзамон, ба роҳ мондани чораҳои гуногун дар самти таълим ва тарбияи дурусти аҳолӣ бо тарзу воситаҳои мухталиф мувофиқи мақсад мебошанд.

Дар натиҷаи таҳлили мавзуи мазур ба хулоса омадан мумкин аст, ки ба чораҳои умумикриминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила дохил мегарданд: чораҳои умумикриминологии чораҳои пешанамудаи сиёсати давлатӣ оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ. Чораҳои умумикриминологии иқтисодӣ; – чораҳои ташкилӣ. Чораҳои умумикриминологии иҷтимоӣ; – чораҳои тиббӣ, – чораҳои техникӣ. Чораҳои умумикриминологии маънавӣ; – чораҳои маънавӣ–динӣ; – баланд бардоштани сатҳи таълим ва тарбияи аҳолӣ.

Ҳамаи чораҳои умумипешгирикунандаи ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта бояд дар якҷоягӣ ба роҳ монда шаванд, якдигарро пурра намоянд ва дар мавридҳои зарурӣ амалӣ гардонида шаванд. Камбудии асосии системаи дохилии мубориза бо зӯроварӣ дар оила, ин кам будани меъёрҳои пешгирикунандаи криминологии зӯроварӣ дар оила дар ҷомеа мебошад. Дар робита ба ин, санаде қабул гардад, ки он муқаррароти ҳадафҳои зеринро инъикос кунад: –амалан пешбурди принсипи конститутсионии ҳуқуқҳои

---

[239] Ниг.: Назаров А.К. Исламское уголовное право и его применение в странах с элементами исламской правовой системы: теоретические и прикладные аспекты (сравнительный уголовно-правовой анализ): дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2020. – С. 4.

баробар ва имкониятҳои баробари занон дар ягонагӣ бо ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ; фароҳам овардани шароит барои иштироки пурраи занон дар қабули қарорҳо дар ҳамаи сатҳҳои ҳукумат; –пешбурди ҳуқуқҳои баробар дар бозори меҳнат; таъмини ҳифзи саломатии занон; –барои пешгирӣ ва пешгирии зӯроварӣ нисбати занон, хусусан дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ саъй кардан; –ҳамоҳангсозии амалҳо оид ба беҳтар намудани мақоми занон дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ таъмин карда шавад.

Татбиқи ҳамаи чораҳои умумикриминологии дар боло зикршуда оиларо ба сатҳи поягузории ҷомеа мебарад, ки он асосан ба барқароршавӣ ва ҳифзи оила мусоидат мекунад. Дар баробари ин, афзалияти асосии сиёсати иҷтимоию ҳуқуқии Тоҷикистон бояд бунёди оилаи аз ҷиҳати моддӣ обод, аз ҷиҳати маънавӣ ва зеҳнӣ рушдёфта ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳифзшуда бошад.

## 2.4. Чораҳои махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила

Чораҳои махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила аз доираи васеи чораҳои гуногунҷабҳа иборатанд, ки бевосита ба рафъи бартарафнамоӣ, безараргардонӣ ва кам кардани омилҳои криминогенӣ дар оила нигаронида шудаанд. Чораҳои махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила, ин маҷмуи чораҳое мебошанд, ки аз ҷониби субъектони муносибатҳои ҷамъиятӣ–ҳуқуқӣ татбиқ ва риоя гардида, бо ҷинояткорӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила мубориза мебаранд.

Дар замони имрӯза мубориза бо зӯроварӣ дар оила асосан бо роҳҳои гуногуни илмӣ аз қабили илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷомеашиносӣ, психологӣ ва ғайраҳо сурат мегиранд, аммо истифодаи онҳо дар пешгирии зӯроварӣ дар оила, барқарорсозии нақши иҷтимоии оила ва ҳифзи он имкониятҳои маҳдуд доранд. Илова бар ин, муайян кардани омилҳои зӯроварӣ дар оила бо мақсади истифодаи воситаҳо ва меъёрҳои криминологӣ ва мубориза бо ин зуҳурот дар ҷомеа дар сатҳи ниҳоят паст қарор доранд.

Зери истилоҳи пешгирии ҷинояткорӣ дар илми криминологӣ ҳифзи шахсон, ҷомеа ва давлат фаҳмида мешавад. Дар айни замон пешгирии

ҷинояткорӣ доираи васеи чораҳои таъсиррасониро «ба сарчашма ва сабабҳои содир намудани ҷинояткорӣ, шарту шароити содиршавии ҷинояткорӣ, омилҳое, ки ба шахси ҳуқуқвайронкунанда таъсир расонидаанд ва, дар охир, ба омилҳои таъсиррасонанда ба дигар шахсон», фаро мегирад[240]. Омӯзиши масъалаи пешгирии кирдори ҷинояткоронаи шахсоне, ки ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридоштаро дар оила содир менамоянд, хеле муҳим аст. Нишондиҳандаҳои сохт, пастуболоравии (динамикаи) ҷиноятҳои мазкур ва маҷмуи комплексии омилҳое, ки ин зуҳурот аз онҳо сарчашма мегиранд, нигаронкунанда буда, муайян намудани чораҳои махсуси пешгирикунандаи криминологиро оид ба зӯроварӣ дар оила талаб менамояд. Олими рус А.Н. Фатеев ба самти мустақили пешгирии криминологии зӯроварӣ дар оила, таъсиррасонӣ ба омилҳои он, ба монанди майнӯшӣ, майзадагӣ ва нашъамандиро рабт медиҳад[241].

Зикр кардан бамаврид аст, ки пешгирии криминологии зӯроварӣ дар оила дар асоси ҳамкорӣ ва фаъолияти субъектони ин муносибатҳо ташаккул меёбад. А.И. Алексеев принсипи координатсиониро яке аз унсури асосии фаъолияти субъектон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ҳисобида, дар ин асос онҳоро ба координатсияи комплексӣ–ҳудудӣ ва соҳавӣ–идоравӣ ҷудо намудааст[242]. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ принсипҳои асосии пешгирии зӯроварӣ дар оиларо чунин муқаррар кардааст[243]:

– принсипи қонуният;

– эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

– дастгирӣ ва таъмини пойдории оила;

– иштироки аҳли ҷомеа, мақомоту ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ дар низоми иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҳифзи ҳаёт ва саломатии аъзои оила;

– бартарии чораҳои пешгирикунанда нисбат ба чораҳои ҷавобгарӣ;

---

[240] Ниг.: Аванесов Г.А. Криминология и социальная профилактика. – М., 1980. – 440 с.
[241] Ниг.: Фатеев А.Н. Домашнее насилие: опыт криминологического исследование: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2006. – 127 с.
[242] Ниг.: Алексеев А.И. Криминологическая профилактика. – Минск, 1986. – 221 с.
[243] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зӯроварӣ дар оила» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2013. – №3. – мод. 197.

– ногузирии ҷавобгарӣ барои зӯроварӣ дар оила.

Бо назардошти принсипҳои зикргардида, имконияти тасниф кардани субъектони махсуси пешгирии криминологии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оиларо ба таври зерин пешниҳод кардан мумкин аст.

Давлатӣ ва ғайридавлатӣ: мақомоти давлатӣ дар навбати худ ба қонунгузор, иҷроия ва судӣ ҷудо мегарданд[244] (фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба зӯроварӣ дар оила, мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак, фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила).

Фардӣ ва коллективӣ (марказҳои ёрирасон, бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон).

Субъекти сатҳи ҷумҳуриявӣ ё сатҳи маҳалли муайян (мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо).

Субъектоне, ки фаъолияташонро дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила, дар соҳаҳои тиб, ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои аъзоёни оила ба роҳ мемонанд (фаъолияти мақомотҳои соҳаи маориф оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, мақомотҳои соҳаи тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила).

Одатан, чораҳои махсуси криминологии зерин дар илми ҳуқуқӣ фарқ карда мешаванд: пешгирии криминологии ҳолатҳо ва ҷиноятҳои содиршаванда; безарар гардонидани зуҳуроти бавуҷудомада; чораҳои комилан барҳамдиҳанда[245]. Ба ақиаи Ф.А. Меликов, ба чораҳои махсуси пешгирии криминологии зӯроварӣ дар оила мумкин аст чораҳои зерин дохил карда шаванд: тартиб додани барномаҳои кумаки аввалия ва дарозмуддат ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила; пешниҳод намудани ҷазоҳо нисбати шахсе,

[244] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забони тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ирфон, 2016.
[245] Ниг.: Криминология. Учебник для вузов / Под общ. ред. А.И. Долговой. – 349 с.

ки зӯровариро нисбати аъзои оилаи худ ё хешовандони наздики худ татбиқ мекунад[246]. А.В. Штефан бошад, ба чораҳои махсуси пешгирии зӯроварӣ дар оила, расонидани кумак аз ҷониби мақомотҳои давлатиро ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила шомил менамояд[247]. Тавре таҷрибаҳо нишон медиҳанд, чораҳои махсуси пешгирии криминологии зӯроварӣ дар оила чораҳое мебошанд, ки дар мубориза бо зуҳуроти мазкур нақши муайян мебозанд, зеро ин чораҳо, пеш аз ҳама, дар ошкор намудан, безарар гардонидан ё умуман нест намудани зӯроварӣ дар оила кумак мерасонанд. Дар ин раванд чораҳои криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оиларо ба ду гуруҳи калон ҷудо намудан мумкин аст: **чораҳои пешгирии ҳолатҳое, ки сабаби содир гардидани ҷинояти хусусияти зӯроваридошта дар оила мегарданд ва чораҳои аз байн бурдани зӯроварӣ дар оила.**

**Чораҳои криминологии пешгирии ҳолатҳое, ки сабаби содир гардидани ҷинояти хусусияти зӯроваридошта дар оила** гаштаанд, чунин тафсир намудан мумкин аст: бетарафии ҷомеа дар пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ташаккули вазъи тоқатнопазирии ҷомеа нисбат ба зуҳуроти мазкур дар ҳалли ин мушкилот нақши муҳим мебозад. Аввалан, сабаби асосии содир намудани ҷинояти хусусияти зӯроваридошта нисбат ба аъзои оила, ин баҳсу мунозираи оилавӣ дар давраи муайян ба ҳисоб меравад. Сабаби пайдоиши чунин баҳсҳо дар оила дар бисёр ҳолатҳо, ин тарзи ҳаёти ғайрииҷтимоии яке аз тарафҳо (ҷинояткор ё ҷабрдида) дар оила буда метавонад, ки аз мавҷудияти ин мушкилот аксарияти шахсон: ба монанди хешовандон, ҳамсоягон ва ё ҳамкорон хабар доранд. Дар ин марҳила пешниҳод менамоем, ки муҳити гирду атроф ҳангоми таҳлили дуруст ва ҳисси фаъоли гражданӣ, ҳамчун сарчашмаи асосии маълумот ба мақомотҳои дахлдор барои бартараф намудани ҷинояткорӣ дар самти зӯроварӣ дар оила баромад карда метавонанд. Ин ҳолат

[246] Ниг.: Меликов Ф.А. Уголовно-правовые и криминологические меры противодействия насилию в семье: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2017. – 23 с.

[247] Ниг.: Штефан А.В. К вопросу о специальных криминологических мерах предупреждения насилия в отношении несовершеннолетрных в семье / А.В. Штефан // Вестник Челябинского государственного университета. – 2010. – №25 (206). – С. 72-75.

барои ба ҷинояткор табдил ёфтани аъзои муайяни оила ва ҳам пешгирии ҳолатҳои виктимологӣ дар оила сабаб гашта метавонад. Тавре қайд менамоянд, инкишофи комил ва устувори дастаҷамъона дар ҳудуди дахлдор, самти афзалиятноки пешгирии виктимологӣ ҳисобида мешавад[248]. Баъдан, чунин шахсон барои шахси нисбати аъзои оилаи худ ҷиноятсодиркунанда ва ҷабрдида бегона ҳисобида намешаванд ва бо ин нафарон онҳоро муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ бо ҳам мепайвандад, ки ин ҳолат барои корҳои пешгирикунанда дар ин самт шароит фароҳам меорад. Дар алоқамандӣ бо таҳлилҳои овардашуда, бояд гуфт, ки имконияти иштироки иҷтимоии аҳолӣ дар пешгирии зӯроварӣ дар оила, тибқи меъёрҳои қонунӣ бояд ҳифз гарданд. Яъне, оиди иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҳуқуқӣ диққати махсус додан лозим аст. Шаклҳои иштироки шаҳрвандон дар ин муносибатҳо бо роҳҳои гуногун амалӣ гардиданашон имкон дорад:

– бо роҳи дастаҷамъӣ ё фардӣ;

– тибқи меъёрҳои қонунгузорӣ муқарраргардида;

– доимоамалкунанда ва муваққатӣ;

– мустақилона ва дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ;

– дар асоси ҳисси баланди шаҳрвандӣ доштан ва бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу дахлнопазирии шахсӣ ё бо роҳҳои дигари ҳавасмандгардонӣ[249].

Ба шакли дастаҷамъонаи иштироки аҳолӣ дар пешгирии зӯроварӣ дар оила, ки дар қонунгузории мо мавҷуд ҳастанд, дохил мегарданд:

1. Комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон ва аъзои ноболиғи оила, ҳамчунин, барои пешгирӣ намудан ва безараргардонии зуҳуроти бо зӯроварӣ дар оила алоқамандбуда ваколатдор гардидаанд.

2. Мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, ки яке аз ваколатҳои асосии он тартиб додани мавод, оғоз намудани парвандаҳои

---

[248] Ниг.: Варчук Т.В., Вишневецкий К.В. Виктимология: учеб.пособие. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2010. – 134 с.
[249] Ниг.: Гаврилов А.М., Степанов В.В. Привлечение населения к участию в борьбе с преступностью. – М.: Юрлитинформ, 2007. – С. 86-87.

ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (масалан, тартиб додани протоколҳои маъмурӣ тибқи моддаи 93[1] ва 93[2] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ – вайрон кардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила ва вайрон кардани талаботи амрномаи муҳофизатӣ) ё парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад[250]. Ҳамчунин, ба ин категория дигар мақомотҳое, ки бо пешгирӣ ва ҷинояткорӣ дар оила мубориза мебаранд, дохил мегарданд[251].

Бояд гуфт, ки ғайр аз ин, ташкили комиссияҳои назоратӣ дар назди мақомотҳои дахлдори давлатӣ оид ба баҳодиҳии фаъолияти мақомотҳо аз ҷониби ҷомеа нисбати зуҳуроти зӯроварӣ дар оила метавонад ҳамчун яке аз чораҳои махсуси дастаҷамъона баромад кунад. Мақомотҳои маҳаллӣ вазифадор карда шаванд, ки оид ба фаъолияти солонаи зӯроварон дар оила ё шахсоне, ки қаблан бо сабаби содир намудани зӯроварӣ дар оила ба ҷавобгарӣ кашида шуда буданд, ҳамчунин қурбониёне, ки дар давоми сол ба онҳо муроҷиат намудаанд, ба мақомоти дахлдор ҳисоботи хаттӣ пешниҳод намоянд. Ин чораҳо ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва бартарафнамоӣ ё такроршавии он мусоидат менамоянд.

**Чораҳои фардии** иштироки шаҳрвандон дар пешгирии зӯроварӣ дар оила низ бояд дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» оварда шаванд. Ба чораҳои фардии иштироки шаҳрвандон дар пешгирии зӯроварӣ дар оила фаъолияти шахсони алоҳидаро, ки дар маҳалҳо ба ҳайси намоянда ё шахсони фаъоли дигар баромад менамоянд, ворид намудан мумкин аст.

Фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ, ки аз ҷониби кормандони шуъбаи кофтукови ҷиноятӣ анҷом дода мешаванд низ, ба ақидаи С.Н. Абелсев асоси

---

[250] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зӯроварӣ дар оила» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2013. – №3. – мод. 197.

[251] Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон; Вазорати корҳои дохилӣ; Марказҳои ёрирасон ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила; Марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагон; Мақомоти Судӣ; Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

чораи пешгирикунандаи фардии ҷинояткориро ташкил медиҳад[252]. Дар ин ҳолат гуфтан имкон дорад, ки дар қисми 3, моддаи 7–и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ» ба сифати асосӣ гузаронидани чорабинии оперативӣ–ҷустуҷӯӣ баромад мекунад: аломатҳои кирдори ҷиноятии тайёршаванда, содиршаванда ё содиршуда, ҳамчунин, дар бораи шахсоне, ки онро тайёр ё содир мекунанд, ё содир кардаанд, агар барои ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ асосҳои кофӣ мавҷуд набошанд[253]. Дар ин замина, гуфтан мумкин аст, ки дар назарияи фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ, зери мафҳуми пешгирии ҷинояткорӣ, фаъолияти воҳидҳои оперативие, ки ба пешгирии ҷиноят ва ошкор кардани шахсони кирдори ғайриҳуқуқӣ содиркунанда, ҳамчунин, татбиқи зарурии нисбати онҳо нигаронидашуда фаҳмида мешавад[254]. Хусусияти пешгирии ҷинояткорӣ дар фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ дар он аст, ки масъалаи мазкур дар шакли пешгирии фардӣ анҷом дода мешавад ва объекти онро шахсони воқеие ташкил медиҳанд, ки тарзи рафтори онҳо, дар ҳақиқат ҳам, аз содир намудани ҷиноят шаҳодат медиҳад[255].

**Чораҳои аз байн бурдани зӯроварӣ дар оила.** Ба ин гуруҳи чораҳои криминологӣ санҷиши риоя ва иҷрои меъёрҳои қонунӣ аз ҷониби субъектони дахлдорро дохил намудан мумкин аст. Масалан, дар соли 2016 бо мақсади иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз тарафи нозирони минтақавӣ ВКД ҶТ дар тамоми ҷумҳури 2624 ариза баррасӣ гардид, ки аз онҳо 1999–тоаш нисбати мардон, 621 адад нисбати занон ва 4 адад нисбатиноболиғон буд. Дар соли 2017 2911 аризаро дида баромаданд, аз он ҷумла 2368 адад нисбати мардон, 538 адад нисбати занон ва 5 адад нисбати ноболиғон. Дар соли 2018 3048 ариза, ки 2552–тои онҳо нисбати

[252] Ниг.: Абельцев С.Н. Личность преступника / Гл. ред.: Эриашвили Н.Д. – М.: Закон и право, ЮНИТИ-ДАНА, 2000. – 207 с.
[253] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» // АМО ҶТ. 2011, №3, м.155: 2014, №7, ч.1, м.387.
[254] Ниг.: Дубоносов Е.С. Основы оперативно-розыскной деятельности: учебное пособие для вузов. – Москва: Издательство Юрайт, 2009. – 350 с.
[255] Ниг.:Криминология: Учебник для вузов / Под общ. ред. А.И. Долговой. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Норма, 2003. – С. 451-452.

мардон ва 496 адад нисбати занон буд. Дар натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда, парвандаҳои ҷиноятӣ аз рӯйи моддаҳои гуногуни Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз карда шуданд. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳои баррасигардида – дар соли 2016 – 13918 адад, соли 2017 – 17136, соли 2018 – 15263 адад ва дар нимсолаи аввали соли 2019 – 10183 ададро ташкил доданд, ки нисбати 9267 нафар қарор қабул карда шуд. Ба 3627 нафар огоҳӣ ва нисбати 5639 нафар ҷаримаҳои маъмурӣ ба маблағи 939265 сомонӣ татбиқ карда шудааст. Дар рафти баррасии ин парвандаҳо далелҳои ҳуқуқвайронкуниҳо ошкор карда шуданд, ки дар 2165 ҳолат таъиноти хусусӣ бароварда шуда, барои иҷро ба ҷамоатҳо, маҳалҳо ва сохторҳои дахлдор фиристода шуданд[256]. Тибки маълумоти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2020 вобаста ба кирдорҳои зӯроварӣ дар оила 318 парванда нисбати 231 нафар баррасӣ гардида, аз онҳо оид ба 290 парванда нисбати 295 нафар ҳукми айбдоркунӣ бароварда шудааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2019, 218 парванда аз онҳо оид ба 179 парванда нисбати 189 нафар ҳукми айбдоркуниро ташкил медод[257].

Ба фаъолияти судӣ дар пешгирии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила диққати махсус додан лозим аст. Дар ин замина, ду функсияи асосии судиро оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, дар доираи парвандаҳои ҷиноятӣ, фарқ кардан мумкин аст.

Якум, ин иштироки судҳо дар раванди тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба зӯроварӣ дар оила, дар намуди татбиқнамоии ҷазоҳо ба кирдорҳои алоҳидаи зӯроварӣ дар оила, дар шакли ҷазои ҷиноятӣ дар намуди ҷарима; корҳои ҳатмӣ; корҳои ислоҳӣ; маҳдуд кардани озодӣ; имконияти зуҳури зӯроварӣ дар оила ва хатари содиршавии онро зиёдтар менамояд, дар муқобил бо ҷазоҳое, ки хусусияти маҳрумнамоӣ аз озодиро доро ҳастанд. Татбиқи

[256] Ниг.: Мониторинги амалисозии Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023. – Душанбе, 2020. – 126 с.
[257] Ниг.: Маърузаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020. – Душанбе, 2021. – 83 с.

ҷазое, ки дар ҳақиқат, нисбати шахсе, ки дар оила ва нисбати аъзои оилаи худ ҷиноят содир намудааст, дар намуди аз озодӣ маҳрум сохтан ва татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта дар мӯҳлатҳои гуногун, имконияти содир намудани кирдорҳои хусусияти зӯроваридоштаро дар оила барои ҷинояткор (вақти муайянгардида) нест менамояд.

Дуюм, таъсиррасонии огоҳнамоӣ низ дар фаъолияти судҳо дида мешавад. Ин ҳолат асосан дар парвандаҳои ҷиноятие, ки оид ба айбдоркунии судӣ, дар вобастагӣ бо моддаҳои 112 (Қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ), 117 (Азобу уқубат), 120 (Таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ) Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусияти пешгирикунандагиро доро ҳастанд, бештар дида мешавад. Баррасӣ ва татбиқнамоии ҷазо нисбати ҷиноятҳои начандон вазнини муқобили ҳаёт ва саломатӣ равонагардида барои дар оянда содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, аҳаммияти пешгирикунанда дорад. Ҳамчунин, пешбинӣ гардидани ҷавобгарӣ нисбати кирдорҳои дар моддаи 174 кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ), моддаи 177 кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бадқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон) ва моддаи 178 кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бадқасдона саркашӣ намудани фарзандон аз таъминоти волидайни ғайри қобили меҳнат)[258] хусусияти пешгирикунандаи ҷинояткориро дар муносибатҳои оилавӣ доранд.

Назорати ҷиддии бақайдгирии муроҷиатҳо оид ба зӯроварӣ дар оила, таҳдидҳо нисбати аъзои оила, баҳсҳои дар оила бавуҷудомада низ, яке аз

[258] Кодекси ҷиноятии Ҷумхурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №9. – м.м. 68-69; – №22. – м. 306; – 1999. – №12. – м. 316; – 2001. – №4. – м. 149, м. 167; – 2002. – №11. – м. 675. – м. 750; – 2003. – №8. – м. 456. – м. 468; – 2004. – №5. – м. 346; – №7. – м.м. 452-453; – 2005. – №3. – м. 126; – №7. – м. 399; – №12. – м. 640; – 2007. – №7. – м. 665; – 2008. – №1. – қ. 1. – м. 3; – №6. – м. 444. – м. 447; – №10. – м. 803; – №12. – қ. 1. – м. 986; – №12. – қ. 2. – м. 992; – 2009. – №3. – м. 80; – №7-8. – м. 501; – 2010. – №3. – м. 155; – №7. – м. 550; – 2011. – №3. – м. 161; – №7-8. – м. 605; – 2012. – №4. – м. 258; – №7. – м. 694; – 2013. – №6. – м.м. 403-404; – №11. – м. 785; – №12. – м. 881; – 2014. – №3. – м. 141; – №7. – қ. 1. – м.м. 385-386; – 2015. – №3. – м.м. 198-199; – №11. – м. 949; – №12. – қ.1. – м. 1107; – 2016. – №3. – м. 127; – №5. – м.м. 355-356; – №7. – м.м. 608-609; – №11. – м.м. 874-875; – 2017. – №1-2. – м.м. 2-3. – №7-9. – м. 586; – 2018. – №1. – м.м. 4-5; – №5. – м. 266; – №7-8. – м. 522; – 2019. – №1. – м.м. 1-2; – №6. – м. 311; – 2020. – №1. – м.м. 8-9; – №7-9. – м. 607. – м. 623; – №12. – м. 904; – 2021. – №4. – м. 196; – №12. – қ. 2. – м. 683; ҚҶТ аз 19.07.2022. – №1895. – №1896.

чораи имтиёздори ин зуҳурот мебошад. Тавре зикр карда шуд, зӯроварӣ дар оила хусусияти баланди латентнокиро соҳиб аст. Ҳамчунин, аз ҷониби мақомотҳои корҳои дохилӣ ҳолатҳои сабуке, ки бо зӯроварӣ дар оила алоқаманд ҳастанд, ба қайд гирифта намешаванд, ки ин раванд ба хоҳиши ба ҷавобгарӣ кашидани ҷабрдидагон аз зӯроварӣ дар оила таъсири манфӣ мерасонад. Яке аз сабабҳои латентнокӣ ва пинҳоннамоии далелҳои ҷинояти хусусияти зӯроваридошта дар оиларо, ҳамчунин, ҳаракатҳои бадахлоқонаи ғайриҷиноятии яке аз аъзои оила ва тарзи ҳаёти ғайриичтимоии яке аз аъзои оила низ, ин ба қайд нагирифтани чунин субеъкони оилавиро дар мақомотҳои махсус ташкил медиҳад.

Ҳангоми таҳлили хусусиятҳои махсуси чораҳои криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила, зикр бояд кард, ки қабули стратегияи комплексии пешгирии ҷиноятkорие, ки аз қонун дар бораи пешгирии ҷиноятkорӣ ва барномаҳои гуногуни давлатӣ оид ба пешгирии ҷиноятkорӣ иборат бошанд, зарур аст. Дар ин замина, қайд бояд кард, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар ҷумҳурии мо қабул гардида бошад низ, баъзе меъёрҳои он ба такмили ҳуқуқӣ–иҷтимоӣ ниёз доранд. Тавре дар боло қайд намудем, яке аз мушкили асосӣ дар қонунгузории миллӣ оид ба муносибатҳои оилавӣ, ин дар доираи қонун муайян набудани аъзои оила мебошад. Яъне, ки аъзои оила ҳисобида мешавад падару модар, зану шавҳар, фарзандон, бародару хоҳарон ва ё хешовандон ба монанди амма, хола, шавҳари хола, амак, тағо, ҷиянҳо низ аъзои оила буда метавонанд ё не? Пешниҳод менамоем, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аъзои оила мушаххас гарданд ва, дар ин замина, ҷазо нисбати ҷиноятkор татбиқ карда шавад. Нисбати ҷиноятkоре, ки нисбати аъзои оилаи худ ҷинояти хусусияти зӯроваридошта содир менамояд, ҷазои одилона таъин карда шавад, ки ин масъала низ қонунан мушаххас будани аъзои оиларо тақозо менамояд. Масалан, дар маълумоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба зӯроварӣ дар оила, ҷиноятҳои аз

ҷониби амма, ҷиянҳо, тағо, бародароне, ки мустақилона зиндагонӣ менамоянд ва собиқ ҳамсарон ба категорияи ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила ворид карда шудаанд. Аммо муносибатҳои оилавӣ дорои хусусияти хоси худ ҳастанд, ки ҳангоми татбиқи ҷазо бояд ба инобат гирифта шаванд. Пас, дар асоси таҳлилҳои овардашуда, гуфтан мумкин аст, ки меъёрҳои кодекси ҷиноятӣ, ки муносибатҳои оилавиро ба танзим медароранд низ бояд тақвият дода шаванд. Дигар масъала, ин доираи амали қонуни мазкур мебошад, ки меъёри муқаррарнамудаи он оммафаҳм нест. Тибқи моддаи 4–и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», амали қонуни мазкур нисбат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат дошта, дар акди никоҳ мебошанд ва аъзои оилаи онҳо, ҳамчунин, нисбат ба шахсоне, ки бо пешбурди хоҷагии умумӣ якҷоя зиндагӣ мекунанд, татбиқ мегардад. Дар ин ҳолат вазъи ҳимояи ҳуқуқҳои заноне, ки шавҳаронашон дар хориҷи кишвар зиндагонӣ менамоянд ва ё заноне, ки бо сабабҳои гуногун шаҳодатномаи акди никоҳ низ надоранд, мутлақан зери суол боқӣ мемонад. Ҳолати дигар, ин боз ҳам мушкилоти номуайянии қонунии аъзои оила мебошад. Дар кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, муқаррар намудани меъёрҳое, ки махсусан ҷиноятҳои дар доираи муносибатҳои оилавӣ пайдошавандаро ба танзим дарорад, лозим меояд, то ин ки тағйир додан ё шабеҳ намудани ин кирдорҳо бо дигар ҷиноятҳо ғайриимкон бошад. Ҳамзамон дар қонунгузорӣ, фарқият гузоштани ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила нисбати қурбонӣ аз зӯроварӣ дар оила лозим аст.

Институтҳо оид ба расонидани кумаки иҷтимоӣ ба оила бо мақсади пешгирии зӯроварӣ дар оила дар солҳои охир таъсис ёфта истодаанд. Шумораи чунин ташкилотҳо таносубан бо шумораи аҳолӣ кифоя нестанд, саъю кӯшишҳои онҳо парокандаанд, онҳо барои пешгирии кор бо маҷмуи воситаҳои ҳифзи иҷтимоӣ зарурат доранд. Чунин ба назар мерасад, ки таъсиси системаи ҷудонашавандаи чораҳои махсус оид ба пешгирии ҷиноятҳои

хусусияти зӯроваридошта дар оила бе дастгирии меъёрӣ ва ҳуқуқии корҳои профилактикӣ дар ин самт ғайриимкон аст. Ба андешаи мо, пеш аз ҳама, Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»–ро аз нав таҳия ва қабул кардан зарур аст, ки ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқиро аз зӯроварӣ дар оила танзим намуда, асосҳои сиёсати пешгирифтаи ҷумҳуриро дар ин самт дар як санад муқаррар намояд. Ҳамзамон, меъёрҳои он барои аҳолӣ сода ва мушаххас бошанд. Ин қонун бояд ҳалли вазифаҳои асосии зеринро таъмин намояд:

– сари вақт муайян кардани ҳолатҳои душвори зиндагӣ дар оила, ки хатари зӯровариро дар онҳо эҷод мекунанд, ҳамчунин, сари вақт бартараф намудани мушкилоти чунин оилаҳо ва ҳалли масъалаҳои пайдогардида бо чораҳои пешгирикунандаи хусусияти иҷтимоию ҳуқуқидоштаи зӯроварӣ дар оила;

– таъмин ва фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои дастрасӣ пайдо намудан ба имкониятҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ нисбати ҷабрдидагоне, ки мунтазам дучори зӯроварӣ дар оила мегарданд ва ба ин васила сохтани системаи ягонаи муҳофизат аз зӯроварӣ дар оила, ки қодир ба ҳалли ҳама гуна мушкилоти дар ин самт пайдогардида бошад;

– таъсиси институтҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, ҳифзи ҳуқуқҳои дахлнопазирии ҳаёти шахсии ҳар як аъзои оила ва зӯровароне, ки амали зӯровариро нисбати дигар аъзои оила татбиқ мекунанд;

– таъсиси муассисаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ барои таъмини ҳифзи иҷтимоии аъзои оилае, ки ба ҳаёт ва саломатии онҳо дар оила таҳдид вуҷуд дорад.

– зиёд намудани таъсиси муассисаҳои офиятбахшии иҷтимоию рӯҳии шахсоне, ки аз зӯроварӣ дар оила ва аз таъсири он зарар дидаанд;

– таҳияи кафолатҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои танзимкунандаи самаранокии фаъолияти институтҳои пешгирии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ аз зӯроварӣ дар оила;

– таъмини ҳуқуқӣ ва муайян намудани мақомотҳое, ки барои гирифтани маълумоти боэътимод дар самти зӯроварӣ дар оила мусоидат карда метавонанд.

Қонуни мазкур бояд чораҳои махсуси криминологӣ–иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро аз зӯроварӣ дар оила мушаххасан муқаррар намояд; ҳамчунин, намудҳои муассисаҳо ва ташкилотҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, ки фаъолияти онҳо ба муҳофизати ҷабрдидагони (қурбониёни) зӯроварӣ дар оила равона гардидаанд, дар алоҳидагӣ муқаррар гарданд; муассисаҳое, ки ба таъмини паноҳгоҳи муваққатӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, пешгирии ин зуҳурот ва декриминализатсияи ҷамъиятӣ дар вобастагӣ ба ин самт алоқаманданд, дар сатҳи қонунӣ фаъолияташонро бо ҳам дар якҷоягӣ ба роҳ монанд; назорати давлатӣ аз болои мақомотҳои дахлдори ин самт оид ба иҷрои уҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои онҳо нисбат ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзоёни оила ба роҳ монда шавад.

Ғайр аз ин дар Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», ба назари мо, бояд меъёрҳои санадҳои қонунгузории соҳавии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои ҳуқуқии санадҳои байналмилалие, ки дар ҷумҳурии мо эътибори қонунӣ доранд ва оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила равона гардидаанд, аз қабили ҳифзи ҳуқуқи занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила, пиронсолон, маъюбон, ки бо эҳтимоли зиёд дучори зӯроварӣ дар оила гардиданашон имкон дорад, таҷассум карда шаванд. Ҳамчунин, дар асоси қонуни мазкур бо мақсади баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, таҳия ва қабули барномаҳои махсуси дарозмуддати мубориза бо зӯроварӣ дар оила дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва дар сатҳи маҳаллӣ давра ба давра амалӣ карда шаванд. Амалигардонии барномаҳо оид ба зӯроварӣ дар оила зери назорати қатъӣ гирифта шавад. Ин барномаҳо имкон медиҳанд, ки фаъолияти реалии муассисаҳои гуногуни давлатӣ ва ҷамъиятӣ барои пешгирии ин ҷиноятҳо, тартиби ҳамкории онҳо бо якдигар ва сохторҳои дигар, инчунин, масъулияти онҳо барои натиҷаҳои фаъолияти худ мушаххас ва муфассал шарҳ дода шаванд. Ҳалли ин гуфтаҳо бо ворид намудани меъёрҳои нави танзимкунандаи ҳуқуқӣ дар қонунгузории амалкунандаи давлатии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати пешгирифтаи давлати мо дар самти оила имконпазир аст.

Бояд гуфт, ки дар шароити инкишофи баробарҳуқуқии гендерӣ ва огоҳӣ пайдо намудан дар самти муносибатҳои оилавӣ оид ба ҳуқуқҳои аъзои оила, муайяннамоии шумораи зиёди ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта низ мушоҳида мегарданд. Ин раванд, пеш аз ҳама, дар фароҳам овардани шароит барои ташкил намудан ва тайёр намудани мутахассисони соҳаи ҷиноятӣ–криминологиро дар ҳар шаҳру ноҳия ва деҳот талаб мекунад. Дар баробари ин, ҳамкории наздиктар ва фаъолонаи субъектҳои пешгирии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила бо васоити ахбори омма зарур аст. Аз ҷумла, иштироки васоити ахбори омма дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила метавонад дар асоси самтҳои зерин амалӣ карда шавад: ташаккули таҳаммулнопазирӣ дар байни ҳама гуна зӯроварӣ нисбати шахс, махсусан дар оила, васеъ инъикос намудани таҷрибаи байналмилалӣ дар ҳалли мушкилоти пешгирии зӯроварӣ дар оила; ташкили барномаҳои иттилоотӣ, дигар барномаҳо, гузоришҳо, паёмҳо, саҳифаҳои интернетӣ ва ғайра, ки ба шарҳи шаклҳо, усулҳо ва чораҳои мушаххас оид ба муқобили ин зуҳуроти манфии иҷтимоӣ, аз ҷумла, тарзи сохти рафтори онҳо барои ҷабрдидагони эҳтимолии мунокишаҳои оилавӣ зарур аст; пешниҳод намудан ба аҳолӣ, фаъолияти мақомотҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳоеро, ки дар асоси муроҷиати ҷабрдида имконияти расонидани кумакро доранд, аз ҷумла, фаъолияти марказҳои буҳронии давлатӣ ва ҷамъиятӣ оид ба кумак ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила; паҳн кардани маълумот дар бораи намудҳои мавҷудбудаи ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила. Зарур аст, ки кормандони васоити ахбори омма, ки умқи ин мушкилотро дарк мекунанд, барои нашри маводе, ки пешгирии зӯровариро ба вуҷуд меоранд, сиёсати касбии худро таҳия намоянд. Дар ин ҷо, ба назари мо, бидуни иштироки мақомоти давлатӣ натиҷаи назаррас ба даст омада наметавонад ва, аз ин сабаб, бояд дар алоқамандӣ бо васоити ахбори омма

фазои тахаммулнопазирӣ нисбат ба таҷовуз, бераҳмӣ, зӯроварӣ, аз ҷумла, зӯроварӣ дар оиларо ба вуҷуд овард. Умуман, дар сиёсати иттилоотии давлатӣ тағйироти ҷиддӣ лозим аст, ки ин яке аз шартҳои зарурии ҳифзи рӯҳияи шаҳрвандон аз зӯроварӣ мебошад. Дар бисёр кишварҳои ҷаҳон оиди ин масъала ҳам чораҳои ҳуқуқӣ ва ҳам техникӣ фаъолона истифода бурда мешаванд: аз қабили қабули меъёрҳое, ки намоиши маводи видеоии таблиғоти зӯрвариро манъкунанда[259], блокаторҳои махсус дар телевизионҳо, ба роҳ мондани функсияи назорати волидайн аз телефонҳои фарзандон ва ғайраҳо. Гузашта аз ин, ба шарофати ин чораҳо, истеҳсол ва намоиши филму видеоҳо ва, ҳамчунин, саҳифаҳои интернетие, ки пур аз саҳнаҳои хусусияти зӯроваридошта, бераҳмӣ ва ахлоқи ғайрииҷтимоӣ ҳастанд, зери назорат қарор мегиранд, ки ба равиши татбиқи зӯроварӣ низ бетаъсир намемонад.

Таҷрибаҳои муасисаҳои бухронии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва бартарафнамоии зуҳуроти зӯроварӣ дар оила ба қадри кофӣ омӯхта, оммавӣ ва паҳн нашудаанд (махсусан, дар маҳалҳо ва ноҳияҳои дурдаст). Аз ин рӯ, барои таҳияи чораҳои махсуси муассири криминологии хусусияти пешгирикунандадошта, зарур аст: дар сатҳи минтақавӣ мақомоте (муассиса) таъсис дода шавад, ки тамоми маълумоти дар минтақаи дахлдор мавҷудбударо оид ба мушкилоти зӯроварӣ дар оила, дар якҷоягӣ ҷамъоварӣ кунад. Аз ҷумла, маълумотҳои аз мақомоти судӣ бадастомада, муассисаҳои хусусию давлатии вобаста ба зӯроварӣ дар оила фаъолияткунанда, ҷабрдидагони (қурбониёни) ба милитсия муроҷиаткунанда, фаъолияти дигар муассисаҳо, ташкилотҳои ин минтақа ҷиҳати пешниҳоди маълумоти дахлдор, ки барои ҷамъоварии чунин маълумот зарур аст, вазифадор карда шаванд ва ин муассисаҳо ва ташкилотҳо ба ин мақомот ҳама гуна маълумоти дархосткардаи онро пешниҳод кунанд; принсипҳо ва тартиби ҳамкории мақомоти гуногун, муассисаҳо, ташкилотҳо, аз ҷумла, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инчунин, корхонаҳо ва дигар шахсони ҳуқуқиро дар мавриди мубодилаи

[259] http://www.Consultant.ru Кодекси граждании Федератсияи Россия моддаи 152.1 ва 152.2 (сомонаи интернетӣ аз 13.06.2022).

иттилооти дахлдор таҳия намояд; таҳқиқоти мунтазами илмиро оид ба проблемаҳои мубориза бо зӯроварӣ дар оила, ки бо маблағгузории мувофиқ дастгирӣ мешаванд, ташкил кунанд.

Бо мақсади ҳамоҳангсозии ҳамкории мақомоти қонунгузор ва иҷроияи ҳокимияти давлатии субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти татбиқи сиёсати иҷтимоӣ – ҳуқуқӣ оид ба мубориза бо зӯроварӣ дар оила, ҳамчунин, аз рӯйи самти ҳимояи иҷтимоӣ – ҳуқуқии ҳифзи манфиатҳои оила, занон ва кӯдакон, ҳар як шаҳрванди ҶТ, Шуроҳои ҳамоҳангсозанда оид ба муқовимат бо зӯроварӣ дар оила таъсис диҳад. Вазифаҳои асосии таъсис ва фаъолияти ин шуроҳо, аз ҷумла, метавонанд таҳия ва дар амал татбиқ намудани системаи байниидоравии ҳифзи аҳолӣ, хусусан занон ва кӯдакон аз зӯроварӣ дар оила; назорати фаъолияти мақомоти ҳудудии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқии вилоят дар таҳияи ҳисоботи солона оид ба вазъи иҷтимоию иқтисодии оила, занон ва кӯдакон; омӯзиши таҷрибаи кори мақомоти ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия оид ба масъалаҳои марбут ба салоҳияти он; назорат аз болои додани имтиёзҳо ва кафолатҳои иҷтимоӣ, ки қонунгузории ҷорӣ барои оилаҳо, занон ва кӯдакон пешбинӣ кардааст; иштирок дар омодагӣ ва баргузории конфронсҳо, семинарҳо ва вохӯриҳо оид ба мушкилоти зӯроварӣ дар оила; бо тартиби муқарраршуда ба мақомоти қонунгузор ва иҷроия; пешниҳодҳо оид ба ҳалли мушкилоти мушаххаси беҳбуди вазъи оила, занон ва кӯдакон ва решакан кардани зӯроварӣ дар оила ва дар маҷмуъ ҷомеа; тибқи тартиби муқарраршуда комиссияҳои муваққатӣ, гуруҳҳои корӣ аз ҳисоби олимон, мутахассисон, аз ҷумла, намояндагони мақомоти давлатӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои омода намудани пешниҳодҳо оид ба ин масъалаҳо таъсис дода шаванд.

Дар айни замон, чунин як мушкилоти шадиди иҷтимоӣ, ба монанди зӯровари дар оила, ҳадафи махсуси мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои иҷтимоиро ташкил намедиҳад, аз ин рӯ, ҳалли маҷмуи мушкилоти ба зӯроварӣ

дар оила алоқаманд, ба як соҳаи мустақили фаъолияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар муассисаҳо ва фондҳои хайрияҳои мустақил табдил наёфтааст. Дар ин ҷо гуфтан лозим аст, ки барои ҳифзи оила дар мактабҳои миёна фанни таълимӣ бо номи «Маърифати оиладорӣ» ба роҳ монда шудааст. Аммо омӯзиш ва дарки муносибатҳои оилавӣ ва мушкилоти дар оила пайдошаванда, ҳамчунин, ҳолатҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила, самтҳо ва дигар муносибатҳои оилавӣ барои донишҷӯён ва шахсони аз 18–сола боло низ таносубан нисбати ноболиғон лозим ва зарур аст. Ҳолати рӯҳии ноболиғон барои дарки муносибатҳои дар вобастагӣ бо зӯроварӣ дар оила пайдошуда ва чораҳои пешгирикунандаи онҳо рушд накардааст. Дар ҳамин замина, пешниҳод менамоем, ки фании омӯзишии «Пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар тамоми муассисаҳои баъдимактабӣ ҳатмӣ гардонида шавад ва дар раванди омӯзиши фанни мазкур ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва иҷтимоии оила, ҳамчунин, татбиқи ҷавобгарӣ ҳангоми содир намудани зӯроварӣ дар оила мушаххасан омӯзонида шавад.

**Чораҳои ҳуқуқӣ–мурофиавӣ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои шаҳрвандӣ ва парвандаҳои хусусии айбдоркунӣ оид ба муносибатҳои оилавӣ** низ ба қадри кофӣ самарабахш нестанд. Дар робита ба ин, мо комилан бо ақидаи Т.А. Сидоренкова розием, ки ӯ изҳор намудааст, ки тағйирот дар шароити рушди иҷтимоӣ, омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар ин самт, инчунин, амалияи пайдоиши фаъолияти созмонҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила фавран ислоҳотро талаб мекунад. Дар сафи пеши фаъолияти онҳо бояд ҳадафи барқарорсозии адолати иҷтимоӣ ба маънои васеи он бошад ва кори ҳама субъектҳои пешгирӣ бояд тавре тарҳрезӣ карда шавад, ки он бештар ба хоҳиши қурбониён вобаста бошад ва афзалият бояд ба амният ва беҳбудии онҳо, ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ, пешгирии амалҳои нави зӯроварӣ дар оянда дода шавад. Парвандаҳои ҷиноятиро тавре баррасӣ кардан лозим аст, ки манфиатҳои ҳар се иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ – ҷабрдида, ҷинояткор ва ҷомеае, ки онҳо дар он зиндагӣ мекунанд ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз номи онҳо амал мекунанд, ба назар гирифта шаванд. Ҳуқуқи онҳое, ки аз зӯроварӣ

азият мекашанд, воқеан ҳифз карда мешавад, агар масъалаи ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдидагон ба яке аз меъёрҳои асосии баҳодиҳии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки таъқиби ҷиноятиро анҷом медиҳанд, мубаддал гардад[260]. Дар байни омилҳои назаррасе, ки сабаби зиёд гардидани ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила мегарданд, ин аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ андешида нашудани чораҳои зарурӣ оид ба изҳороти шаҳрвандон дар бораи амалҳои авбошӣ, таҳқир ва латукӯб дар оила аст, ки баъдан табдил меёбанд ба ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила. Ин ҳолат аксар вақт ба оқибатҳое оварда мерасонад, ки шахсон ҷиноятҳои вазнини хусусияти зӯроваридоштаро дар оила содир менамоянд ва бо вуҷуди хатари иҷтимоии зиёд доштани кирдорашон ба ҳабс гирифта намешаванд ва аз ҷониби мақоми ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеа назорат карда намешаванд. Ин ба онҳо (зӯроварон) имконият медиҳад, ки зӯровариро такроран содир намоянд. Аз тарафи дигар, ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, бо сабабҳои гуногуни хусусияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавию иҷтимоидошта маҷбур мешаванд аз шикоят кардан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бораи амалҳои зиддиҳуқуқии аз ҷониби аъзои оила нисбаташон содиргардида худдорӣ намоянд.

Ҳамчунин, яке аз роҳҳои баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирикунанда нисбати шахсоне, ки зӯроварӣ дар оила содир кардаанд, ин **гузаронидани таҳлилҳо** аз ҷониби мақомотҳои дахлдор нисбати оилаҳое, ки дар онҳо кирдори зӯроварона содир мегардад. Масалан, барои латткӯб – аз озодӣ маҳрум намудан ҳамчун чораи махсуси коҳиш додани зӯроварӣ дар оила баромад мекунад; ҳамзамон, муайян намудани ҳолати оилаҳое, ки шахсе, ки зӯровариро дар оила амалӣ менамояд, адои ҷазо намудааст ва оилаҳое, ки аъзои зӯровари он аз озодӣ маҳрум нагардидааст; татбиқ намудани кадом намуди ҷазои ҷиноятӣ барои коҳиш додани зӯроварӣ дар оила сабаб шуда метавонад ва ғайраҳо. Дар асоси натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда, муайян намудани ҷазо нисбати шахсони зӯровариро дар оила содиркунанда. Дар

[260] Ниг.: Сидоренкова Т.А. Криминологические проблемы предупреждения насилия против женщин в семье: автореф. дис ... канд. юрид. наук. – М., 1999. – 23 с.

баъзе давлатҳо натиҷаҳои озмоиши таҳлилҳо нишон додаанд, ки ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила ҳангоми зиёд шудани эҳтимолияти ҳабс ё зиндон коҳиш меёбад[261]. Бояд қайд кард, ки ҷазо воситаи муассири таъсиррасонӣ ба ҷинояткор танҳо дар шароити муайян мебошад ва, аз ин рӯ, набояд интизор шавем, ки ҳабс ҳамеша воситаи хуби пешгирии зӯроварӣ дар оила хоҳад буд.

Баъди татбиқи ҷазо ба зӯроварони оилавӣ, субъектҳои пешгирӣ бояд баъдан аз болои рафтори онҳо дар ҳаёти ҳаррӯза назорати қатъӣ баранд, барои барқарорсозии иҷтимоию рӯҳӣ чораҳо андешида, фазои муқаррарии эмотсионалӣ ва рӯҳиро дар оила барқарор кунанд[262]. Умуман, чораи таъсир ба шахсоне, ки дар оила ҷинояти хусусияти зӯроваридошта содир кардаанд, бояд ҳамаҷониба татбиқ гардад.

Самти афзалиятноки фаъолияти субъектҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила, ин беш аз ҳама, беҳтар намудани муҳити оилавӣ мебошад, зеро дар доираи муносибатҳои оилавӣ ҳолатҳои манфии иҷтимоию иқтисодии (сатҳи пасти иқтисодӣ дар оила) оила, шароити бади зиндагӣ (маскуншавӣ, бисёрзанагӣ дар асоси никоҳ, ҳамзистӣ ва ғайра), иҷтимоӣ–демографӣ (оилаҳои серфарзанд ва хонаҳое, ки дар онҳо якчанд аъзои оила зиндагонӣ мекунанд), иҷтимоию психологӣ (оилаҳое, ки дар онҳо муносибатҳои харобиовари рӯҳӣ–муноқишавии ҳамсарон, падару модарон ва фарзандон, фазои бегонагии эмотсионалӣ ва рӯҳӣ дар байни аъзои оила вуҷуд дорад), оилаҳои криминогенӣ (майзадагӣ, нашъамандӣ, бадахлоқӣ ва тарзи ҳаёти зиддиҷамъиятии аъзоёни оила, истифодаи латукӯб ё дигар намуди зараррасонии аъзоёни оила нисбати якдигар) омилҳои асосии муайян кардани ҳолат ва пастуболоравии (динамикаи) ин намуди ҷиноятҳо мебошанд. Барои пурра фаро гирифтан ва ба натиҷаи назаррас ноил гардидан, чорабиниҳои пешгирикунанда барои беҳтар намудани вазъи оила бояд бо омилҳои зерин

[261] Ниг.: Берковиц Л. Агрессия: причины, последствия и контроль. – СПб., 2002. – 134 с.
[262] Ниг.: Нечевин Д.К. Социально-правовой регулятор насильственного девиантного поведения молодежи / Д.К. Нечевин // Насилие. Личность. Общество: Тезисы научно-практической конференции. – М., 2000. – С. 3.

амалӣ карда шаванд: 1) муайян кардани оилаҳои носолим; 2) ташхиси мушкилоти дар оила пайдогардида; 3) татбиқи чораҳои пешгирикунанда барои муътадил намудани микромуҳит дар оила; 4) андешидани чораҳои таъсиррасонии маъмурӣ ва ҷиноятӣ–ҳуқуқӣ нисбати шахсоне, ки дар оила ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷинояти хусусияти зӯроваридоштаро содир мекунанд. Муайян кардани оилаҳое, ки дар онҳо мунокишаҳои оилавӣ, рафтори хашмгин ва зӯроварии аъзои он васеъ паҳн шудаанд.

Бо ин мақсадҳо зарур аст, ки машваратҳо бо худи аъзои оилаҳои носолим, ҳамсояҳои онҳо, намояндагони маъмурият ё кормандони муассисаҳои таълимӣ, фароғатӣ, варзишӣ, манзил ва дигар шахсоне, ки маълумоти дахлдор доранд, гузаронида шаванд. Барои муайян кардани оилаҳое, ки муносибатҳои носолими эҳсосӣ–мунокишавии ҳамсарон, падару модарон ва кӯдакон ва аъзои ноболиғи оила вуҷуд доранд, тавсия додан мумкин аст, ки машваратҳо дар муассисаҳои таълимӣ, инчунин, дар муассисаҳои томактабӣ гузаронида шаванд. Худи кӯдакон ё аъзои ноболиғи оила ва волидайни онҳо, хешовандони наздик (бародарону хоҳарони калонсол, бибиҳо, бобоҳо) бо ёрии омӯзгорон ва дигар ашхосе, ки фаъолияташон ба ин самт алоқамандӣ доранд, ба муошират ҷалб гарданд (масалан, равоншиносон, ҳуқуқшиносон–криминологҳо ва ғ.). Барои таҳияи чунин машваратҳо мутахассисонро аз соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон ҷалб кардан лозим аст: ба монанди равоншиносон, омӯзгорон, ҳуқуқшиносон, ҷомеашиносон, табибон ва ғайра. Ба андешаи мо, тавсия дода мешавад, ки ба муассисаҳои томактабӣ як гуруҳи психологҳои махсус омӯзонидашуда ворид карда шаванд, ки метавонанд шароити номусоиди оиларо аз ташхиси психологии кӯдакон, машваратҳои психологии волидон ва мураббиён муайян намоянд. Ташхиси оилаҳои носолим тавассути омӯзиши ҳуҷҷатҳо, гузаронидани суҳбатҳо, мушоҳида, машварат, пурсиш, таҳлили маълумоти ҷамъоваришуда анҷом дода мешавад. Экспертизаи комиссияи муқарраргардида бо таҳияи гузориши пурсиш, ки хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии оилаи носолимро дар асосҳои зерин инъикос

мекунад (шумораи аъзои оила, вазъи молиявии он, шароити зист, фазои маънавӣ, муносибати волидайн бо якдигар ва бо кӯдакон ва аъзои ноболиғи оила, маълумот дар бораи рафтори аъзои оила ва ғайра), ҷамбаст гардида, ба мақомотҳои дахлдор пешниҳод гарданд. Ҳамзамон, барои арзёбии объективонаи муносибатҳои оилавӣ омӯзгорони ботаҷриба, психологҳо, криминологҳо, ҷомеашиносон, психиатрҳо, психотерапевтҳо ва дигар кормандони тиббро ҷалб кардан лозим аст, зеро самаранокии чораҳои минбаъдаи пешгирикунанда ба натиҷаи бадастомада аз таҳлили гузаронидашудаи ин шахсон вобастааст.

**Дигар чораҳои махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила**, ин пеш аз ҳама, ба эътидол овардани вазъ дар оилаҳое, ки дар онҳо зӯроварӣ аллакай содир шудааст ё хатари воқеии содир кардани ҷиноятҳои дигар вуҷуд дорад, ин татбиқи чораҳои гуногуни хусусияти кумаки иҷтимоию ҳуқуқӣ расонидан, иҷтимоию педагогӣ, рӯҳӣ ва тиббӣ ба оилаҳоро дар бар мегирад. Ҳамзамон, бояд таъкид кард, ки пешгирии зӯроварӣ дар оила бояд ҳамаҷониба буда, чораҳои боваркунонидан, маҷбуркунӣ ва кумакрасониро дар бар гирад.

Ҳангоми банақшагирии чораҳои пешгирикунанда хусусияти омилҳои муноқишаҳои оилавиро ба назар гирифтан лозим аст. Агар вазъияти номусоид дар оила бо сабабҳои объективӣ ба вуҷуд омада бошад (масалан, бо сабаби беморииа тӯлонии аъзои оила, бекорӣ, сафарҳои тӯлонии корӣ, шароити бади иқтисодии оила), расонидани ёрии тиббии мувофиқ, расонидани кумаки иқтисодӣ ё ҳуқуқӣ ва ё дигар намуди кумакрасониҳо ба ин оилаҳо бояд мақсади асосии субъектони пешгирии зӯроварӣ дар оила қарор гирад. Ба оилаҳое, ки дар онҳо кӯдак ва ё ноболиғи аъзои оила зиндагонӣ мекунанд ва волидайн мушкилоти иқтисодӣ доранд, имтиёзҳо дар мактабҳо ва муассисаҳои томактабӣ, баъзе лавозимоти ройгони мактабӣ, хӯрок дар ошхонаҳои мактаб, озод намудан аз пардохти маблағ, аз истифодаи нақлиёти ҷамъиятии мусофиркашонӣ ва амсоли инҳо дода шавад. Ба ин васила ба волидон дар амалисозии уҳдадориҳои онҳо нисбати фарзандон кумак расонанд. Дастгирии иҷтимоӣ ба модарон ва падарони танҳо низ татбиқ

гардад, аммо на дар шакли пардохти кумакпулӣ, балки ба онҳо додани имконияти гирифтани тахассуси махсусгардонидашуда ва, дар ин замина, ба пайдо намудани ҷойи кор ва ё ба вақти корӣ бартарӣ дода шавад.

Бо мақсади пурзӯр намудани мубориза бар зидди такрорсодиршавии зӯроварӣ дар оила, ба субъектҳои пешгирӣ самтҳои асосии фаъолияти пешгирикунанда пешниҳод карда мешаванд:

– сари вақт ошкор кардани ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила, таъмини эҳтимолии баланди ҷазо барои ҷинояткорон;

– интихоби чораҳои пешгирикунанда барои пешгирии идомаи ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила;

– таъини ҷазое, ки ба хусусият ва дараҷаи хавфи иҷтимоии ҷинояти дар оила содиршуда ва шахсияти ҷинояткор, ангезаи ҷиноят мувофиқ бошад (татбиқи фардикунонии ҷазоҳои татбиқшаванда);

– татбиқи чораҳо оид ба офиятбахшии иҷтимоию равонии шахсони аз ҷойҳои ҳабс озодшуда (иҷрои корҳои омодагӣ, ҳатто пеш аз ба охир расидани муҳлати ҷазо ва дар ҳамкории зич бо мақомоти корҳои дохилии маҳалли зисти гумонбаршудагони озодшаванда;

– омезиши оптималии чораҳои кумак бо назорати овоздиҳӣ, бо мақсади ҳалли масъалаҳои ташкили муносибатҳои меҳнатӣ, истифодаи имкониятҳои корхонаҳои давлатӣ, созмонҳои хайрия, соҳибкорони хусусӣ, мақомоти маҳаллӣ дар бораи квотаи кор барои онҳое, ки аз колонияҳои ислоҳотӣ озод гардидаанд, инчунин, таъсиси марказҳои мутобиқшавӣ ба чунин шахсон;

– сохтмони манзилҳои муваққатӣ ва рушди муассисаҳои кумаки иҷтимоӣ барои шахсоне, ки дар шароити душвор бе ҷойи зист қарор доранд;

– васеъ намудани низоми муассисаҳои махсуси таълимӣ, тиббӣ, барои кӯдакон ва наврасони дорои рафтори ғайриҷамъиятӣ; таҳия ва татбиқи чораҳо оид ба таъмини ҳифзи иҷтимоии ноболиғон ва ҷавонони қаблан маҳкумшуда; таъсиси кафолатҳои давлатии шуғли онҳо новобаста аз вазъи бозори меҳнати кишвар;

– таъмини назорат аз болои рафтори ретсидивистҳои шубҳанок, ки аз муассисаҳои ислоҳӣ озод карда шудаанд ва барои онҳо робитаи доимии корӣ байни дастгоҳи оперативии боздоштгоҳҳо ва полис нигоҳ доштан, назорати рафтори онҳо пас аз озод шудан аз ҷойҳои боздошт, инчунин, барои рафтори онҳое, ки қаблан барои ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила маҳкум шудаанд.

**Чораи дигари махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила, ин таъсиррасонии рӯҳӣ ба аъзои оила ва ба инобат гирифтани вазъи рӯҳии онҳо мебошад**. Аз сабаби мураккабии муносибатҳои дар оила пайдошаванда, танҳо равоншиносони ботаҷриба ва дигар мутахассисони ботаҷрибаи ин соҳа метавонанд дар пешгирии зӯроварӣ дар оила кумаки назаррас расонанд. Аз ин рӯ, барои пешгирии бомуваффақияти зӯроварӣ дар оила таъсиси марказҳои тавонбахшии кумаки иҷтимоӣ ва рӯҳӣ ба оилаҳое, ки дар онҳо зӯроварӣ мавҷуд аст, зарур мебошад. Чунин хизматрасонӣ барои рафъи фазои номусоиди рӯҳӣ дар оила, мунокишаҳои байни аъзои он, коҳиш додани шиддати зиёдшавии зараррасонии аъзои оила нисбати якдигар тавассути таҳлили вазъ ва роҳҳои ҳамкории байни аъзои оила мусоидат мекунанд. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки мушкилиҳо дар системаи пешгирӣ ва кумакрасонӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ пур карда шаванд. Чунин марказҳо айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудаанд[263], аммо зиёд намудани шумораи онҳо, интихоби роҳҳои ҳалли ҳолатҳои буҳронии дар оилаҳо ҷойдоштаро низ васеъ менамояд. Ин марказҳо

[263] ТҶ «Гулрухсор», Маркази бухрони ТҶ «Ғамхорӣ», ТҶ «Корвони умед», ТҶ «Лигаи занони ҳуқуқшинос», ТҶ «Майрам», ТҶ «Дилафрӯз», ТҶ «Маҳбуба», ТҶ «Бонувони фардо», ТҶ «Хайрхоҳи замон», Маркази дастгирии иҷтимоии ҳуқуқии занону наврасон «Фемида», Маркази худшиносии занон: Марказҳои захиравии занон ба монанди: МЗЗ «Маърифат», МЗЗ «Дармонбахш», МЗЗ «Умед», МЗЗ «Мадина», МЗЗ «Занон барои адолат», МЗЗ «Сарпараст», МЗЗ «Хингоб», МЗЗ «Моҳи мунир»; Ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, дар таваллудхонаи №2 ш. Душанбе, Маркази миллии тиббӣ, Маҷмааи тиббии «Истиқлол», беморхонаи марказии н. Рашт, беморхонаи клиникавии вилоятии ба номи А.Воҳидови ш.Бохтар, таваллудхонаи ш. Кӯлоб, таваллудхонаи ш. Хуҷанд, беморхонаи марказии ш. Гулистон, беморхонаи марказии ш. Ваҳдат, беморхонаи марказии н. Шаҳритус, беморхонаи марказии н. Панҷ, беморхонаи марказии н. Фархор; Маркази мунисипалии худшиносии занон: ҳуҷраҳои машваратӣ; бюрои давлатии ҳуқуқии муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

бояд дар ҳар як ноҳия ва деҳа бо итоати хадамоти минтақавӣ (хадамоти субъекти Ҷумҳурии Тоҷикистон) таъсис дода шаванд.

Дар байни самтҳои пешгирии оқибатҳои манфии зӯроварӣ дар оила барои занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила мумкин аст: безараргардонӣ ва бартараф кардани осеби равонӣ пас аз зӯроварӣ дар оила; ташаккули муносибати мусбӣ ба ҳаёт; ташаккули дурнамои зиндагӣ; машварат оид ба тағйир додани усули муносибатҳо дар оила, аз ҷумла, байни ҷабрдида ва ҷинояткор; татбиқи барномаҳои гуногуни кумаки равонӣ ба оилаҳо; ташкили кумак аз гуруҳи дастгирии иборат аз одамоне, ки воқеан зӯроварӣ дар оиларо аз сар гузаронидаанд, ворид намоем. Самти муҳим дар фаъолияти ин марказҳо, ба андешаи мо, бояд гузаронидани чораҳои тарбиявӣ дар байни аҳолӣ бошад: аввалан, татбиқи таблиғи васеи фаъолияти ин марказҳо, «телефонҳои боварӣ», ки дар онҳо амал мекунанд, тағйир додани афкори умум дар бораи зӯроварӣ нисбати занон, шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила ва ғайраҳо.

Ташкили шиносоӣ ва бақайдгирии шахсони дорои нуқсони рӯҳӣ ба қадри кофӣ самаранок нест. Дар ҳамин ҳол, бояд гуфт, ки дар байни онҳое, ки дар оила ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта содир мекунанд, мумкин аст, ки ҷинояткорон гирифтори нуқсони рӯҳӣ бошанд. Аз ин рӯ, ташкил кардани мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила субъектҳои пешгирӣ бояд шахсони гирифтори нуқсонҳои рӯҳидоштаро муайян кунанд ва рафтори онҳоро дар ҳаёти ҳаррӯза пайваста назорат кунанд. Нисбати шахсони номукаллаф ё шахсони мукаллафи маҳдуде, ки гирифтори нуқсони рӯҳии музмин ҳастанд ва нисбати дигарон бо қаҳру ғазаб изҳори таҳдидҳои гуногун мекунанд, бояд назорати махсус таъсис дода шавад. Дар зери таъсири ақидаҳои гумроҳкунанда ё васвосӣ чунин шахсон аксар вақт дар доираи муносибатҳои оилавӣ кирдорҳои вазнини хусусияти зӯроваридоштаро содир мекунанд. Дар ҳолатҳои зарурӣ нисбати ин ашхос бояд сари вақт чораҳои хусусияти тиббидошта андешида шаванд. Гузашта аз ин, агар хатари воқеии содир

кардани кирдори зӯроварона аз ҷониби яке аз аъзои оилаи гирифтори нуқсони рӯҳидошта мавҷуд бошад, пас, ӯ бояд ба табобати маҷбурии дарозмуддат ҷалб гардад. Тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта, тавре дар боло қайд намудем, дар моддаҳои 96, 97, 98, 99, 100, 101, 102, 103 КҶ ҶТ, имконпазир аст. Аммо барои пешгирии содир намудани ҷинояти хусусияти зӯроваридошта аз ҷониби ин шахсон, муайян намудани тадбирҳои махсуси криминологӣ лозим аст. Тавре маълум аст, «Пешгирӣ кардани зӯроварӣ аз раъфи оқибатҳои он беҳтар»[264]. Дар ин раванд фаъолияти мақсадноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бо дигар субъектҳое, ки бо шахсони дорои нуқсонҳои рӯҳӣ ва беморони рӯҳӣ сарукор мегиранд, лозим аст. Аз ҷумла, механизми ҳамкории байни мақомоти тандурустӣ ва мақомоти корҳои дохилиро таҳия кардан лозим аст, ки он метавонад дар шакли ташкили бақайдгирии шахсони гирифтори нуқсони равонӣ, табодули иттилоот дар бораи онҳо, фаъолиятҳои муштараки ҳамоҳангшуда муаррифӣ карда шавад[265]. Мутахассис метавонад тарафҳои таъсиррасонандаи пайдоиши нуқсонҳои рӯҳӣ, сарчашмаҳои субъективӣ, муносибат ва амалҳои онҳоро шарҳ диҳад, ки ба ташаккули маълумот оиди амалҳои онҳо мусоидат мекунад. Албатта, ки психотерапия метавонад дигар чораҳоро низ дар бар гирад[266]. Муҳаққиқони соҳа низ ақидаҳои худро доир ба ин масъала иброз намудаанд. Масалан, Ю.М. Антонян чунин пешниҳод менамояд: «Шахсоне, ки кирдорҳои аломатҳои ҷиноятҳои махсусан вазнинро, ки хусусияти зӯроварӣ доранд, содир мекунанд, вале номукаллаф эътироф карда намешаванд, аммо нуқсонҳои рӯҳӣ доранд, бояд дар беморхонаи бемориҳои рӯҳии навъи махсус, бо назорати пуршиддат ҷойгир карда шаванд»[267]. Дар ин ҳолат ҷойгир намудани онҳо дар беморхонаҳои рӯҳии назорати пуршиддат муқобили принсипҳои инсондӯстӣ ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шахс намебошад. Дар ин замина, бояд

[264] Раҳимзода Р. «Пешгирӣ кардани зӯроварӣ аз раъфи оқибатҳои он беҳтар аст / Лоиҳаи PDV Ҳамкории стратегӣ оиди муқовимат ба зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – С. 16.
[265] Ниг.: Антонян Ю.М. Насилие. Человек. Общество. – М., 2001. – 243 с.
[266] Ниг.: Антонян Ю.М., Горшков И.В., Зулкарнеев Р.М. Насилие в семье. – М.: НИИ МВД, 1999. – С. 133-134.
[267] Антонян Ю.М., Горшков И.В., Зулкарнеев Р.М. Насилие в семье. – М.: НИИ МВД, 1999. – С. 133-134.

гуфт ки ин шахсон, яъне нафароне, ки шахси мукаллаф ҳастанд ва дар вақти содир намудани ҷиноят бар асари парешонҳолии рӯҳӣ наметавонанд пурра хусусияти хавфи ҷамъиятӣ доштани кирдори худро дарк намоянд ё ҳаракатҳои худро идора карда натавонанд, тибқи моддаи 25–и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Аммо фароҳам овардани шароит барои назорати шадиди чунин шахсон ҳам ҳангоми адои ҷазо дар намуди мушаххас ва ҳам баъд аз он лозим аст. Яъне, фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо зери назорати махсуси табибон ва мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ гирифта шавад.

Дар охир ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

– меъёрҳои махсуси пешгирии криминологии ҷинояткорӣ, ин маҷмуи усулҳо ва воситаҳое мебошанд, ки ба рафъи сабабҳои содир намудани ҷиноят ё мушахассан ба нест намудани ҷиноятҳои бо зуҳуроти мазкур пайдошаванда нигаронида шудаанд. Аз сабаби он ки онҳо бо субъектони муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ вобастаанд, миқёси татбиқи онҳо нисбат ба меъёрҳои умумииҷтимоӣ камтар аст. Ҳамзамон, дар баъзе ҳолатҳо, онҳо миқёсан васеъ гардида, ба тамоми соҳаҳои ҷамъияӣ ва субъектони алоҳидаи он паҳн мегарданд. Объекти чунин пешгириро ҳам ҷинояткорӣ дар умум, ҳам намудҳои он ва ҳам ҷиноятҳои алоҳида ташкил медиҳанд.

– меъёрҳои махсуси пешгирии криминологии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила раванди иҷтимоие мебошад, ки асоси онро татбиқи усулҳои махсуси ба талаботи ахлоқу меъёрҳои махсуси қонуният ҷавобгӯйбуда, донишу малакаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ дар умум, ки бо мақсади рафъи он оқибатҳои нохуше, ки сабаби содирнамоии ҷиноят мегарданд, ташкил медиҳанд[268].

– меъёрҳои махсуси пешгирии криминологии ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта, ки нисбати аъзои оила ва ё дигар хешовандон содир мегарданд, донишҳои махсуси криминологиро талаб менамоянд, ки барои

[268] Ниг.: Ильяшенко А.Н. Противодействие насильственной преступности в семье: уголовноправовые и криминологические аспекты. – М., 2003. – 380 с.

таҳия намудани нақшаҳои комплексӣ ва барномаҳои мушаххас оид ба татбиқи чораҳои пешгирикунандаи ин раванд заруранд.

**Чораҳои махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оиларо ба намудҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:**

1. Чораҳои пешгирии ҳолатҳое, ки сабаби содир гардидани ҷинояти хусусияти зӯроваридошта дар оила мегарданд;

2. Чораҳои аз байн бурдани зӯроварӣ дар оила;

3. Чораҳои мурофиавӣ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳои хусусии айбдоркунӣ дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ;

4. Чораҳои таҳлилӣ дар оилаҳое, ки дар онҳо кирдори зӯроварона содир мегардад;

5. Чораҳои дигари махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила.

Умуман, барои ба натиҷаи назаррас ноил гардидан дар пешгирии зӯроварӣ дар оила ва кам кардани ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, зарур аст, ки системаи ягонаи муқовимат бо зӯроварӣ дар оила таҳия карда шавад. Дар он фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо, муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ муттаҳид гарданд. Дар баробари ин, мо бояд на танҳо дар бораи як самти муайяни фаъолияти онҳо, бе дарназардошти ҷаҳонишавӣ ва омезишёбии муносибатҳои оилавӣ сухан гӯем, балки дар бораи рушди технологияи иҷтимоӣ ва рушди муносибатҳои оилавӣ, ҳамзамон, таърихи оиладорӣ дар минтақаҳои алоҳида, ки фаъолияти намояндагони сохторҳои гуногуни давлатӣ ва ҷамъиятиро муттаҳид мекунад, сухан ронем.

Самти асосии мубориза бо ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила бояд рушди низоми кумаки иҷтимоӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва хизматрасонии иҷтимоии барои ҳама дастрас дар ин самт эътироф карда шавад. Гузашта аз ин, субъектҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила бояд аз чораҳои таъсиррасонии ҷиноятӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоию рӯҳӣ истифода баранд. Умуман, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии пешгирии криминологии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила, муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ вазифадор карда шаванд, ки чорабиниҳоро оид ба таҳкими оила,

бехтар намудани муҳити оилавӣ ба таври комплексӣ ба нақша гиранд ва, ҳамзамон, саъю кӯшиш барои татбиқ намудани чораҳои пешгирии криминологии умумӣ ва махсус, ҳамчунин, натиҷабарорӣ аз гузаронидани чораҳои дар боло зикргардидаро роҳандозӣ намоянд.

## Хулоса

Тадқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба хусусиятҳои криминологии зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он имконияти пешниҳоди хулосаҳои зеринро медиҳад:

1. Мафҳуми зӯроварӣ дар оиларо ба таври зерин шарҳ додан мумкин аст: зӯроварӣ дар оила ин кирдори ғайриқонунии қасдона содиршудаест, ки дар дохили оила ё байни аъзои оила, ки дорои муносибати хешутаборӣ буда ва ё байни ҳамсарони собиқ содиршудае мебошад, ки бо роҳи расонидани зарари ҷисмонӣ, рӯҳӣ шаҳвонӣ ва иқтисодӣ ва ё таҳдиди расонидани чунин зӯроварӣ нисбати қурбониёни (ҷабрдидагони) зӯроварии оилавӣ бо мақсади иҷрои амале ё худдорӣ аз иҷрои амале фаҳмида мешавад.

2. Дар асоси мафҳуми пешниҳодшудаи зӯроварӣ дар оила намудҳои зӯроварии оилавиро ба гуруҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

– зӯроварии ҷисмонӣ;

– зӯроварии рӯҳӣ (эҳсосотӣ);

– зӯроварии шаҳвонӣ;

– зӯроварии иқтисодӣ.

1) Зӯроварии ҷисмонӣ. Мазмуну моҳияти зӯроварии ҷисмониро гуногун шарҳ додан мумкин аст. Хусусиятҳои нуқтаи назари гуногунро махсус дида набаромада, танҳо мафҳуми умумии ин намуди зӯроварӣро муайян кардан хато мебошад. Зӯроварии ҷисмонӣ, ин кирдори ба ҷамъият хавфнок ва ғайриқонунӣ мебошад, ки дар шакли таъсир ба организми шахс, бо роҳи расонидани зарари ҷисмонӣ равона карда шудааст. Дар асоси таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ, ба таври шартӣ самти таҳлили мафҳуми зӯроварии ҷисмониро ҷудо намудан мумкин аст:

а) кирдорҳои вобаста ба расонидани зарари ҷисмонӣ – тавассути куштор, расонидани зарар ба саломатӣ дараҷаи вазниниаш гуногун, аз он ҷумла, латукӯб ва азобу уқубат, инчунин, авбошӣ, ки бо зӯроварӣ алоқаманд аст;

б) кирдорҳои вобаста ба расонидани зарари ҷисмонӣ – тавассути таҷовуз ба номус ва кирдорҳои дигаре, ки ба дахлнопазирии ҷинсии занон ва шахсони ноболиғ ва хурдсоли аъзои оила таҳдид меоваранд.

2) Муайян намудани мазмуни зӯроварии рӯҳӣ ва таркиби ҷиноятҳои бо истифодаи зӯроварии рӯҳӣ алоқаманд буда, ки ба категорияи ҷиноятҳои зӯроварона ворид мегарданд, мушкилтар аст.

Одатан, ба зӯроварии рӯҳӣ «таҳдиди куштор ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ»–ро мансуб медонанд. Дар ин маврид зери таҳдиди истифодаи зӯроварӣ чун таҳдид, тарсонидани ҷабрдида бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ фаҳмида мешавад. Аз таҳлили назарияҳои зикргардида ба хулоса омадан мумкин аст, ки зӯроварии рӯҳӣ – ин муносибати зиддиҳуқуқии ба ҷамъият хавфноке мебошад, ки бо роҳи қасдан расонидани таъсири рӯҳӣ ва ба ин восита, маҳдуд намудани қобилияти иродаи шахс, ки аз ҷониби як узви оила нисбати узви (аъзои) дигари оила, бо мақсади итоат намудан ба хостаҳои ӯ (зӯровар) равона гардида, дар натиҷа, ба ҷабрдида (қурбонӣ) зарари рӯҳӣ мерасонад, ё ба инкишофи рӯҳии ӯ ҷабрдида (қурбонӣ) таъсири манфӣ расонида мешавад, ё таҳдиди ҳақиқии расонидани чунин зарар пайдо мегардад, ё дар натиҷаи чунин таъсиррасонӣ шахс ҷиноят содир менамояд.

3) Зӯроварии шаҳвонӣ – ин маҷбур намудан ба алоқаи ҷинсӣ ё дигар ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонидошта тавассути истифодаи таҳдид, қувва ё маҳдуднамоии иродаи ҷабрдида аст. Зӯроварии шаҳвонӣ хусусияти латентнокии баландро соҳиб аст, махсусан, ба хотири он ки самти муносибатҳои маҳрамона ҳамчун анъана объекти муҳокимаи ҷамъияти мо қарор намегирад. Дар аксарият маврид ин намуд бо дигар намудҳои зӯроварӣ дар якчоягӣ истифода бурда мешавад.

4) Зӯроварии иқтисодӣ ҳамчун намуди мустақили ин зуҳурот дар замони имрӯза мавриди таҳлили доираи ками олимон қарор гирифтааст. Гуфтан бамаврид аст, ки зӯроварии иқтисодӣ метавонад хам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар якҷоягӣ бо дигар намудҳои зӯроварӣ зуҳур намояд. Мушкилоти асосии

ҷабрдидагони зӯроварии иқтисодӣ, ин вобастагии пурраи иқтисодӣ доштанашон аз аъзои зӯровари оила мебошад. Дар асоси ин гуфтаҳо, ҳаракатҳои зеринро ҳамчун намуди татбиқи зӯроварии иқтисодӣ дар оила фарқ кардан имкон дорад: маҳрум намудан аз истифодаи захираҳо; ба фаъолияти меҳнатӣ иҷозат надодан; маҳдуднамоӣ, ради додани маблағ; пинҳон намудани даромад; тақсимоти ноодилонаи молу мулк; гирифтани музди маош[2–М].

3. Новобаста аз сатҳи маданият ва ҷаҳонбинии ин ё он халқ, зӯроварӣ дар оила мавҷуд буда, дар ҷомеаи суннатӣ ба яке аз зуҳуроти хавфнок табдил ёфтааст. Бинобар ин, давлатҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то тавассути қабули санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ ин зуҳуротро пешгирӣ намоянд.

Аз нуқтаи назари криминологӣ, зӯроварӣ дар оила дорои хусусиятҳои зерини назаррас мебошад: зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ дар бештар маврид нисбати занон ва ноболиғон содир карда мешавад. Зӯроварии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ нисбати дигар шаклҳои он бештар татбиқ мегардад. Зӯроварон дар бештари ҳолатҳо хешовандони наздик мебошанд; зӯроварӣ – зуҳуроти такроршаванда аст; ҷабрдидагон ва хешовандон ба мақомоти дахлдор нисбати зӯровар шикоят намекунанд; зӯроварӣ аксаран дар оилаҳое татбиқ мегардад, ки оила ба хотири фарзандон мустаҳкам аст; зӯроварӣ дар оила хусусияти даврӣ дорад ва шахси татбиққунандаи зӯроварӣ дар оила дилхоҳ аъзои он буда метавонад**[14–М].**

4. Дар асоси таҳлилҳо аз натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки низоми миллии ҷиноятҳои бо зӯроварӣ вобастабударо пешниҳод намоем:

Якум, системаи миллии пешгирии ҷиноятҳои бо зӯроварӣ вобастабуда афзалияти равиши татбиқи ҷазоро баъди содир намудани ҷиноят ба равиши ҳолатҳои пешгирикунандаи кирдор медиҳад. Ба ҳолатҳои пешгирикунандаи кирдорҳои зӯроварона диққати махсус додан лозим. Ташкили курсҳои кӯтоҳмуддат оид ба муносибатҳои оилавӣ, вохӯрӣ гузаронидан бо оилаҳо ва ғ.

Дуюм, барои пешгирӣ намудани ҷиноятҳое, ки хусусияти зӯроварӣ дар оиларо доранд, истифодаи воситаи ахбори омма зарур аст, махсусан, ба роҳ мондани таблиғоти ҷамъиятие, ки барои ҷалб намудани таваҷҷуҳи бештар ба мушкилоти зӯроварӣ дар оила равона шудаанд.

Сеюм, ҷабрдидаи ҷиноятҳои оилавӣ имконияти ба марказҳои бuҳроние муроҷиат намуданро дошта бошанд, ки ба онҳо ҷойи зисти муваққатӣ пешниҳод гардад ва, ҳамчунин, дар ҳолатҳои зарурӣ ба онҳо ёрии тиббӣ ва рӯҳӣ расонида шавад. Мушкилоти ҷиддӣ маълумоти кофӣ надоштани аҳолӣ дар бораи чунин марказҳои буҳронӣ мебошад, ғайр аз ин, чунин марказҳо дар замони имрӯза асосан дар шаҳрҳои калон мавҷуданд.

Чорум, дар қонунгузории ҷиноятӣ меъёри ҷавобгарӣ барои надодани маълумот дар бораи ҷинояти содиргашта нисбати ноболиғон ва ё волидайн татбиқ гардад ва дар ҳолати мавҷуд будани асосҳои кофӣ ба ҷинояткор ҷазо таъин карда шавад. Амалҳои зикргардида ба сатҳи латентнокии ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила таъсири назаррас мерасонанд.

Панҷум, дар вобастагӣ бо тараққиёти технологияҳои муосир, ҷорӣ намудани огоҳсозии фаврии кормандони мақомоти қудратӣ ба роҳ монда шавад, ки ба пешгирии ҷиноятҳои хусусияти оилавидошта таъсири мусбӣ мерасонад.

Шашум, дар қонунгузорӣ муқаррар намудани мафҳуми қурбонӣ аз зӯроварӣ дар оила ва фарқияти он аз ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила, зеро барои татбиқ намудани ҷазо ё ҷавобгарии одилона ба шахси татбиқкунандаи зӯроварӣ дар оила сабаб гашта метавонад.

5. Доираи масоили баррасии виктимологияро вобаста ба ҷиноятҳо ва махсусан ҷиноятҳои дар оила содиргардида, чунин муайян намудан мумкин аст:

1) дар таҳқиқоти мазкур ба ҷабрдидаи ҷиноят, махсусан ҷабрдидаи ҷиноятҳои дар оила содиргардида, хусусиятҳои хос дода шуда, зери мафҳуми ҷабрдидаи ҷиноят дар оила (қурбонӣ) – шахси воқеие фаҳмида мешавад, ки ба он дар натиҷаи зӯроварӣ дар оила зарари ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ва ё

иқтисодӣ расонида шудааст ё нисбати онҳо таҳдиди воқеии расонидани зарар ба вуҷуд оварда шудааст.

2) ҳолати виктими шахсиро ба ду маъно: ҳамчун сифати объективӣ ва ҳамчун сифати субъективии шахс фаҳмидан мумкин аст. Дар ин асос ҳолати виктимии шахсиро ба гуруҳҳои зерин ҷудо намудан имкон дорад: вобаста ба хислатҳои объективии шахсият; вобастагӣ аз вазнинии ҷиноятҳое, ки ба онҳо зарар расонида шудааст; вобаста ба зуҳуроти он дар ҷанбаҳои мухталифи ҳаёт; вобаста ба механизми ҳукмфармои психологӣ; вобаста ба шумораи шахсони иштироккунанда; вобаста ба вақти шабонарӯз; вобаста ба муносибати шахс ба фаъолияти касбӣ оид ба таъмини амният; вобаста ба сатҳи психологии виктимӣ; вобаста ба давомнокӣ.

3) ба ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила (ҷабрдида) аксаран рафтори нейтралӣ хос буда, ҷинояткор дар оила ҷабрдидаи ҷиноятро маҳз аз сабаби виктимии ба он хос «интихоб» менамояд. Вобаста ба предмети таҳқиқот, баъзе намудҳои қурбонии шахсӣ, ба монанди ҷинс ва синну сол ба ноболиғону занон бештар хос буда, виктими паталогӣ ва деформатсияи виктимогении шахс асосан хоси қобилияти рӯҳи ҷабрдидае аст, ки натиҷаи алоқамандии ӯ бо ҷомеаро ташкил дода, раванди иҷтимоиёти шахсӣ мебошад.

4) вобаста ба ҳолати виктимии ҷабрдида ва омилҳои таъсиррасонии ӯ ба содир шудани ҷиноятҳо дар самти зӯроварӣ дар оила мумкин аст се гуруҳи ҳолати виктимии ҷабрдидаро муайян намоем: 1) ҳолати виктими хашмгин дар оила, 2) ҳолати виктими фаъол дар оила, 3) ҳолати виктими ғайрифаъол дар оила[8–М].

6. Пастуболоравии (динамикаи) ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила нишондиҳандаи он ҳастанд, ки давраи таназзули ин намуди ҷиноятҳо ба соли 2010 рост меояд, ки 3,18% ҷиноятҳои умумии содиргардидаро дар солҳои 2010–2022 ташкил медиҳанд. Миқдори зиёдтарини ин ҷиноятҳо бошанд, ба соли 2020, дар давраи таҳлилӣ, рост меояд, ки 13,69%–и ҷиноятҳои таҳлилнамудаамонро ташкил додаанд. Ҳамзамон, бояд гуфт, ки дин

Пастуболоравии (динамикаи) солонаи ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила бо тағйирёбии назаррас фарқ мекунанд. Дар солҳои таҳлилӣ, ки аз 2010 то 2022–ро фаро гирифтааст, дар қисми зиёди ҷиноятҳо (ғайр аз моддаи 112 КҶ ҶТ – қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ) аз солҳои 2016 то 2021 инкишофёбии назаррас мушоҳида мегардад ва миқдори ҷиноятҳо вобаста ба зӯроварӣ дар оила дар соли 2022 бошад, коҳиш ёфтаанд, ки дар вобастагӣ бо ин, дар боло таҳлили ҷиноятҳои бартаридоштаи зӯроварӣ дар оила дар алоҳидагӣ нишон дода шудааст.

Ҳамчун усули содир намудани ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта бошад, дар ҷиноятҳои бо аз ҳаёт маҳрум намудан алоқаманд, истифодаи корди хоҷагӣ, буғӣ намудани ҷабрдида, таъсири манфии рӯҳӣ расонидан ба ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила; дар дигар ҷиноятҳо, таъсиррасонии иқтисодӣ; зарарҳои гуногуни ҷисмонӣ расонидан ба ҷабрдида ва дар ҷиноятҳои хусусияти шаҳвонидошта бошанд, аз оҷизии ҷабрдида истифода намудан, бештар ба назар мерасад.

Оид ба минтақаи содир намудани ҷиноятҳо дар самти мазкур бошад, мавқеи аввалиндараҷаро содирнамоии ин ҷиноятҳо дар ноҳияҳо ва дар ин раванд деҳаҳои ҷумҳурӣ ва, баъдан, зуҳури онҳо дар шаҳрҳо ишғол менамоянд. Дар солҳои 2020–2021 паталогияи ҷиноятӣ дар вобастагӣ бо зӯроварӣ дар оила, бештар ба в.Суғд ва НТМ таъсир мерасонад. Дар водиҳои дигари ҷумҳурӣ ҷиноятҳои сабтгардида оид ба зӯроварӣ дар оила камтар мебошанд. Тавре дар боло қайд намудем, ин ҳолат (муроҷиат накардани занон ба мақомоти дахлдор) метавонад таъсири анъанавӣ–маҳаллӣ дошта бошад.

7. Бо дарназардошти хусусияти умумии сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию маънавӣ доштанашон, мубориза бар зидди ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оиларо дар умум ва намудҳои мушаххаси он, ба гуруҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1. Чораҳои пешанамудаи сиёсати давлатӣ оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ;

2. Чораҳои умумикриминологии иқтисодӣ;

3. Чораҳои умуикриминологии иҷтимоӣ;

4. Чораҳои умумикриминологии маънавӣ**[6-М].**

8. Чораи умумикриминологии зӯроварӣ дар оиларо чораҳои пешанамудаи сиёсати давлатӣ оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ ташкил медиҳанд. Сиёсати давлат дар самти муносибатҳои оилавӣ бояд, пеш аз ҳама, ба мунтазам такмил додани шароит барои амалӣ намудани иқтидори иқтисодӣ ва рӯҳии оила ва ҳар як аъзои он, ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ самаранок дохил кардани онҳо равона карда шавад. Ҳадафи ниҳоии чунин сиёсат аз он иборат аст, ки то ҳадди имкон қисми зиёди оилаҳо аз вобастагии кумаки ҷамъиятӣ даст кашанд, ба ҳама гуна имтиёзҳо, афзалиятҳо, хидматҳои ройгон ва амсоли инҳо ниёз надошта бошанд, ба иқтисоди бозаргонӣ мутобиқ гарданд ва шумораи акдҳои никоҳи бекоршаванда, ҳамзамон, ҷиноятҳои дар оила содиршаванда кам гарданд.

Табиист, ки қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии дар вобастагӣ ба самти мубориза бо пешгирии криминологии зӯроварӣ дар оила қабулгардида бояд пурра ба пешгирии ин муносибатҳо равона гарданд. Барои ин онҳо бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯй бошанд:

– ба воқеияти иҷтимоӣ ва шароити иҷтимоии мавҷудбуда, анъанаҳо ва урфу одати аҳолии давлате, ки дар он ҷо қабул мегарданд, мувофиқат намоянд;

– асосҳои демократӣ ва башардӯстиро тақвият диҳанд;

– ба пешгирии ҷинояткорӣ дар оила дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳам миллӣ мусоидат намоянд;

– ба пешравиҳои илмӣ ва техникӣ бештар такя намуда, ҳамзамон, риояи меъёрҳои маънавӣ–диниро низ истисно накунанд;

– одилона ва дар асоси қонун ҳал намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, ки бо муносибатҳои оилавӣ алоқаманданд ва, ҳамчунин, қонеъ гардонидани ҳисси адолати ҷамъиятиро таъмин намоянд. Танҳо дар ин ҳолат имконияти сухан

гуфтан дар бораи «фаъолияти пурраи қонун» оид ба мубориза бурдан бо зӯроварӣ дар оила мумкин аст.

**9. Чораи дигари умумикриминологии зӯроварӣ дар оила, ин чораҳои умумииқтисодӣ** мебошанд, ки ба он шомил мегарданд чораҳои баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии одамон. Онҳо асоси моддӣ барои содир намудани ҷиноятро ташкил медиҳанд, ҳамзамон, таъсири рӯҳӣ низ ба субъектон мерасонанд. Масалан, меъёрҳои иқтисодӣ, ҳолати депрессиявии дар ҷомеаи Тоҷикистон мавҷудбуда дар панҷсолаи даҳаи аввали баъди Шуравӣ. Ин даврае буд, ки депрессия қариб ки тамоми ҷомеаро фаро гирифта буд ва аксарияти одамон аз ин ҳолат азоби рӯҳӣ мекашиданд. Ин ҳолат на танҳо ба камбизоатон, балки ба шахсони дар шароити хуби зиндагӣ қарордошта, аз қабили соҳибкорон, ки аз номуътадилии вазъи бозор бо сабабҳои гуногун хавотир буданд низ дахл дошт. Дар замони имрӯза низ муҳити маънавӣ–рӯҳии баъзе нафарон дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳам муътадил нест. Барои мисол, вазъи депрессиявии баъзе субъектони ҷиноятҳои мунтазами дар муносибатҳои оилавӣ пайдошаванда ё аз оила сарчашмагирандаро овардан мумкин аст. Аммо, дар умум, бештари аҳолӣ ба мақомотҳои давлатӣ бовар доранд, ки ин ҳолат асос шуда метавонад ба амалӣ ва татбиқ намудани чораҳои умумикриминологии пешгирикунанда дар оилаҳои Тоҷикистон.

10. Гуруҳи дигари чораҳои пешгирии зӯроварӣ дар оиларо **чораҳои умумикриминологии иҷтимоӣ** ташкил медиҳанд. Ин чораҳо низ ба гуруҳи мушаххаси чораҳои татбиқшаванда шомил гардида, дар раванди он бояд ба гуруҳҳои алоҳидаи оилаҳо, кумакҳои алоҳидаи дорои хусусиятҳои хосе расонида шаванд, ки ба ин намуди кумак ниёз доранд. Дастгирӣ ва кумаки иҷтимоӣ барои ҳамаи онҳое, ки ба гуруҳҳои камбизоатон, пиронсолон, ноболиғон, хурдсолон шомиланд ва ниёз ба кумакрасонӣ доранд, бояд сода ва шаффоф бошад. Ба ин гуруҳ, ҳамчунин, нафароне, ки дучори зӯроварӣ дар тамоми шаклҳояш гардидаанд низ ворид мегарданд, хусусан ҷабрдидагони (қурбониёни) зӯроварӣ дар оила. Расонидани кумаки иҷтимоӣ на факат дар

шакли молумулкӣ, балки дар шакли маънавӣ–рӯҳӣ низ ҳатман бояд нисбати ҷабрдидагон (қурбониён) расонида шавад.

11. Дар доираи чораҳои умумииҷтимоӣ ҳамчун намуди мушаххас, ҷудо намудани **чораҳои тиббии** пешгирии зӯроварӣ дар оила низ имкон дорад. Тавре таҳлилҳо нишон доданд, зӯроварӣ дар оила метавонад бо роҳҳои интиқол додани бемориҳои вирусӣ, касалиҳои зуҳравӣ ва ғайраҳо зуҳур намояд, ки барои пешгирии ин ҳолатҳо беҳтар намудани шароити беморхонаҳо ва назорати қатъӣ бурдан аз фаъолияти кории беморон, ҳамзамон, васеъ намудани доираи меъёрҳои қонунии муносибати табиб бо беморонро батанзимдароваранда лозим меояд, ки ин ҳолат метавонад сабаби пешгирӣ намудани баъзе ҳолатҳои фавт дар байни аҳолӣ, аз қабили фавти кӯдакони то 5–сола, фавти модарон ҳангоми таваллуд ё баъд аз таваллуд ва пешгирӣ намудани дигар намуди бемориҳо гардад.

12. **Чораҳои маънавӣ низ гуруҳи алоҳидаи чораҳои умумикриминологии зӯроварӣ дар оиларо ташкил менамоянд.** Як самти чораи маънавӣ – ин чораи педагогӣ мебошад, ки дар доираи он чораҳое фаҳмида мешаванд, ки ба тарбияи иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ равона гардидаанд. Дар ҳолатҳои зарурӣ ба ислоҳшавӣ ва таълимдиҳии масалан, «зӯровар дар оила» ё «ҷабрдида, ё қурбонии зӯроварӣ дар оила».

13. Дар ҳар марҳилаи тараққиёти иҷтимоӣ (махсусан, дар байни аҳолии Тоҷикистон) **чораҳои маънавӣ–динӣ** нақши муҳим доранд. Дар натиҷаи риояи ин намуди чораҳо (махсусан, меъёрҳои динӣ), ахлоқи одамон инкишоф ёфта, бо ҳамин тарз инкишофи рафтори мусбии онҳо дар ҷомеа таъмин мегардад. Тавре А.Қ. Назаров қайд намудаанд, ба инкишофи таъриху маданияти халқи тоҷик дини ислом ва фарҳанги исломӣ таъсири бештар расонидааст. То замони имрӯза меъёрҳои дини ислом, махсусан ҳуқуқи оилавии мусулмонӣ, қисми ҷудонашавандаи ҳаёти халқи тоҷикро ташкил медиҳад. Маросими никоҳу муносибатҳои оилавиро, сарфи назар аз танзими ҳуқуқии онҳо аз ҷониби қонунгузории дунявӣ, дар асл, меъёрҳои ҳуқуқи оилавии мусулмонӣ

танзим менамояд. Дар ин раванд бояд гуфт, ки дини ислом ба самтҳои фаъолияти иҷтимоӣ–маънавӣ, махсусан дар доираи муносибатҳои оилавӣ бетаъсир буда наметавонад.

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»–ро аз нав таҳия ва қабул кардан зарур аст, ки ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқиро аз зӯроварӣ дар оила танзим намуда, асосҳои сиёсати пешгирифтаи ҷумҳуриро дар ин самт дар як санад муқаррар намояд. Ҳамзамон, меъёрҳои он барои аҳолӣ содa ва мушаххас бошанд. Ин қонун бояд ҳалли вазифаҳои асосии зеринро таъмин намояд:

– сари вақт муайян кардани ҳолатҳои душвори зиндагӣ дар оила, ки хатари зӯроварро дар онҳо эҷод мекунанд, ҳамчунин, сари вақт бартараф намудани мушкилоти чунин оилаҳо ва ҳалли масъалаҳои пайдогардида бо чораҳои пешгирикунандаи хусусияти иҷтимоию ҳуқуқидоштаи зӯроварӣ дар оила;

– таъмин ва фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои дастрасӣ пайдо намудан ба имкониятҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ нисбати ҷабрдидагоне, ки мунтазам дучори зӯроварӣ дар оила мегарданд ва ба ин васила сохтани системаи ягонаи муҳофизат аз зӯроварӣ дар оила, ки қодир ба ҳалли ҳама гуна мушкилоти дар ин самт пайдогардида бошад;

– таъсиси институтҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, ҳифзи ҳуқуқҳои дахлнопазирии ҳаёти шахсии ҳар як аъзои оила ва зӯроварone, ки амали зӯровариро нисбати дигар аъзоёни оила татбиқ мекунанд;

– таъсиси муассисаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ барои таъмини ҳифзи иҷтимоии аъзоёни оилае, ки ба ҳаёт ва саломатии онҳо дар оила таҳдид вуҷуд дорад;

– зиёд намудани таъсиси муассисаҳои офиятбахшии иҷтимоию рӯҳии шахсоне, ки аз зӯроварӣ дар оила ва аз таъсири он зарар дидаанд;

– таҳияи кафолатҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои танзимкунандаи самаранокии фаъолияти институтҳои пешгирии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ аз зӯроварӣ дар оила;

– таъмини ҳуқуқӣ ва муайян намудани мақомоте, ки барои гирифтани маълумоти боэътимод дар самти зӯроварӣ дар оила мусоидат карда метавонанд.

Қонуни мазкур бояд чораҳои махсуси криминологӣ–иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро аз зӯроварӣ дар оила мушаххасан муқаррар намояд; ҳамчунин, намудҳои муассисаҳо ва ташкилотҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, ки фаъолияти онҳо ба муҳофизати ҷабрдидагони (қурбониёни) зӯроварӣ дар оила равона гардидаанд, дар алоҳидагӣ муқаррар гарданд; муассисаҳое, ки ба таъмини паноҳгоҳи муваққатӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, пешгирии ин зуҳурот ва декриминализатсияи ҷамъиятӣ дар вобастагӣ ба ин самт алоқаманданд, дар сатҳи қонунӣ фаъолияташонро бо ҳам дар якҷоягӣ ба роҳ монанд; назорати давлатӣ аз болои мақомотҳои дахлдори ин самт оид ба иҷрои уҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои онҳо нисбат ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои аъзоёни оила ба роҳ монда шавад.

2. Бо мақсади ҳамоҳангсозии ҳамкории мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, инчунин, ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар самти татбиқи сиёсати иҷтимоӣ–ҳуқуқӣ оид ба мубориза бо зӯроварӣ дар оила, ҳамчунин, аз рӯйи самти ҳимояи иҷтимоӣ–ҳуқуқии ҳифзи манфиатҳои оила, занон ва кӯдакон, Шурои ҳамоҳангсозанда оид ба муқовимат бо зӯроварӣ дар оила таъсис дода шавад. Вазифаҳои асосии таъсис ва фаъолияти ин шуро, аз ҷумла, метавонанд таҳия ва дар амал татбиқ намудани системаи байниидоравии ҳифзи аҳолӣ, хусусан занон ва кӯдакон аз зӯроварӣ дар оила; назорати фаъолияти мақомоти ҳудудии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқии вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, дар таҳияи ҳисоботи солона оид ба вазъи иҷтимоию иқтисодии оила, занон ва кӯдакон; омӯзиши таҷрибаи кори мақомоти ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия оид ба масъалаҳои марбут ба салоҳияти он; назорат аз болои додани имтиёзҳо ва кафолатҳои иҷтимоӣ, ки қонунгузории ҷорӣ барои оилаҳо, занон ва кӯдакон пешбинӣ кардааст; иштирок дар омодагӣ ва баргузории конфронсҳо, семинарҳо ва вохӯриҳо оид ба мушкилоти зӯроварӣ дар оила; бо тартиби муқарраршуда ба мақомоти қонунгузор ва иҷроия; пешниҳодҳо оид ба ҳалли мушкилоти мушаххаси беҳбуди вазъи оила, занон ва кӯдакон ва решакан кардани зӯроварӣ дар оила ва дар маҷмуъ ҷомеа;

тибқи тартиби муқарраршуда комиссияҳои муваққатӣ, гуруҳҳои корӣ аз ҳисоби олимон, мутахассисон, аз ҷумла, намояндагони мақомоти давлатӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои омода намудани пешниҳодҳо оид ба ин масъалаҳо таъсис дода шаванд.

3. Барои пурра фаро гирифтан ва ба натиҷаи назаррас ноил гардидан, чорабиниҳои пешгирикунанда барои беҳтар намудани вазъи оила бояд бо омилҳои зерин амалӣ карда шаванд: 1) муайян кардани оилаҳои носолим; 2) ташхиси мушкилоти дар оила пайдогардида; 3) татбиқи чораҳои пешгирикунанда барои муътадил намудани микромуҳит дар оила; 4) андешидани чораҳои таъсиррасонии маъмурӣ ва ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ нисбати шахсоне, ки дар оила ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷинояти хусусияти зӯроваридоштаро содир мекунанд. Муайян кардани оилаҳое, ки дар онҳо муноқишаҳои оилавӣ, рафтори хашмгин ва зӯроварии аъзоёни он васеъ паҳн шудаанд.

4. Бо мақсади пурзӯр намудани мубориза бар зидди такрорсодиршавии зӯроварӣ дар оила, ба субъектҳои пешгирӣ самтҳои асосии фаъолияти пешгирикунанда пешниҳод карда мешаванд:

– сари вақт ошкор кардани ҷиноятҳои зӯроварӣ дар оила, таъмини эҳтимолии баланди ҷазо барои ҷинояткорон; интихоби чораҳои пешгирикунанда барои пешгирии идомаи ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила; **[13–М]**

– таъини ҷазое, ки ба хусусият ва дараҷаи хавфи иҷтимоии ҷинояти дар оила содиршуда ва шахсияти ҷинояткор, ангезаи ҷиноят мувофиқ бошад;

– татбиқи чораҳо оид ба офиятбахшии иҷтимоию равонии шахсони аз ҷойҳои ҳабс озодшуда (иҷрои корҳои омодагӣ ҳатто пеш аз ба охир расидани муҳлати ҷазо ва дар ҳамкории зич бо мақомоти корҳои дохилии маҳалли зисти гумонбаршудагони озодшаванда;

– сохтмони манзилҳои муваққатӣ барои қурбониёни зӯроварии оилавӣ ва рушди муассисаҳои кумаки иҷтимоӣ барои шахсони зикргардида;

– васеъ намудани низоми муассисаҳои махсуси таълимӣ, тиббӣ, барои кӯдакон ва наврасони дорои рафтори ғайриҷамъиятӣ; таҳия ва татбиқи чораҳо оид ба таъмини ҳифзи иҷтимоии ноболиғон ва ҷавонони қаблан маҳкумшуда**[5–М];** таъсиси кафолатҳои давлатии шуғли онҳо новобаста аз вазъи бозори меҳнати кишвар.

**5. Чунин чораҳои махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оиларо пешниҳод кардан мумкин аст:**

1. Чораҳои пешгирии ҳолатҳое, ки сабаби содир гардидани ҷинояти хусусияти зӯроваридошта дар оила мегарданд;

2. Чораҳои аз байн бурдани зӯроварӣ дар оила;

3. Чораҳои мурофиавӣ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳои хусусии айбдоркунӣ дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ;

5. Чораҳои таҳлилӣ дар оилаҳое, ки дар онҳо кирдори зӯроварона содир мегардад;

6. Чораҳои дигари махсуси криминологии пешгирии зӯроварӣ дар оила.

Умуман, барои ба натиҷаи назаррас ноил гардидан дар пешгирии зӯроварӣ дар оила ва кам кардани ҷиноятҳои хусусияти зӯроваридошта дар оила, зарур аст, ки системаи ягонаи муқовимат бо зӯроварӣ дар оила таҳия карда шавад. Дар он фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судҳо, муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ муттаҳид гарданд. Дар баробари ин, мо бояд на танҳо дар бораи як самти муайяни фаъолияти онҳо, бе дарназардошти ҷаҳонишавӣ ва омезишёбии муносибатҳои оилавӣ сухан гӯем, балки дар бораи рушди технологияи иҷтимоӣ ва рушди муносибатҳои оилавӣ, ҳамзамон, таърихи оиладорӣ дар минтақаҳои алоҳида, ки фаъолияти намояндагони сохторҳои гуногуни давлатӣ ва ҷамъиятиро муттаҳид мекунад, пешниҳод намоем.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забони тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2016.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998, №684 (бо забони тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе 2019.
3. Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» [Матн] // АМО ҶТ. – 2013, №3, м.197.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ» [Матн] // АМО ҶТ. 2011, №3, м.155: 2014, №7, ч.1, м.387.
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2014, №294 дар бораи «Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014–2023» [Матн].
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] аз 30.12.2015, №801.
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.05.2010, №269.
8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2014, №690.
9. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» [Матн] аз 03 декабри соли 1999, №5. – Душанбе.
10. «Эъломияи умумии хуқуқи инсон» [Матн] 10 декабри соли 1948 аз тарафи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидааст.
11. «Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак» [Матн] 10 декабри соли 1948 аз тарафи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидааст (Конвенсияи мазур аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон 26–уми октябри соли 1993 ба тасвиб расида, аз 25–уми ноябри соли 1993 барои Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор пайдо кардааст).

12. «Эъломия оид ба нест кардани зулм (таҷовуз) нисбати занон» [Матн]. Бо резолютсияи 48/104 аз 20 декабри соли 1993 дар Ассамблеяи Генералии СММ қабул гардидааст. (Бо сабаби он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон санади мазкурро қабул накардааст, дар ҷумҳурӣ эътибори меъёрӣ–ҳуқуқӣ надорад).
13. «Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои таъбиз нисбати занон» [Матн]. Бо резолютсияи 34/180 аз 18 декабри соли 1979 қабул гардидааст.

**II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ**

14. «Факторы формирования крепкой семьи и репродуктивного здоровья в Республике Узбекистан». Социологическое исследование [Текст]. ИСИ. ЮНФПА, 2015.
15. Mendelsohn B. Un horizon nouveau dans la science biopsych social: la victimologie. [Техт]: / B. Mendelsohn. – Bucharest, 1947. – 270 p.
16. Sutherland E.H. Criminology [Техт] / Principles of criminology / By the late Edwin H. Sutherland. – 5. ed. / Rev. by Donald R. Cressey. – Chicago etc.: Lippincott, Cop. 1955. – VIII, 646 с.; Philadelphia: J.B. Lippincott Co., 1994. – 643 p.
17. Абельцев, С.Н. Личность преступника и проблемы криминального насилия = Personality of a Delinquent and Problems of Criminal Violence [Текст] // С.Н. Абельцев Фонд содействия правоохран. органам «Закон и право». – М., 2000. – 206 с.
18. Абрамова, А.А. Охрана труда женщин (Справочник по трудовому законодательству) [Текст]: учебник. // А.А. Абрамова. – Москва: Профиздат, 1967. – 96 с.
19. Аванесов, Г.А. Криминология и социальная профилактика [Текст]: Учебник для Акад. МВД СССР // Г.А. Аванесов. – Москва, 1980. – 526 с.
20. Агапов, Е.П. Семьеведение: учебное пособие / Е.П. Агапов, О.А. Нор–Аревян. – М.: Изд-во Дашков и К°, 2012. – 400 с.

21. Алексеев, А.И. (1937–). Криминологическая профилактика: теория, опыт, проблемы: учебник [Текст] // А.И. Алексеев, С.И. Герасимов, А.Я. Сухарев. – Москва: Норма, 2001. – 481 с.
22. Антонян, И.Б., Бойко, В.А. Верещагин Насилие среди осужденных [Текст]: учебное пособие / Под ред. Ю.М. Антоняна. М-во внутр. дел Рос. Федерации, Всерос. НИИ. – М.: ВНИИ МВД РФ, 1994 (1995). – 215 с.
23. Антонян, Ю.М. Насилие. Человек. Общество: учебник [Текст] / Ю.М. Антонян. – М., 2001. – 247 с.
24. Антоняна, Ю.М., Милюкова, С.Ф. Человек против человека. Преступное насилие: учебник [Текст] / Под общ. ред. – Санкт–Петербург: М–во внутр. дел России, Всерос. НИИ, 1994. – 164 с.
25. Баҳриддинов, С.Э. Криминология [Матн]: Васоити таълимӣ / С.Э. Баҳриддинов. – Душанбе, 2013. – 187 с.
26. Березкина, О.П. Социально-психологическое воздействие СМИ [Текст]: Учебное пособие / О.П. Березкина. – М.: Изд-во Академия, 2009. – 239 с.
27. Берковиц, Л. Агрессия: причины, последствия и контроль. Учебник [Текст] // Л. Берковиц; [пер. А. Боричев, Л. Царук, Л. Ордановская]. – Санкт-Петербург: прайм-ЕВРОЗНАК, 2007. – 510 с.
